Мо бояд наслҳоеро тарбия намоем, ки ояндаи давлату миллатро ба дӯш гирифта, амнияту субот ва ободиву пешрафти Ватани маҳбубамонро таъмин карда тавонанд ва кору фаъолияти падарони шухратманди худ – Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Шириншо Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ва садҳо бузургону фарзонаҳои дигарро бо садоқат ба миллат ва давлати хеш идома бахшанд.

Эмомалӣ РАҲМОН

# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА** - вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Абдулло РАҲМОНЗОДА** - ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА** - муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА** - муовини вазири маориф ва илм
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА** - муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА** - директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ** - раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА** - президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА** - ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулхия НОЗАКЗОДА** - раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм
**Бахром ИСМОИЛЗОДА** - сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА** - сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ** - сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА** - директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР
**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОХ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА** - узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ** - номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА** - муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД** - муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ** - номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО



**Маорифи Тоҷикистон**

**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 6892 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№6**

**№6 (242), 2025**

# М У Н Д А Р И Ч А


**РАҲНАМО**

Ваҳдату ягонагӣ равшангари роҳи мардуми шарифи тоҷик ба сӯйи ободиву созандагӣ ва пешрафту тараққиёт
*(Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 28-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ)* ....................3

Тиргон – рамзи гиромидошти ростиву ҳақиқат
*Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Тиргон*................6

**ИСТИҚБОЛ**

Л. НАЗИРӢ. Ҳар кӣ бо меҳру вафо бар халқ хидмат мекунад....................8

**СОЛИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО**

М. АКРАМОВ, Ҷ. ИСМАТОВ. Мушкилоти таъмини инсоният бо оби тоза....................11

**ТАҶЛИЛ**

Б. ҶАҲОНГИР. Таъмини ҳуқуқи кӯдак – масъулияти аҳли ҷомеа....................14

**РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ КӮДАКОН**

Б. ҒАНИЕВА. Кӯдакон – имрӯзу фардои миллат....................16

**ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ**

А. ОДИНАЕВ. Рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ва технологияҳои инноватсионӣ..........18

**ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ**

А. ЮНУСОВ. Роҳҳои баланд бардоштани маърифати экологӣ....................21

**МИЗИ ГИРД**

С. НАБИЗОДА. Китоби дарсӣ: афзалияту норасоиҳо....................23

**СОЛГАРД**

Н. САИД. Пайдоиш ва ташаккули инсон дар фалсафаи Абуалӣ ибни Сино....................27

**ИДОРАКУНӢ ВА ИҚТИСОД**

Т. ҒАНИЕВ. Асосҳои назариявӣ-методии идоракунии фарҳанги сарватшиносиву созандагӣ дар менеҷменти муосири касбӣ....................34

**ИДЕОЛОГИЯ**

М. АЛИХОНОВА. Психологияи иҷтимоии терроризм ва тадбирҳои пешгирикунанда нисбат ба он....................39

**ТАРБИЯИ ИСТЕЪДОДҲО**

Ф. ҲОТАМОВ. Ташаккул ва рушди хонандагони болаёқат....................43

**БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОНИ АДАБИЁТИ ТОҶИК**

Б. МАҚСУДЗОДА. Эъҷоз ва нодиракории Ҳофиз....................46

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

Ҳ. БЕГИМОВ. Ташаккули омодагии омӯзгорони оянда....................53

**БИОЛОГИЯ**

Ф. НАЗАРОВА. Нақши маҳфили фаннӣ дар рушди тафаккури хонанда....................56

**САНАД**

Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045.......58

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Ҳ. ҲОМИДОВ. Муаммои «Дониш»....................64

# ВАҲДАТУ ЯГОНАГӢ РАВШАНГАРИ РОҲИ МАРДУМИ ШАРИФИ ТОҶИК БА СӮЙИ ОБОДИВУ СОЗАНДАГӢ ВА ПЕШРАФТУ ТАРАҚҚИЁТ

*Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 28-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ*

27.06.2025, шаҳри Хоруғ




**Ҳамватанони гиромӣ!**

Бо эҳсоси ифтихор ва арҷгузории амиқ ба арзишҳои муқаддаси сулҳу оромӣ ва суботи комили сиёсӣ дар Тоҷикистони маҳбубамон кулли мардуми шарифи кишвар ва ҳамаи шумо – ҳозирини арҷмандро ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ самимона табрик мегӯям. Ин санаи муҳим, ки мо ба он маҳз ба шарофати ақлу хирад ва иродаи қавии мардуми сарбаланди мамлакат расидем, оғози марҳалаи нав дар таърихи давлатдории мо гардид. Ваҳдати миллӣ барои мо на танҳо рамзи сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ, балки омили асосии рушди устувори ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат мебошад.

Дар шароити мураккаби ҷаҳони имрӯза, ки таҳдиду хатарҳои гуногун, бӯҳронҳои геополитикиву геоиқтисодӣ ва дигар равандҳои печида хоси он мебошанд, нигоҳ доштани фазои сулҳу субот ва таҳкими ваҳдати миллӣ вазифаи муқаддаси ҳар фарди бедордилу ватандӯст ба ҳисоб меравад. Миллати фарҳангиву тамаддунсози тоҷик аз оғози таърихи ташаккулёбии худ пуштибону тарғибгари фарҳанги сулҳ ва ойини сулҳофарӣ буд. Ҳанӯз 2500 сол пеш шоҳаншоҳи

бузурги ориёӣ – Куруши Кабир дар эъломияи худ, ки ҳамчун аввалин эъломияи ҳуқуқи башар дар ҷаҳон шинохта шудааст, сулҳро аз ҷумлаи арзишҳои олидараҷае шуморидааст, ки амнияти башарро таъмин мекунад. Мо, ки ворисони мероси ҷовидонаи ниёгони некноми худ мебошем, ҳанӯз беш аз сӣ сол қабл фаъолияти шабонарӯзиро ба хотири қатъи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва таъмин намудани сулҳ оғоз кардем. Зеро барои мо ҳифзи истиқлоли давлатӣ, якпорчагии Ватан, наҷоти миллат аз парокандагӣ ва ҳифзи давлат аз хатари нестшавӣ масъалаи муҳимтарин ва ҳаётӣ ба шумор мерафт.

Тавре ки ҳамватанони калонсол ва миёнсоли мо дар хотир доранд, дар он айёми даҳшатноку пурфоҷиа қариб як миллион нафар ҳамватанони мо аз тарси ҷони худ ва аҳли оилаашон ба кишварҳои дигар гуреза шуданд. Яъне хатари пароканда гардидани миллати тоҷик ва вобаста ба ин, аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ба воқеияти талхи рӯз табдил ёфта буд. Мо ба майлу ирода ва дастгириву пуштибонии мардумамон ва ба хотири аз ноумедиву оворагӣ наҷот додани онҳо дар як муддати кӯтоҳ қариб як миллион нафар ҳамватанонамонро ба Ватан ва маҳалли зисташон баргардонидем. Ин корро мо барои он анҷом додем, ки миллати мо, мардуми мо дар ба дари дигарон сарсону овора ва дастнигару бечора нагарданд, сарҷамъ шаванд, ваҳдат кунанд, давлати соҳибистиқлол, Ватани азизи худ – Тоҷикистон ва хонаву кошонаи хешро обод созанд. Агар мо ба ин масъала аз диди имрӯз назар андозем, аҳаммияти корҳои он рӯзҳо анҷомдодаамонро боз ҳам беҳтару равшан мебинем. Яъне агар мо ин корро анҷом намедодем, тасаввур карда метавонед, ки ҳолу аҳволи миллати мо ва мардуми дар кишварҳои дигар паноҳбурдаи мо чӣ мешуд? Фикр мекунам, ки шарҳи минбаъдаи ин мавзӯъ, бо дарназардошти равандҳое, ки мо ҳоло дар ҷаҳон мушоҳида мекунем, ҳоҷат надорад. Маҳз барои ҳамин мо ҳамеша ҷонибдори ҳалли мусолиматомез, яъне бо роҳи осоишта ҳаллу фасл гардидани ҳар гуна мухолифату низоъҳо дар ҷаҳон ҳастем, зеро ҷавҳари фарҳанги миллати бостонии моро сулҳу осоиш ва инсондӯстӣ ташкил медиҳад.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Дар заминаи ваҳдати миллӣ барқарор гардидани амнияту субот ба мо имкон дод, ки барномаҳои муҳимми рушди иқтисодиву иҷтимоиро амалӣ намуда, дар ҷодаи татбиқи ҳадафҳои стратегиамон қадамҳои устувор гузорем. Ба шарофати сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат имрӯз сатҳу сифати зиндагии мардумамон пайваста боло меравад ва шаҳрвандони Тоҷикистон ба хотири фардои ободи Ватан ва ояндаи дурахшони фарзандону набераҳои худ ба заҳмати созандаву ободгарона машғуланд.

Ҳоло Ҳукумат ва мардуми кишвар тамоми саъю талош ва захираву имкониятҳои худро ба хотири амалисозии ҳадафҳои стратегии миллӣ сафарбар кардаанд. Ҳамчунин, бояд гуфт, ки ба шарофати ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсӣ обрӯи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ рӯз ба рӯз боло меравад.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дар ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра пешсаф мешиносад, эътироф мекунад ва ташаббусҳои онро дастгириву амалӣ месозад. Конфронси сатҳи баланд доир ба ҳифзи пиряххо, ки чанд рӯз пеш дар пойтахти кишварамон доир гардид, далели возеҳи ин гуфтаҳо мебошад. Мо имрӯз дар доираи сиёсати «дарҳои кушода» бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд барқарор кардаем.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Ҳоло Тоҷикистони мо дар марҳалаи рушди устувор қарор дорад, ки яке аз нишонаҳои возеҳи он бунёди роҳҳои мутобиқ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Дар робита ба ин, мехоҳам бо ифтихор хотирнишон намоям, ки шоҳроҳҳои нави нақлиётӣ ҳамчун пайвандгари сокинони ҳамаи гӯшаву канораҳои кишварамон рамзи асосии ваҳдати миллӣ ба ҳисоб мераванд. Тасаввур кунед, ки мардуми мо садсолаҳо аз чунин имкониятҳои мусоиди рафтуомад маҳрум буданд, ки чунин ҳолат, албатта, ба мафкураву рӯҳияи одамон, ба ҳисси наздикии онҳо ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа бетаъсир намемонд.

Мо имрӯз ифтихор мекунем, ки аз баракати истиқлоли давлатӣ ва сулҳу суботи комил тавонистем Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид табдил диҳем. Бунёди шоҳроҳҳои замонавӣ, аз ҷумла тавассути ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки ду рӯз пеш як қитъаи асосӣ ва бисёр муҳимми онро дар ҳудуди ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ ифтитоҳ намудем, ҳоло Тоҷикистонро ба кишвари транзитӣ табдил додааст. Бо оғози рафтуомад тавассути ин роҳ, яъне

шоҳроҳи Қалъаихумб – Ванҷ – сарҳади Рӯшон, ки пештар 4 – 5 соатро дар бар мегирифт, имрӯз ин масирро дар фосилаи якуним соат тай кардан мумкин аст. Ин омил, яъне роҳҳои замонавӣ яке аз шартҳои муҳимтарини рушди муназзаму устувори кишвар ва боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи некуаҳволии мардуми мамлакат, аз ҷумла сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Ду рӯз пеш, ҳамчунин, неругоҳи барқи обии «Себзор» дар ноҳияи Рошткалъа бо тавоноии 11 мегаватт, ки бо харҷи беш аз 700 миллион сомонӣ бунёд гардидааст, ба фаъолият оғоз намуд. Неругоҳи мазкур иқтидори энергетикии вилоятро 25 фоиз афзоиш дода, маҳдудияти интиқоли неруи барқро дар соатҳои сарборӣ барои аҳолӣ ва корхонаҳои саноатӣ бартараф месозад.

Боиси сарфарозиву қаноатмандист, ки имрӯз ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ, ифтихор аз Ватани соҳибихтиёру озод, пос доштани мероси таърихиву арзишҳои фарҳангӣ ва дарки масъулияти шаҳрвандии мардуми тоҷик бамаротиб густаришу тақвият ёфтааст ва ин падидаи нек моро ба ояндаи дурахшони ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ умеди қавӣ мебахшад.

Мо Рӯзи ваҳдати миллии имсоларо дар айёме ҷашн мегирем, ки дар саросари мамлакат кору пайкори созандагӣ ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистон босуръат идома дошта, неруи иқтисодии давлати тоҷикон ва фарҳанги сиёсии миллати тоҷик таҳкиму тавсеа ёфта истодааст. Ҳоло мардуми кишварамон амиқан дарк кардаанд, ки истиқлоли давлатиро танҳо бо заҳмати аҳлонаву созанда, тафаккури пешрафтаву ҷаҳонбинии муосир, эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва масъулияти баланди шаҳрвандӣ метавон тақвият бахшид.

Дар шароити ҳозира ҳар як фарди худогоҳи мамлакатро зарур аст, ки барои дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ ва расидан ба қадри истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ тарбия кардани фарзандони худ, яъне наврасону ҷавонон саъю талош варзад. Мо бояд наслҳоеро тарбия намоем, ки ояндаи давлату миллатро ба дӯш гирифта, амнияту субот ва ободиву пешрафти Ватани маҳбубамонро таъмин карда тавонанд ва кору фаъолияти падарони шуҳратманди худ – Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Шириншо Шоҳтемур, Нусратулло Махсум ва садҳо бузургону фарзонаҳои дигарро бо садоқат ба миллат ва давлати хеш идома бахшанд.

Бо умеди ояндаи боз ҳам ободи Тоҷикистони маҳбубамон бори дигар кулли ҳамватанони азиз, сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шумо – ҳозирини арҷмандро ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо саломативу иқболи баланд, хонаи обод, барору муваффақият ва ба Тоҷикистони азизамон оромиву субот ва ваҳдати ҷовидонӣ орзу менамоям.

Бигзор, ваҳдату ягонагӣ дар сарзамини аҷдодиамон ҳамеша равшангари роҳи мардуми шарифи тоҷик ба сӯйи ободиву созандагӣ ва пешрафту тараққиёт бошад.

**Ҷашни ваҳдату ҳамбастагӣ муборак, ҳамватанони азиз!**

Чист миллат? - Ваҳдати дунёи мост,
Дӯши мо, имрӯзи мо, фардои мост.
Аз саводаш дидаи мо равшан аст,
Дар ҳисораш ҳастии мо эман аст.
Решаи ҷонҳост дар ҳам бофта,
Риштаи ҷонҳост дар ҳам тофта.
Аз пари Симурғи тавҳидаш қалам,
Мераҳонад ҳасти моро аз адам.

**Рустам ВАҲҲОБЗОДА**

# ТИРГОН – РАМЗИ ГИРОМИДОШТИ РОСТИВУ ҲАҚИҚАТ

*Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Тиргон*

22.06.2025, шаҳри Душанбе



**Ҳамватанони гиромӣ!**

Фарорасии ҷашни бостонии Тиргон – ёдгори пурарзиши тамаддуни бостонии ориёиро ба ҳамаи шумо самимона табрик менамоям.

Тиргон дар радифи Наврӯзу Меҳргон ва Сада аз куҳантарин ҷашнҳои мардуми мо ба шумор меравад.

Ин ҷашн мутобиқи солшумории қадимаи ориёӣ дар рӯзи 13-уми моҳи Тир, ки он рӯзро низ Тир меномиданд, баргузор мешуд.

Ҷашни Тиргон ҳамчун рамзи борону сарсабзӣ, меҳрварзӣ ва гиромидошти ростиву ҳақиқат дар боварҳои деринаи ниёгони мо реша дорад ва баёнгари пайванди амиқи инсон бо табиат ва муҳити зист мебошад.

Ин ойини бостонӣ ифодакунандаи арзишҳои ҷовидонаи инсонӣ – умед ба фардои нек, сулҳу дӯстӣ ва ҳамбастагиву ҳамкории фарҳангу ойинҳои гуногуни башарӣ ба ҳисоб меравад.

Дар шароити пурҳаводиси ҷаҳони муосир посдории чунин арзишҳо беш аз ҳар замони дигар метавонад таконбахши талошҳои муштарак барои тақвияти дӯстиву ҳамкории тамаддуну фарҳангҳо ва дар айни замон ҳифзи мероси маънавии миллии мо бошад.

Ҷашни Тиргон яке аз муҳимтарин ҷашнҳои тоҷикон мебошад, ки аз шебу фарози садсолаҳо ва ҳодисоти мураккаби рӯзгор гузашта, то ба рӯзгори мо расидааст.

Яъне Тиргон пайвандгари наслҳои имрӯза бо расму ойин ва суннату анъанаҳои гузаштагон аст.

Таҷлили он аз замонҳои қадим то ба имрӯз ҷузъи таркибии ҳувияти миллии тоҷикон мебошад.

Ниёгони мо бо баргузории ин ҷашн ҳам шукронаи неъматҳои табиатро ба ҷой меоваранд ва ҳам дар байни ҷомеа тоза нигоҳ доштану истифодаи оқилонаи обро ҳамчун неъмати ҳаётбахш тарғиб менамуданд.

Бояд гуфт, ки об дар фарҳанги суннатии мардуми тоҷик аз замонҳои қадим то имрӯз ҷойгоҳи хос дорад.

Ниёгонамон дар айёми ҷашни Тиргон хонаҳоро об пошида, покиза мекарданд, гандуми ҳосили навро орд карда, нону таомҳои гуногун мепухтанд, дастархони идонаи худро бо анвои нону меваҷот оро медоданд ва беҳтарин навъҳои маҳсулоташонро ба намоиш мегузоштанд.

Тиргон, ки дар кишварамон ба шарофати истиқлоли давлатӣ бо тамоми суннатҳои деринааш эҳё гардидааст, ҳоло ба ҷашни миллии мо – тоҷикон ва рамзи худшиносиву ифтихори миллӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмии мардум ва пайванди наслҳо табдил ёфтааст.

Ҳамчунин, боиси ифтихор аст, ки ҷашнҳои миллии мо – Наврӯз, Сада ва Меҳргон ҳоло мақоми байналмилалӣ гирифтаанд.

Орзумандем, ки ҷашни Тиргон низ дар наздиктарин фурсат ба чунин мақом сазовор гардад.

Дар ин росто, моро зарур аст, ки хусусиятҳои барҷаста ва манфиатовари онро боз ҳам бештар тарғибу ташвиқ намоем.

**Ҳамватанони азиз!**

Аҳаммияти об дар замони мо хеле муҳим арзёбӣ гардида, яке аз масъалаҳои глобалии сайёра ба шумор меравад.

Созмони Милали Муттаҳид се ташаббус ва пешниҳоди Тоҷикистонро доир ба ҳифзу истифодаи оқилонаи захираҳои об қабул кард, ки қатъномаҳои дар ин масъалаҳо қабулкардаи ин созмони бонуфузи байналмилалӣ бо дастгирии кишварҳои ҷаҳон амалӣ шуда истодаанд.

Ташаббуси навбатии кишвари мо доир ба ҳифзи пиряххо, ки бо масъалаи ҳифзу истифодаи оқилонаи захираҳои об, робитаи мустақим дорад, ҳамчунин, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд ва Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон гардид.

Мехоҳам бо қаноатмандиву ифтихор иброз намоям, ки ин ҳама пешниҳоду ташаббусҳо саҳми кишвар ва мардуми мо дар ҳалли масъалаву мушкилоти глобалӣ ва беҳтар сохтани шароиту имкониятҳои зиндагӣ барои сокинони сайёра мебошад.

Мардуми мо, ки соҳиби суннатҳои бостонӣ ва созандагиву ободкорӣ ҳастанд, беҳуда обро манбаи ҳаёт ва сарчашмаи ободӣ нагуфтаанд.

Ба ин маънӣ, ҷашни Тиргон ойини покиву тозагӣ, ободкориву созандагӣ ва идомаи мантиқии ҷашни Наврӯз мебошад.

Итминон дорам, ки мардуми бонангу номуси кишвар бо истифода аз суннату анъанаҳои деринаи миллӣ тамоми саъю кӯшиши худро минбаъд низ барои боз ҳам ободу зебо гардонидани кишвари азизамон – сарзамини куҳанбунёди аҷдодии хеш равона месозанд.

Фарорасии ҷашни Тиргонро бори дигар ба мардуми шарифи Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Орзумандам, ки арзишҳои неки ҷашнҳои бостонӣ – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони маҳбубамон ҳамеша устувору пойдор бошанд.

**Ҷашни Тиргон муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

**ТОҶИКИСТОН САРЗАМИНИ ВАҲДАТ АСТ**

*Тоҷикистон сарзамини дилрабои ваҳдат аст,*
*Осмонаш файзафшон аз сафои ваҳдат аст.*
*Ҳар гулу ҳар сабзаву ҳар ҷӯяки оби равон*
*Раҳкушову раҳсипору раҳнамои ваҳдат аст.*
*Оби софи чашмаҳои шаҳдрезаш ҷӯ ба ҷӯ*
*Ҳамсуруду ҳамдуруду ҳамсадои ваҳдат аст.*
*Ин куҳанмарзи азизон зодгоҳи бахти мост,*
*Бахти нурафшони мо андар ҷилои ваҳдат аст.*
*Сулҳ чун пероҳани зебост бар андоми халқ,*
*Шаъни мо, пирӯзии мо дар намои ваҳдат аст.*
*Савти ишқ ояд ба гӯш аз тор – тори шаршара,*
*Обшори Меҳани мо – обшори ваҳдат аст.*
*Чун кабӯтар сулҳи тоҷикон парафшон дар самост,*
*Бар ҳама дунё паёми мо салои ваҳдат аст.*
*Он чи фардо парчами моро ба кайҳон мебарад,*
*Дасти азми халқи мо – дасти расои ваҳдат аст.*
*Бегазанду ҷовидонӣ бод он халқе, ки ӯ*
*Сӯи фардояш равона по ба пои ваҳдат аст.*
*Тоҷикистон маркази сулҳу амонии ҷаҳон,*
*Пешвои миллати мо – Пешвои ваҳдат аст!*

**Камол НАСРУЛЛО**

# ҲАР КӢ БО МЕҲРУ ВАФО БАР ХАЛҚ ХИДМАТ МЕКУНАД...



**Латофат НАЗИРӢ – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДМТ**

> **Ваҳдат рамзи воқеӣ ва ҷавҳари фалсафаи сулҳофарӣ, фарҳангсолориву таҳаммулпазирии миллати тоҷик ва таҷассумгари иттиҳоду ҳамбастагии тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад.**
>
> ***Эмомалӣ Раҳмон***

Дар даврони соҳибистиқлолӣ мафҳумҳои «ваҳдат», «сулҳ», «якдилӣ», «ягонагӣ», «иттиҳод» «иттифоқ» ва «дӯстию бародарӣ» барои ҳар як сокини кишвар муқаддас ва омили сарҷамъӣ гардидааст. Воқеан, ваҳдати тоҷикон ҳамчун омили муттаҳидии миллат аз тарафи ҷомеаи мутамаддин пазируфта шуда, он ба ташкили давлати демократию ҳуқуқбунёд дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ асос гузошт.

Мафҳуми «ваҳдат» категорияи фалсафии қадима буд, метавон онро ба маънии «ягонагӣ аз ҷиҳати фикру ақида, як будани мафкура» фаҳмид. Ягонагии андеша, назар, мақом, мавқеъ дар низоми хонавода, маҳал, муҳити корӣ ва фазои ватану кишвар омили рушд, оромӣ, солимии ақлу хирад ва пешрафти сатҳи илмию касбӣ дар ҷомеаю давлат хоҳад шуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдаи миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар маросими таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар ноҳияи Рашт (27 июни соли 2006) қайд намудаанд: **«Бо гузашти солҳо мо аҳаммияти таърихии ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз, қимати сулҳу субот ва ваҳдати миллиро бештар дарк ва қадр менамоем. Зеро маҳз аз баракати муттаҳид сохтани неруҳои сиёсӣ ва таъмини ризоияти ҷомеа мо пеш аз ҳама, тавонистем истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии Ватани азизамонро ҳифз намоем ва мардуми худро аз парокандагӣ эмин нигоҳ дорем».**

Инак баъд аз 28 сол кулли сокинони кишвар моҳияту баракати Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро дар қалбу тафаккури худ дарк намуданд, ки ваҳдат, ягонагӣ, якмаромӣ, якдилӣ, муттаҳидӣ, дӯстӣ, созиш ва ба ҳам омадани мафкураҳо чи қадар барои инсоният муҳим ва қиматанд.

Маҳз сулҳ, ваҳдат ва ягонагию якмаромии сокинони кишвар бо сарварии Пешвои хирадманду таърихсози худ ба бунёди давлати соҳибистиқлолу демократӣ ва беҳтар гардидани сатҳу зиндагии мардум ва ободии Ватан замина муҳайё намуд. Истиқлоли давлатӣ ва ваҳдати миллӣ ду омили асосии пешрафти ҷомеа маҳсуб ёфта, дар тӯли 34 соли соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи рушди устувор қадам гузошт. Шуҷоату далерӣ, зиракии сиёсӣ, ватандӯстӣ, ҷиддият дар идора ва роҳбарии давлат ба Сарвари тоҷикон имкон дод, ки роҳи орому осоишта, сулҳу ваҳдатро интихоб намуда, миллат ва сокинони кишварро ба осудагӣ ва зиндагии орому пешрафт расонад. Қавиирoдагию далерӣ, матонату ватандӯстии фарзанди фарзонаи миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон ва кулли тоҷиконро ба ҳам оварда, ваҳдати комилро дар кишвар таъмин намуд. Эмомалӣ Раҳмон рисолати таърихии худро ҳамчун Пешво, Сарвар ва фарди ватандӯст на танҳо дар ҳифзи дастоварди



бузурги таърихӣ, балки ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррафӣ намуда, моҳияти таърихии давлату миллат ва мероси бою пурасрори онро ба тамоми инсонияти сайёра расониданд. Ба ҳам омадану созиш кардан, давлату миллат сохтан дар маркази фаъолият ва ҳадафҳои ояндабинонаи Сарвари дурандешу сулҳофари сокинони кишвар меистод, ки онро дар байти зерин метавон хулоса намуд:

***Мо барои васл кардан омадем,***
***На барои фасл кардан омадем.***

Бо ифтихор таъкиду суханҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар бораи аҳаммияти Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ қайд менамоем: **«Созишномаи умумӣ аз лиҳози аҳаммияти фавқулодаи худ бо Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас, Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин сохт».**

Воқеан, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ аз ҷиҳати мавқеъ ва аҳаммияти бузурги худ бо Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамрадиф аст. Агар ба имзо расидани Эъломия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёриро дода бошад, пас, Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ сулҳу субот ва Ваҳдати сулҳу суботи саросарӣ ва ба ҳам омадани тамоми сокинони кишварро таъмин намуд.

Меъмори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таъкид мекунанд, ки **«яке аз сарчашмаҳои воқеии худшиносии миллӣ қабл аз ҳама, бунёди давлати соҳибистиқлол ваҳдати миллӣ, рӯ овардан ба гузаштаи пурифтихор, ҳифзи тамаддуну мероси фарҳангии ниёгон ва поси хотири шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги миллат мебошад. Сабақҳои ибратомӯзи таърих роҳи гузаштаву имрӯзу ояндаро пешорӯи мо қарор дода, чун ҳаками одил гиреҳи бурду бохтҳои силсилаи давлату давлатдориҳои тоҷиконро бароямон мекушояд».**

Аз тадқиқоту омӯзиши муаррихону муҳаққиқон бармеояд, ки тоҷикон ҳанӯз аз замонҳои дури таърихӣ бо ваҳдатсолориву фарҳангпарварӣ ва созандагӣ эҳтироми хос доранд. Омӯзиши арзишҳои маънавию таърихии ниёгон барои ташаккули ғояи миллӣ, худшиносиву худогоҳии насли наврасу ҷавон ва кулли ҷомеа заминаи устувор мегузорад. Академик Муҳаммадҷон Шукурӣ қайд мекунанд, ки: «имрӯз мо, тоҷиконро зарур аст, ки аҷдодро биёмӯзем, то худро бишносем. Ҳеҷ яке аз риштаҳои худшиносии шахс ва ҷомеаро бидуни ёди таърихӣ тасаввур наметавон кард».

Дар ин ҷода Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари безаволи худ «Тоҷикон дар оинаи таърих» таъкид менамоянд: **«Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бойи фарҳангӣ, расму оини ниёгон... огаҳӣ надоранд, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди барӯманди замони худ шуда наметавонанд».**

Аз ин рӯ, донистани таъриху сарнавишти миллат ба ҳар як фарди баномуси ватан муҳим ва зарур аст. Чун сухан оид ба масъалаи ваҳдату баҳамоии тоҷикону сокинони кишвар меравад, оид ба чораҳои таъхирнопазири андешидани роҳбари сиёсии кишвар бояд насли созандаи кишвар маълумоти амиқу таҳлилӣ дошта бошад, зеро маҳз гузаштаю имрӯзаи ҷомеа ба рушди ояндаи он замина мегузорад. Дар китоби ниёгони мо «Авасто» оварда шудааст: «Мо сулҳу саломатиро меситоем, ки ҷангу ситезаро дарҳам бикашад. Бишавад, ки мо бо ҳамаи ростону дурустон, ки дар саросари кишварҳо ҳастанд, ҳамкору анбоз бошем ва ба якдигар муҳаббату ёрӣ намоем». Аз ин ҷо бармеояд, ки замири миллати тоҷик аз азал бо таҳаммулгароӣ, инсонпарварӣ, ҳамкорию дастгирии ҳамдигар сиришта шудааст ва тоҷикон бо ҳамаи инсонҳо ҳамеша дар фазои сулҳу субот ва ҳамраъйиву дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмию таҳаммулпазирӣ зиндагӣ доштаанд ва доранд. Ваҳдати миллӣ моҳият ва арзишҳои худро дошта, ба қадр, муҳтаво ва асолати он расидан худ кори муқаддас ва бузург мебошад. Дар таҳким ва пойдории ваҳдати миллӣ нақш ва мақоми ҷавонон муҳим арзёбӣ мегардад. Ҷавонон неруи созанда ва қувваи фаъолу пешбарандаи ҷомеа

маҳсуб ёфта, бо ақлу заковат, донишу малака ва маҳорати муосири худ метавонанд дар бунёдкориҳою созандагӣ, худшиносию баланд бардоштани ҳуввияти миллӣ таъсири мусбат расонанд.

Маҳз баракати ваҳдати миллӣ аст, ки ҷавонони донишманду фаъолро ба арсаи сиёсат ворид намуда, дар шароити чаҳонишавӣ ҷиҳати муаррафӣ намудани Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи сиёсии чаҳон ва ба корҳои созандагию бунёдкорӣ, болоравии шуури миллӣ ва худшиносиии миллии ҷавонон таъсир гузоштан фаъолона корбарӣ менамоянд. Чунончи, бунёдкорию ободиҳое, ки дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе сурат мегиранд, намунаи беҳтарин иқдомҳо аз роҳбарию сарварии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ мебошад, ки парвардаи даврони истиқлол мебошад. Шаҳри Душанбе тайи солҳои охир ба марҳилаи бунёдкорию созандагӣ қадам гузошта, корҳои зиёди зебо гардонидани пойтахти кишвар, ба кор андохтани иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолиро бо истифода аз неруи касбию ақлии ҷавонони созандаю донишманд таҳким бахшида истодаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ваҳдати миллӣ метавонад чун идеологияи ҷомеаи навбунёд пазируфта шуда, дар роҳи ташаккул додани ҳувияти миллӣ ва таҳкими давлатдории миллии тоҷикон бо истифода аз неруҳои солими ҷавонон ва созмонҳо нақши муассир бозад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар шаҳри Хоруғ бахшида ба солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ изҳор доштаанд: **«... имрӯз вақти он расидааст, ки омӯзиши ваҳдати миллӣ ба сифати унсури меҳварии худшиносӣ ва тафаккури миллӣ ҳамаҷониба таҳқиқ ва тарғиб карда шавад. Дар ин замина, мо бояд дар шуури наслҳои имрӯзу оянда ғояҳои саодатбахши расидан ба қадри истиқлолият ва сабақҳои сулҳу ваҳдатро тавассути барномаҳои фарогир дар байни мардум, алалхусус насли ҷавони кишвар беш аз пеш тарғибу ташвиқ намоем ва ин иқдомро пайваста вусъат бахшем. Тақозои замон низ ҳамин аст, ки консепсияи ваҳдати миллӣ чун қисми таркибиву тавонбахши тафаккури миллӣ эътироф гардида, ҳар як шаҳрванди кишвар ба қадри ин неъмати муттаҳидсози ҷомеа расад ва онро гиромӣ дорад».**

Ватандӯстию ватанпарастӣ, башардӯстӣ, эҳтирому рафоқат, сидқу вафо, ваҳдату ягонагӣ дар тафаккуру андешаи миллати куҳанбунёди тоҷик тайи қарнҳо бунёд ёфта, заминаи муҳимми худшиносию худогоҳӣ, бедорию зиракии мардумро тақозо менамояд. Маҳз идеологияи миллӣ, ифтихори шаҳрвандӣ, эҳтирому арҷ гузаштан ба забони миллӣ, муқаддасот ва арзишҳои таърихию фарҳангӣ заминаи дустӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, баҳамойии тамоми сокинони кишвар хоҳад гашт.

Барои амалӣ намудан ва таъсир расонидан ба тафаккуру андешаи насли наврасу ҷавон нақши мактабу маориф, таълиму тарбия, ташаккули шахсияти ватандӯсту созанда ва эҷодкору нововар муҳим арзёбӣ мегардад. Маърифатпарварию фарҳангсолорӣ дар умқи тафаккури миллати куҳанбунёду тамаддунофари тоҷик нуҳуфта, аҳли маорифи кишварро зарур аст, ки моҳияти ватандорию донишомӯзиро дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тафаккуру андеша ва мавқеи иҷтимоии насли наврасу ҷавон ташаккул диҳанд.

Ваҳдати миллӣ бидуни инкишофи тафаккури таърихӣ, хештаншиносӣ ва ташаккули тафаккури миллӣ ба даст намеояд. Аз ин рӯ, мактабу маориф дар ташаккули тафаккури миллии насли худшиносу худогоҳ пешоҳанг бояд бошад.

Насли наврасу фаъоли ҷомеаро низ зарур аст, ки ҷонфидоию корнома ва мактаби бузурги фарзонафарзандони миллат, мактаби сулҳофарии меъмори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро омӯхта, барои худ ва барои насли ояндаи сабақи зиндагию ҳаётӣ гиранд ва дар хотираи худ суханони зерро нигоҳ дошта, сармашқи зиндагию фаъолияти амалии худ гардонанд:

***Ҳар кӣ бо меҳру вафо бар халқ хидмат мекунад,***
***Номи худро сархати девони миллат мекунад.***

# МУШКИЛОТИ ТАЪМИНИ ИНСОНИЯТ БО ОБИ ТОЗА

**Акрамов МИРОНШОҲ,**
**Исматов ҶАВОНМЕҲР,**
**омӯзгорони география ва биологияи Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент**

**Имрӯзҳо таъминоти оби нӯшиданӣ дар миқёси ҷаҳон ба яке аз мушкилоти глобалӣ табдил гаштааст. Яке аз сабабҳои асосии норасоии оби нӯшиданӣ тағйир ёфтани иқлим дар сайёраи Замин аст. Пиряххои бузургу боазамат тадриҷан об шуда истодаанд. Моҳияти норасоии об торафт бештар ҳис мегардад, ин на аз кам гардидани захираҳои об, балки аз тақсимоти нобаробари захираҳои обист. Дар Тоҷикистон дарёҳо асосан аз баландкӯҳҳо сарчашма мегиранд.**

Барои ба водӣ, ба ҷойи зисти аҳолӣ овардани обҳои тозаи ошомиданӣ маблағи зиёд ва техникаи замонавӣ лозим аст. Яъне, об дар ҷойи зарурӣ кам аст. Аз ин рӯ, дар замони муосир проблемаи ҳифзи об ва сарфаи он ба амал омадааст. Вазъияти экологиро танҳо бо дастҷамъӣ ва камоли кордонӣ ба эътидол овардан мумкин аст. Барои ин маърифати экологиро дар байни аҳолӣ баланд бардошта тарзи дурусти муносибат бо табиат ва истифодаи захираю сарватҳои табииро донистан шарт ва зарур аст.

Барпо намудани системаи иттилоотии давлатии об дар роҳи оқилона истифода бурдани захираҳои обӣ дар ҷумҳурӣ тадбири муҳим мебошад. Дар системаи мазкур маълумот оид ба дарё, кӯл, канал, обанбор, пиряхҳо, дар бораи истифодаи оби онҳоро дар хоҷагии халқ ҷамъбаст карда, ба низоми муайян даровардан муҳим мебошад. Тоза нигоҳ доштани манбаъҳои оби ошомиданӣ барои инсон проблемаи аввалиндараҷа аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз 2000 корхонаи мухталифи истифодабарандаи об мавҷуданд, ки обҳои ифлосшудаи онҳо ба ҷараёнҳои обҳои рӯизаминӣ ҳамроҳ мешаванд, ки назар ба обҳои истифодашаванда тақрибан 20 фоизро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ҳолатҳои бо партовҳои саноатӣ ифлос шудани оби дарё ба назар мерасад. Аз сабаби микдори зиёди партовҳои сахт дар обҳои вилояти Суғд оби аксар маҳалҳо аз меъёрҳои муқаррарӣ зиёд гардидааст. Масалан, дуруштии об аз меъёр ду баробар зиёд мебошад. Чунин об, махсусан, ба организми бачагон бештар таъсири манфӣ дорад. Дар вилояти Суғд қариб 4,53 фоиз, дар вилояти Хатлон 5,94 фоиз, дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 0,84 фоиз, дар ноҳияҳои тобеи марказ 4,7 фоиз бачагон гирифтори бемории санги гурда гаштаанд. Ин ба тағйир ёфтани фаъолияти гурдаҳо ва мубодилаи моддаҳо бар асари гармо ва истеъмоли зиёди он вобаста аст.



Масъалаи дигари марбут ба мавзуъ баландшавии сатҳи обиеризаминӣ дар як қатор ноҳияҳои вилояти Суғд мебошад. Қариб 5000 оила дар ноҳияи Б. Ғафуров зарар диданд. Бар замми баландшавии оби зеризаминӣ, иншооти гидротехникӣ, насосҳои барқии обкаш корношоям шуда, боиси бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо гардид. Шабакаи захбуру захкашҳои солҳои пеш сохташуда имрӯз то андозае фарсуда гашта, аз уҳдаи кашидани оби ба рӯй баромадаро надоранд. Инчунин:

1. Дар қаламрави вилоят дарёҳо ва захираҳои обӣ ба таври нобаробар ҷойгиранд.
2. Аксари дарёҳо дар қисми кӯҳӣ шакл гирифта, то резишгоҳи худ омада намерезанд.

3. Баъзе дарёҳо, ба монанди Қаромазор, Оқсу, Ширинсой, Хоҷабоқирғон характери мавсимӣ доранд.

4. Таъсири инсон ба муҳити атроф афзудааст.

Дар баробари ин, дар табиат таъсири зараровари обҳо низ ҷараён дорад. Ба таъсири зараровари обҳо; ҳаракати тармаҳо дар кӯҳсор ва минтақаҳои нишебӣ, лағжишҳои фалокатовари пиряхҳои ҳаракаткунанда, кӯлҳои баландкӯҳии хатари кандашавидошта, боронҳои сел ва обхезӣ, эрозияи об, тамоюли баландшавии оби заризаминӣ ва боронҳои кислотанок дохил мешаванд.

Ифлосшавии обҳои табиӣ дар натиҷаи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ, хоҷагӣ, рӯзгор, садама ва дигар омилҳо ба амал меоянд. Ба дарёҳои калонтарини дунё ҳар шабонарӯз ҳазорҳо тонна партови саноатии таркибашон моддаҳои заҳрнокдошта мерезанд. Оби баъзе дарёҳоро, махсусан, дар мамолики тараққикарда на танҳо барои нӯшидан, балки барои обёрӣ кардани замин низ истифода кардан манъ шудааст. Инсон обҳои дарёҳо ва кӯлҳоро ифлос намуда, ба онҳо на танҳо партовҳои ифлос, балки обҳои нисбатан тозаи гармкардашударо рехта, ҳарорати онҳоро зиёд мекунад. Дар натиҷаи гармшавии обҳои обанборҳо суръати инкишофи рустаниҳои обӣ тезонида мешаванду норасоии оксиген дар об ба вуҷуд меояд. Дар навбати худ ин ба ҳалокати мавҷудоти зиндаи обӣ оварда мерасонад.

Бо тараққиёти бемайлони илму техника ва бунёди техникаҳои ҳарбию шаҳрвандӣ, истифодаи зиёди маводи сӯхт, неруи атом ифлоскунии обҳои заризаминӣ, рӯизаминӣ ва атмосфериро якбора афзуд. Масалан, ҳангоми парвоз тайёраҳо ё киштиҳои кайҳонӣ миқдори зиёди $CO_2$ ва пайвастҳои узвӣ хориҷ мекунанд, ки онҳо обҳои атмосфериро ифлос менамоянд. Чунин ҳодиса, алалхусус, ҳангоми ҷангҳо бо истифодаи авиатсия бештар мушоҳида мегардад. Манбаи дигари ифлосшавии обҳо, тарконидани бомбаҳои гуногун мебошад. Зимни таркиши бомбаҳо миқдори хеле зиёди моддаҳои заҳрдор хориҷ гардида, ҳам обҳои рӯизаминӣ ва ҳам обҳои заризаминиро ифлос менамоянд. Имрӯз як қатор давлатҳои абарқудрат дар укёнусҳо базаҳои ҳарбӣ сохтаанд. Мавҷудияти базаҳои ҳарбии обӣ боиси заҳролудшавии укёнусҳо мегардад, ки он дар оянда барои ҳаёти умуман мавҷудоти зинда таҳдиди бузург мебошад.

Дар баробари ин, роҳҳои обӣ бемайлон зиёд шуда истодаанд. Ба воситаи ин роҳҳо бисёр кишварҳои дунё нафтро дар танкерҳои бузург интиқол медиҳанд. Ҳангоми садамаи танкерҳо, ки миқдори ниҳоят бузурги нафтро мекашонанд, масоҳати хеле зиёди обҳои укёнусҳо ва баҳрҳо заҳролуд мешаванд, ки хатари бузург барои боқӣ мондани ҳаёт дар оянда мебошад. Масалан, дар нимаи аввали соли 2003 дар соҳилҳои кишвари Испания чунин як танкери нафткашон ба садама дучор гардид, ки он боиси нигаронии аҳли мардумони як қатор кишварҳои дунё гардид. Ҳангоми ҷангҳои беасос ва истилогарона лӯлаҳои нафт вайрон карда шуда, манбаъҳои нафтистеҳсолкунӣ сӯзонида мешаванд. Дар натиҷаи сӯхтани нафт миқдори хеле бузурги омехтаи моддаҳои узвӣ ва ғайриузвӣ ба атмосфера равона гардида, оби атмосфериро олуда менамоянд.

Ифлосшавии обҳои баҳрҳо ба ҳалокати узвҳои хурдтарини рустаниҳо – фитопланктонҳо, ки дар қабати болоии обҳои баҳрӣ муаллақанд ва ҷузви аввали занҷири хӯрокаи мавҷудоти баҳрӣ мебошанд, таҳдид мекунанд. Агар фитопланктон ба ҳалокат расад, пас, захираи оксигени барои инсону ҳайвон зарурӣ бештар аз 2 маротиба кам мешавад. Таъсироти обӣ бо фулузоти вазнин, фторидҳо маҳсулоти нафт ва дигар моддаҳои заҳрогин аз ҷониби корхонаҳои филизсозии ранга ва саноати химия ифлос карда мешаванд. Масъалаи ҳифзи захираҳои обӣ ва тоза нигоҳ доштани онҳо барои ҳамаи давлатҳо ташвишовар аст. Бо суръат пешравии соҳаҳои хоҷагӣ, аз ҷумла, саноат, боркашонӣ ва чорводорӣ боиси ифлосшавии оби дарёҳо гардидааст.

Тоҷикистон як қисми материки бузурги Авруосиё мебошад. Пиряхҳо ва барфҳои доимии кӯҳҳои Тоҷикистон манбаъҳои асосии об барои минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин ҷо қариб ҳамаи захираҳои обии дарёҳои Панҷ, Вахш, Қизилсу, Кофарниҳон, Зарафшон, Бартанг, Ғунд, Ванҷ ва ғайраҳо ташаккул меёбанд. Аз сабаби баланд гаштани ҳарорат, хусусан, дар айёми тобистон ва миқдори ками барф пиряхҳои зиёде пурра об ва ба ғубор мубаддал гаштаанд. Пиряхи дарозтарин ва бузургтарини Осиёи Марказӣ – Федченко то 1-1,5 км об гаштааст. Пиряхи Гармо мунтазам об гашта, ба қисмҳои ҷудогона пароканда мегардад. Аз соли 1932 то соли 2005 ин пирях то 7 км кӯтоҳ шудааст. Пиряхи ҳаракаткунандаи Ҷамъияти Географӣ

– Кашолях мунтазам наздик мешавад. Аз соли 2005 он то 200-500 метр пеш рафта, ба резишгоҳи дарёи Абдуқаҳҳор расидааст. Дар пайкари пирях фурӯравии ях пайдо шуда истодааст, ки ба тағйирёбии маҷро ва пайдоиши кӯли пирях оварда мерасонад. То охири асри XX пиряхи Совукдара дар Помир то 2 км, пиряхи Зарафшон беш аз 1 км кӯтоҳ гаштааст. Пиряхҳои Тоҷикистон минбаъд низ тамоюли кӯтоҳшавӣ доранд, ки он метавонад ба манбаъҳои обии тамоми Осиёи Марказӣ, хусусан, ба деҳот, биёбон ва воҳаҳо таъсири манфии худро расонад[1]. Гармшавии глобалӣ ба манбаъҳои оби Тоҷикистон, бахусус, пиряхҳо аллакай таъсири худро расонидааст. Маҳз захираҳои энергетикии ҷумҳурӣ аз пиряхҳо сарчашма мегиранд. Пиряхҳо 8 ҳазор километри мураббаъ масоҳат доранд. Аммо ин захираҳо тамомнашаванда нестанд. Пешбинӣ шудааст, ки то соли 2050 ҳарорати миёнаи солона то 1,8-2,9$^0$С баланд мешавад ва аз ин сабаб талаботи биологии рустаниҳо барои об 1-10 фоиз зиёд мегардад. Вобаста бо баландшавии ҳарорати гармӣ ҳазорҳо пиряхи майда нест мешаванд. Майдони умумии яхбандӣ то 20 фоиз ва ҳаҷми ях бошад, 25 фоиз кам мегардад. Тағйироти иқлим барои рушди иқтисодиёти кишвар, сарватҳои табиӣ ва пеш аз ҳама, саломатии аҳолӣ оқибатҳои номатлуб оварда метавонад.

Неруи яксолаи захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҷумҳурӣ 527 млрд. кВт-соатро ташкил медиҳад, ки қариб 40-50 фоизи он барои истеҳсоли қувваи барқ имкони техникӣ дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар олам 5-умин давлатест, ки вобаста ба ҳамагуна шакли истифодаи об дастрасӣ дорад. Бинобар ин, маҳз бо ташаббуси Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се конфронси байналмилалӣ бахшида ба масъалаҳои об ташкил ва баргузор гардид. Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии СММ солҳои 2005-2015 Даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» эълон гардид, ки ин ташаббусро 141 давлати дунё дастгирӣ карданд.

Ҳамзамон, дар бораи баҳр-кӯли Арал ва камоб шудану аз байн рафтани он бо нигаронӣ сухан меронанд. Барои наҷоти он ҳар гуна созмонҳои байналмилалӣ таъсис дода шудаанд, маблағҳои калон низ сарф карда мешавад. Воқеан, он хатари калони экологӣ дорад ва ба минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири бад расонида истодааст.

Бидуни андешидани чораҳои қатъӣ ва бетаъхир дар оянда офатҳои табиӣ (селу тарма, жола ва амсоли инҳо) метавонанд хисороти зиёде ба бор оваранд ва сабаби ба таври зиёд паҳн гаштани бемориҳо гарданд. Аз ин сабаб, дар доираи чорабинии Соли байналмилалии қутбӣ иштирок намудани Тоҷикистон, ки соли 1998 Конвенсияи меъёрии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим ба тасвиб расонида буд, зарурати воқеӣ дорад. Ҳадафи асосии Соли байналмилалии қутбӣ муайян намудани тағйирёбии феълӣ ва ояндаи иқлим, баҳодиҳии вазъи муҳити зист ва оқибатҳои ин дигаргунӣ ҷиҳати таҳияи тавсияи амалӣ оид ба рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодии манотиқи қутбӣ мебошад.

Мақсади иштироки Тоҷикистон дар ин чорабинии муҳим аз гирифтани маълумоти тоза оид ба таҳаввулоти гидрометеорологӣ дар кишварҳои баландкӯҳ иборат аст. Доираи фаъолияти тадқиқотчиёни тоҷик вобаста ба ин чорабинии байналмилалӣ дар минтақаҳои кӯҳсор ба роҳ мондани назорати метеорологӣ, биологӣ, тиббӣ, бо ҷалби мутахассисон ва захираҳои техникии созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои ҳамҳудуд дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистону Осиёи Марказӣ гузаронидани экспедитсияи глятсиологӣ (яхшиносӣ), муҷаҳҳазсозии марказҳои обу ҳавошиносӣ ва такмили барномаи фаъолияти онҳо бо мақсади аз нав барқарор кардани назорати пиряхи бузурги Осиёи Марказӣ – Федченко, ҳамкорӣ бо марказҳои ҷаҳонии яхшиносии Россия, Швейтсария, Олмон, муайян сохтани ҳолати системаи экологӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ва монанди инҳоро дар бар мегирад. Чунин ҳадафҳо дар Консепсияи гидрометеорологии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 инъикос ёфтаанд. Ба он, аз ҷумла, вазифаҳои таъмини тамоми инфрасохтори иттилоотии гидрометеорологӣ оид ба вазъи обу ҳавои кӯҳсор дохил мешаванд.

---

[1]Крупнейшие ледники Средней Азии – ледники Федченко и Зеравшанский // Результаты метеорологических и гидрологических исследований. – Изд-во Ленинград.ун-та, 1967. – С. 188-194.

ТАҶЛИЛ

# ТАЪМИНИ ҲУҚУҚИ КӮДАК – МАСЪУЛИЯТИ АҲЛИ ҶОМЕА



**Бобоҷон ҶАҲОНГИР – сардори раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

*(Ба истиқболи 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва таҷлили 1-уми июн – Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон)*

> **Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон натанҳо рӯзи таърихӣ, балки айёми ба ҷомеа ёдовар шудан аз зарурати риоя ва эҳтироми ҳуқуқи кӯдак ва фароҳам овардани шароит барои ташаккули ҷомеаи инсонпарвару адолатпарвар аст.**
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

Ҳамасола 1-уми июн, ки ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон ҷашн гирифта мешавад, фурсати муносиб барои бозбинӣ ва арзёбии тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон мебошад. Басо рамзист, ки таҷлили ин сана ба 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» рост меояд.

Ин санади муҳим, ки соли 2015 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидааст, ҳамчун асоси ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои қонунии кӯдакон дар ҷомеа мавқеи устувор пайдо намуда, аз соли 2015 то соли 2025 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати таърихи таҳкими пояҳои ҳуқуқии ҳифзи кӯдакон дорои аҳаммияти хос аст. Зеро, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ба сифати санади ҳуқуқии миллӣ, ҳадафи асосии худро дар таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии кӯдакон, пешгирии ҳама гуна зӯроварӣ нисбат ба онҳо ва ташкили муҳити амну солим барои рушду тарбияи кӯдакон муайян намудааст.

Қонуни мазкур дар заминаи сиёсату ҳадафҳои миллӣ, иродаи сиёсии Пешвои муаззами миллат ва уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон, аз ҷумла, муқаррароти Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак таҳия гардида, ҳадафи аслии он таъмини шароити муносиб барои зиндагӣ, рушд, таълим, ҳифзи иҷтимоӣ, нигоҳубин, муносибати баробар ва иштироки фаъоли кӯдакон дар ҳаёти ҷомеа мебошад.

Дар тӯли даҳ соли амали қонун иқдомҳои мушаххаси давлативу ҷамъиятӣ роҳандозӣ гардиданд, ки барои беҳтарсозии вазъи кӯдакон дар кишвар замина гузоштанд. Аз ҷумла, муайян намудани Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, таъсиси вазифаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, таъсиси комиссияҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, таҳкими сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар вазорату идораҳо, таҳия ва амалисозии санадҳои зерқонуние, ки бевосита ва ё бавосита ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак равона шудаанд, тақвияти ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва ташкили чорабиниҳои иттилоотӣ аз қабили дастовардҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.



Ҳамзамон, дар ин раванд як қатор стратегия, консепсия, барнома ва нақшаҳои миллии амал қабул ва амалӣ шуда истодаанд. Аз ҷумла:

- Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбат ба кӯдакон барои солҳои 2017-2021;
- Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон барои солҳои 2020-2024;
- Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғон дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодии адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024;
- Барномаи ислоҳоти низоми адолати судӣ нисбат ба кӯдакон барои солҳои 2023-2027;
- Барномаи барқарорсозӣ, ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ намудан ва бо ҷойи кору таҳсил таъмин намудани занону кӯдакони аз минтақаи амалиёти ҷангӣ баргардондашуда барои солҳои 2023-2027;
- Барномаи миллӣ оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028;
- Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045;
- Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038.

Татбиқи амалии қонун имконият дод, ки дар ҷумҳурӣ марказҳои дастгирии оила ва кӯдак таъсис дода шаванд, кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор ба дастгирии иҷтимоӣ фаро гирифта шаванд, маъракаҳои иттилоотӣ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак баргузор гарданд ва ҷиҳати барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон ва зӯроварӣ нисбат ба онҳо қадамҳои устувор гузошта шаванд. Дар баробари ин, маориф, тандурустӣ ҳамчун ду бахши калидӣ, таваҷҷуҳи ҷиддии давлатро ҷалб намуда, лоиҳаҳои зиёде барои беҳбудии шароити таълим ва ҳифзи саломатии кӯдакон роҳандозӣ шудаанд. Ҳамзамон, бо ташаббусҳои пайгиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, лоиҳаҳои зиёде дар самти таъмини дастрасии кӯдакон ба таҳсилоти босифат, хизматрасониҳои тиббӣ ва муҳити бехатар татбиқ гардиданд.

Бо вуҷуди корҳои ба анҷом расида, боз ҳам вазифаҳои зиёд дар пешанд, аз ҷумла, қабули қонун дар бораи васоят ва парасторӣ, қабули барномаи фарогири ҳуқуқҳои кӯдак, таҳкими пурраи низоми адолати судӣ,я дастрасии кӯдакони осебпазир ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, татбиқи механизми оилаи парастор, роҳандозии усулҳои муосири пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткории ноболиғон, мубориза бо ҳама гуна шаклҳои табъиз ва хушунат, таълими ҳуқуқии волидон, омӯзгорон ва густариши иштироки худи кӯдакон дар раванди қабули қарорҳо.

Ҳифзи ҳуқуқи кӯдак вазифаи танҳо давлат нест, балки масъулияти ҷомеа, падару модар ва ҳар як фарди солимфикр мебошад.

Таваҷҷуҳ ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар сиёсати иҷтимоии давлат аз афзалиятҳои калидӣ ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ таъкид намуданд, ки «кӯдаконояндаи миллатанд. Маҳз ба ҳамин хотир давлат ва Ҳукумати мамлакат барои беҳтар намудани шароити таълиму тарбия ва нигоҳубини ҳамаҷонибаи онҳо икдомҳои шоистаро амалӣ менамоянд, то онҳо ҳамчун насли босаводу худшинос ба камол расанд ва оянда дар пешрафти Тоҷикистони азиз саҳми арзанда гузоранд» ва аз ин рӯ, таъмини шароити мусоиди ҳаётӣ барои онҳо вазифаи муқаддаси ҳар фарди ҷомеа мебошад.

Бо дарназардошти ин, таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон дар кишвар ҳамасола бо баргузории маҷмуи чорабиниҳои тарбиявию фарҳангӣ, маърифатию ҳуқуқӣ ва маъракаҳои иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Таҷлили 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» на танҳо далели рушди низоми ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар кишвар аст, балки нишонаи устувории сиёсати давлат дар самти таъмини рушди ҳамаҷонибаи насли наврас мебошад.

Маҳз тавассути таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва эҳтиёҷоти кӯдакон мумкин аст, ки ҷомеаи солим ва давлатдории устувор бунёд карда шавад. Дар ин замина, ҳамкорӣ ва ҳамбастагии сохторҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Имрӯз, ҳар як кӯдак бояд эҳсос кунад, ки ҳуқуқаш эҳтиром мегардад, садояш шунида мешавад ва фардои дурахшон дар интизораш аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ин 10 сол тавассути Қонуни «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва тадбирҳои марбут, иродаи сиёсӣ ва масъулияти иҷтимоии худро дар таъмини ҳуқуқ ва рушди насли наврас собит намуд. Бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон бояд боз як бори дигар таъкид намуд: кӯдакон на танҳо оянда, балки имрӯз ва умеди зиндагии мо мебошанд.



Бунафша ҒАНИЕВА – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# КӮДАКОН – ИМРӮЗУ ФАРДОИ МИЛЛАТ

**1 июн ҳамчун Рӯзи байналмилалии кӯдакон ҳамасола дар аксари кишварҳои ҷаҳон ботантана таҷлил мегардад. Тавре маълум аст, бори нахуст бо қарори Анҷумани Шурои федератсияи байналмилалии демократии занон рӯзи байналмилалии кӯдакон пешниҳод гардид. Созмони Милали Муттаҳид ин ташаббусро дастгирӣ намуд ва соли 1950 дар даҳҳо кишвари ҷаҳон Рӯзи байналмилалии кӯдакон ҷашн гирифта шуд. Созмони Милали Муттаҳид 20 ноябри соли 1989 Конвенсияи ҳуқуқи кӯдакро қабул намуд ва он аввалин ҳуҷҷати байналмилалӣ буд, ки аз ҳуқуқҳои кӯдак дифоъ мекард. Конвенсия дар заминаи принсипҳои бунёдӣ: таъмини манфиатҳои кӯдак, ҳуқуқ ба зистан, манъи табъиз, рушд ва ҳуқуқ ба шунидан асос ёфта, ба ин васила ҳуқуқҳои кӯдакон бояд таъмин карда шаванд.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ Конвенсияи мазкурро соли 1993 ба тасвиб расонд. Инчунин, Конвенсияи созмони ҷаҳонии меҳнат оид ба барҳам додани шаклҳои вазнини меҳнати кӯдакон ва дигар асноди байналмилалиро эътироф намуда, дар ин замина санадҳои дахлдори меъёрӣ-ҳуқуқии кишварро бо муқаррароти онҳо ҳамоҳанг намуд. Дар Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқи кӯдак аз Конститутсия сарчашма гирифта, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ҳифз карда мешавад.

Мавриди тазаккур аст, ки бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи кӯдак ва иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар кишвар як қатор тадбирҳои мушаххас андешида шуданд. ки дар назди Ҳукумати кишвар таъсис ёфтани Комиссия дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз зумраи ин тадбирҳост. Дар баробари ин, Нақшаи миллии амалиёт оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак барои солҳои 2003-2010 ва Стратегияи миллӣ оид ба саломатии кӯдакон ва наврасон барои давраи то соли 2015 қабул гардиданд.




Дар ҷаҳони муосир Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаҳои синнусолӣ давлати ҷавон ба ҳисоб меравад. Тибқи маълумоти оморӣ, беш аз 35% аҳолии мамлакатро кӯдакону наврасон ташкил медиҳанд, ки бевосита тахти ғамхории ҳамешагии давлат қарор доранд. Азбаски Тоҷикистон тибқи Конститутсия, давлати иҷтимоист, бахри ҳифзу ҳимояи иҷтимоии кӯдакону наврасон вазифадор низ мебошад.

Дар Эъломияи ҳуқуқи башар қайд шудааст, ки «кӯдак бинобар норасоии камолоти ҷисмонӣ ва фикрияш ба ҳимояву ғамхории махсус, аз ҷумла, ба ҳифзи ҳуқуқ ҳам дар давраи то таваллуд ва ҳам баъди он эҳтиёҷ дорад». Дарвоқеъ, кӯдакон узви комилҳуқуқи ҷомеа буда, ба зистан,

таҳсил, фароғату истироҳат ва ҳимояи манфиатҳояш ҳуқуқ доранд. Дар баробари ин, кӯдакон ҳуқуқ ба он доранд, ки бояд дар оила, якҷо бо падару модар зиндагӣ кунанд. Кӯдакон ба ғамхории ҳамешагӣ ниёз доранд ва маҳз калонсолон дар бароварда сохтани ниёзҳои онҳо масъуланд.

Ҳуқуқ ба таҳсил муҳимтарин ҳуқуқи кӯдак буда, дар ин маврид дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», моддаи 16, банди 4 чунин омадааст: «Ба синфи якуми зинаи аввали таҳсилот ҷалб кардани кӯдаконе, ки ба синни 7 расидаанд, ҳатмист». Инчунин, дар моддаи 17-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» қайд шудааст, ки кӯдак ба таҳсил ҳуқуқ дорад ва ба ӯ таҳсилоти умумии миёна ва олии касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода мешавад». Дар моддаи 45-и қонуни мазкур омадааст, ки «кӯдаки маъюб ба ҳаёти мукаммал дар шароите, ки шаъну эътибори ӯро таъмин намуда, барои фаъолона шомил шудан ба ҳаёти ҷамъиятӣ ба ӯ мусоидат мекунад, бо кӯдакони солим ҳуқуқи баробар дорад».

Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон на танҳо ҷашн аст, балки рӯзест, ки насли калонсолро хушдор медиҳад, то фаромӯш насозанд, ки масъулияти солимӣ, рушду инкишофи ҳаматарафа, тарбияи маънавию зеҳнии кӯдакон, шароити мусоиди таълиму тарбияи онҳо чи дар оила ва чи дар мактаб, рушду такомули эҷодӣ ва омода намудани онҳо ба зиндагии оянда бар дӯши мост.

Ҳифзи ҳуқуқ, ҳаёт, саломатии кӯдак вазифаи муҳимми давлат маҳсуб ёфта, дар ин самт ҳамкориҳои байналмилалии Ҳукумати кишвар хеле рушд ёфта, Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи кӯдакони СММ дар самти мусоидат ба таъмини риояи ҳуқуқҳои кӯдакон ба таҳсил, истироҳат, саломатӣ ва амалӣ намудани барномаву стратегияҳо равона гардидааст. Бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ ва принсипи таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак қонунгузории ҷумҳурӣ пайваста такмил меёбад.

Кӯдакон сарвати бебаҳо, ояндаи осудаву ободу, умед ба фардои неки миллату давлат маҳсуб меёбад. Ғамхорӣ нисбат ба онҳо вазифаи ҳар як шахс, оила, мактаб, ҷомеа ва давлат аст. Аз ин рӯ, пеш аз ҳама барои кӯдакон бояд падару модар ва калонсолон намуна бошанд. Дар оила омӯзишро ба роҳ мондан замина барои омӯзиш ба мактаб аст. Кӯдакон, ки беҳтарин неъматанд, дар роҳи омӯзиш ҳеҷ чизро аз онҳо бояд дареғ надошт. Кӯдаконро бо меҳру самимият бояд парвариш кард ва рушди маънавии онҳоро дар ҷойи аввал гузошт. Барои рушду ташаккули ҳамаҷонибаи кӯдак ӯ бояд дар фазои меҳру муҳаббат, миёни шахсони наздик ва дилсӯзу меҳрубон ба камол расад ва маҳз онҳо метавонанд барои кӯдаконро ба ҳаёти мустақилона ва узви комилҳуқуқи ҷомеа гаштан омода созанд ва барои ташаккули маънавӣ, ахлоқӣ, зеҳниву ақлонӣ ва ҷисмонии онҳо шароити мусоид фароҳам созанд. Хушбахтона, имрӯз дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо баҳри кӯдакон ҳама шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудааст, то бачагии хушбахтона дошта бошанд.

Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ
Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.
Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон
Баргардонад ӯро, чу хоҳад чунон,
Чу гардад калон, боз натвонадаш,
Ки аз каҷҷию хам бигардонадаш.

**Абӯшакури Балхӣ**

# РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ



**А. ОДИНАЕВ – мудири кафедраи тахсилоти касбӣ ва информатикаи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, номзади илмҳои фалсафа, дотсент**

**Таъмини рушди бонизоми зеҳни сунъӣ, рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ва технологияҳои инноватсионӣ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи давлат буда, дар як муддати кӯтоҳ бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои инфрасохтори иқтисоди рақамӣ ва асосҳои ҳуқуқии соҳа ташкилу тақвият ёфтанд.**

Дар ду даҳсолаи охир рушди рақамӣ ва инноватсияҳо дар иқтисоди глобалӣ дар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, Тоҷикистон, бо суръат пеш рафтааст. Рақамикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёт ва истифодаи технологиҳои нави иттилоотӣ имкониятҳои бузург барои рушди иқтисодиёти кишвар, баланд бардоштани сифати зиндагии мардум ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ фароҳам овардааст. Он ба таври умум ба маънии гузариш аз истифодаи усулҳои анъанавӣ ба истифодаи технологиҳои рақамӣ ва автоматикунонии раванди кор дар соҳаҳои мухталиф мебошад. Воқеан, дар солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кумак ва дастгирии молиявии ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, Бонки Ҷаҳонӣ ва Иттиҳодияи Аврупо, ба рушди инфрасохтор ва технологиҳои иттилоотӣ пешравиҳои зиёд ба назар мерасад. Рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пайванди интернети баландсуръат, дастрасии беҳтар ба иттилоот, ривоҷи бонкдорӣ ва хизматрасониҳои молиявӣ алоқаманд аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рақамикунонӣ тамоюли дигаре – рушди экосистеми инноватсионӣ ба назар мерасад. Ҳукумати Тоҷикистон дар чанд соли охир кӯшиш кардааст, ки



шароити мувофиқ барои рушди стартапҳо, марказҳои илмӣ, муҳандисӣ ва нақшаҳои инноватсионӣ фароҳам оварда шавад. Барномаҳои таълимӣ ва омӯзишии махсус барои ҷавонон, ки хоҳиши ворид шудан ба соҳаҳои технологӣ ва илмиро доранд, як қадами муҳимми дигар дар роҳи рушди инноватсия мебошанд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (28.12.2024) дар баробари дигар самтҳои сиёсати дохилию хориҷии мамлакат таваҷҷуҳ ба иқтисоди рақамӣ ва инноватсия зоҳир карда шуд. Ҳамин буд, ки аз ҷониби Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардид. Ҳамзамон, қайд гардид, ки Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати мунтазам беҳтар гардондани шароити зиндагии мардум нақшаҳои бузурги созандагиро роҳандозӣ карда истодааст.

Дар шароити нави рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, истифодаи самараноки инноватсия ва рақамикунонии иқтисодиёт моро зарур аст, пеш аз ҳама, гузариш бо ин гуна иқтисодиётро дуруст ба роҳ монем, фарҳанги истифодаи технологияҳои рақамиро аз худ намоем.

Айни замон, дар қисмати зиёди давлатҳои пешрафта низоми дурусти истифодаи пардохтҳо ва хизматрасониҳои рақамӣ ба роҳ монда шудааст, ки яке аз роҳҳои рушди он баланд бардоштании фарҳанги молиявии шаҳрвандон мебошад.

Дар ин робита, дар Паёми Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин масъала баррасӣ гардида, қайд шуд, ки «Ташаккул додани маърифати молиявии шаҳрвандон ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷет, аз ҷумла, дар масъалаи гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ барои ноил гардидан ба устувории молиявии давлат ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад». Ҳамзамон, қайд гардид, ки «ба Ҳукумати мамлакат ва вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ ва фарҳанги андозсупории шаҳрвандон чораҳои судмандро амалӣ созанд. Ҳамчунин, Вазорати молия, Бонки миллӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҳалли масъалаҳои вусъат додани истифодаи технологияҳои муосири рақамиро ҳарчи зудтар таъмин намоянд».

Айни замон, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисодии кишвар қадамҳои устувор гузошта, дар панҷсолаи минбаъда вазифаҳои зерин: такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ, то шабакаҳои панҷ - ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси маҳзани мукаммали миллии маълумот, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили маҳзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии маҳзанҳои маълумот, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электрониро афзалият шуморида, барои татбиқи онҳо тамоми имкониятҳоро истифода намуда истодааст.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки яке аз омилҳои рушд ва татбиқи ҳадафмандонаи иқтисоди рақамӣ ва инноватсия тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳа ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки дар низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ равияи омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ ҷорӣ карда шавад. Дар ин раванд муҳайё кардани шароити беҳтарин барои тарбияи кадрҳо, пешниҳод намудани имтиёзҳои гуногун, ҳавасмандгардонии мутахассисони самти технологияҳои иттилоотӣ ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ зарур դониста мешавад.

Дар шароити муосир раванди рақамикунонӣ соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллиро фаро гирифта, ба таъмини ҳамкории мутақобилаи ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, сохторҳои мухталифи фаъолияти соҳибкорӣ, шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ мусоидат менамояд.

Масъалаи рақамикунонӣ ва инноватсия дар маркази диққати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, дар соли 2024 танҳо дар ҷаласаҳои мушовараи вазорат 5 маротиба мавриди баррасӣ қарор дода шуда, доир ба ин самт қарорҳои зарурӣ қабул карда шуданд. Аз ҷумла, бо супориши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони Маркази ҷумҳуриявии технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсияи Вазорати маориф ва илм баҳри татбиқи масъалаи рақамикунонии соҳаи маориф корҳои зиёдеро ба анҷом расонда, ҳуҷҷату асноди заруриро таҳия ва омода намудаанд. Бо саъйю талоши кормандони Марказ дастур таҳти унвони «Харитаи роҳи миллӣ» (рақамикунонии соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳия ва нашр гардид, ки дар самти омӯзиш ва тадриҷан ба воситаҳои дастрасии рақамӣ пайвастани идораю зерсохторҳои Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ, раёсату шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимии шаҳру навоҳӣ нақши муассир ва судманд мегузорад. Дастури «Харитаи

роҳи миллӣ» иқдоми нахустин дар татбиқи рақамикунонии соҳаи маориф ба шумор рафта, бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба табъ расидааст.

Кормандони кафедраи таҳсилоти касбӣ ва информатикаи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф низ мақсад доранд, ки дастури таълимӣ-методии навро барои муассисаҳои таълимӣ дар самти истифодаи фарогири технологияи рақамӣ дар курсҳои такмили ихтисос таҳия ва ба нашр расонанд.

Зимнан, истифодаи инноватсия дар иқтисодиёти кишвар метавонад ба рушди маҳсулоти ватанӣ ва хидматрасониҳо, инчунин, ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва коркарди он кумак расонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ривоҷ додани инноватсия дар соҳаи кишоварзӣ ва саноат, ширкатҳои технологӣ ва муҳандисӣ барои ҳалли масъалаҳои вобаста бо истифода аз расмиёти рақамӣ ва автоматикӣ даъват мешаванд. Масалан, истифодаи системаҳои навини иттилоотӣ барои тақсимоти захираҳои обӣ ва беҳтар намудани раванди кишоварзӣ метавонад ба инноватсия ва рушди устувор кумак расонад.

Ҳарчанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди рақамикунонӣ ва инноватсия тадбирҳои зиёде андешида мешаванд, аммо бо чанде мушкилот низ рӯ ба рӯ мебошанд. Аз ҷумла, монеаҳо дар дастрасӣ ба Интернет дар минтақаҳои дурдаст, нарасидани захираҳои кофӣ барои таҳсил ва омӯзиши мутахассисон дар соҳаҳои навини илм ва технология ва набуди инфрасохтори зарурӣ барои рушди инноватсияҳо аз чунин мушкилот мебошанд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои роҳандозии инноватсия дар маҷмуъ, дар соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ ва технологияҳои иттилоотӣ диққати бештар ба маблағгузорӣ ва дастгирии ташаббусҳои хусусӣ додааст.

Барои мусоидат ба рушди инноватсия ва рақамикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани тадбирҳои зерин зарур мебошад: якум, таҳия ва амалишавии стратегии давлатӣ барои рушди инноватсия ва рақамикунонии бо истифода аз тамоми манбаъҳои мавҷуда; дуюм, диққати бештар додан ба дастовардҳои илмӣ-техникӣ, бахусус, ба таҳқиқоти олимони ҷавон, ки онҳо тавонанд бо навтарин технологиҳои иттилоотӣ ва рушди илми ҷаҳонӣ шиносоии бештар пайдо кунанд.

Бо вуҷуди ин, имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст ва татбиқи саривақтии ташаббуси мазкур имкон медиҳад, ки дар панҷсолаи минбаъда ба раванди мазкур вусъат бахшида шуда, заминаҳои ҳуқуқӣ такмил ёбанд ва санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ қабулу амалӣ карда шаванд.

Инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот ва таъсиси маҳзани мукаммали миллии маълумот инкишоф ёфта, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар рушд ёфта, маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ баланд бардошта мешавад.

Истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ ҷорӣ гардида, амнияти киберии маҳзанҳои маълумот таъмин мешавад. Дар баробари ин, соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ ташаккул меёбад. Дар ин раванд омода кардани барномасозон ва дигар мутахассисони зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ дар низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ амалӣ шуда, тавассути ҳавасмандгардонӣ дар самти технологияҳои иттилоотӣ ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишвар кадрҳои баландихтисоси миллӣ рӯйи кор меоянд.

Хулоса, рақамикунонӣ ва инноватсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як омили асосии рушди иқтисод ва беҳбудии иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Бо вуҷуди монеаҳои мавҷуда, имкониятҳои барои истифодаи технологияҳои нав ва донишҳои илмии замонавӣ фароҳам омада, роҳи рушди устувор ва равшани кишварро боз мекунанд. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусоидатҳои молиявӣ ва омода кардани кадрҳои баландихтисос дар ин самт, кишварамон метавонад дар рушди инноватсия дар ҷаҳони рақамии имрӯза мавқеи муҳим пайдо кунад.

# РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ



Абуалӣ ЮНУСОВ – устоди кафедраи географияи иқтисодӣ ва экологияи ДБССТ

**Мушкилоти экологӣ яке аз масъалаҳои асосии замони муосир дар ҷаҳон ба шумор меравад. Дифоъ аз муҳити зист ё ҳаводорӣ аз он ҷунбиши иҷтимоӣ ва фалсафаи фарогиранда аст, ки пуштибонӣ аз муҳити зист ва посдорӣ аз манбаҳои табииро дар бар мегирад. Ин ҷунбиш ранги сабзро ҳамчун нишони худ мепазирад ва барои муҳофизати манбаҳои табиӣ ва муҳити зист равандҳои сиёсиро таҳти нуфузаш қарор медиҳад. Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки таваҷҷуҳ барои пос доштани табиат миёни мардумони ҷаҳон дар замону макони гуногун пайдо мешуд.**

Масалан, яке аз нахустин навиштаҳои мардумони Ховари Миёна марбут ба посдории муҳити зист дар давраи Инқилоби кишоварзии мусалмони сабт шудааст [1]. Дар Аврупо дар соли 1272, вақте ки шоҳ Эдворди якум сарчашмаи бемориҳоро дарёфт, ӯ дар Лондан сӯзонидани ангиштро манъ карда буд.

Ҳамаи мамлакатҳои олам ба ҳалли масъалаҳои экологӣ аҳаммияти аввлиндарҷа медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳалли масъалаҳои экологӣ ва баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23 декабри соли 2022) оид ба масъалаҳои экологӣ қайд намуданд, ки «Тоҷикистон яке аз давлатҳои дорои захираҳои бузурги истеҳсоли неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза мебошад. Чунонки борҳо таъкид кардаам, ҳоло дар ҷаҳон 98 фоизи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯйи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» кишвари мо дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд... Дар сурати истифодаи неруи барқи «тоза»-и дар кишвар истеҳсолшаванда дар воситаҳои нақлиёти барқӣ метавон талаботи мамлакатро аз маҳсулоти нафтӣ коҳиш дода, ба ин васила ба ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат мусоидат намуд» [9, 21].

Ҳамин тавр, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаллу фасли масъалаҳои экологӣ дар кишвар саҳми арзанда мегузорад ва ҳар як сокини кишварро вазифадор мекунад, ки дар ҳалли масъалаҳои экологӣ дар кишвар саҳми худро гузорад.



Дар робита ба ин, ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав ва нақлиёт супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар дохили кишвар ба роҳ мондани истеҳсоли воситаҳои нақлиёти барқи тадбирҳои мушаххас андешанд. Инчунин ҷиҳати таблиғу муаррифи кардани бартарии экологии маҳсулоти саноатии бо истифода аз «энергияи сабз» истеҳсолгардида зарур аст, ки корхонаҳои ватанӣ барои гирифтани сертификати «энергияи сабз» аз мақомоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ чораҷӯйӣ намоянд.

Бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи самаранокии неруи барқ дар идомаи корҳои дар солҳои соҳибистиқлолӣ баанҷомрасида ҳоло татбиқи боз 20 лоиҳа ба маблағи 17 милиард сомонӣ идома дорад.

Маърифати экологӣ асоси сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамояд. Барномаи инкишофи маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, конунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳити зист», «Дар бораи маориф», «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадхои ҳуқуқии байналхалкие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, таҳия шудааст.

Дар замони ҳозира вобаста ба инкишофи илму техника, инчунин, таъсири фаъолонаи одам ба муҳит, проблемаҳои ба вуҷудомадаи экологӣ аҳаммияти калон пайдо намуд. Ин проблемаҳо чараёни ифлосшавии атмосфера, заҳрнокшавии дарёву кӯлҳо, боронҳои кислотагӣ, зиёдшавии партовҳои истеҳсолот, истифодаи моддаҳои радиоактивӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Имрӯзҳо таъмини амнияти экологӣ вазифаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад, бинобар он, чорабиниҳои гуногуни байналмилалӣ-симпозиумҳо, семинарҳо ва конфронсҳо гузаронида мешавад. Ҳамаи давлатҳои олам кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар таъмини амнияти экологӣ саҳми босазои худро гузоранд. Таъмини бехатарии экологӣ ба салоҳияти ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, ба монанди СММ, ЮНЕСКО ва ғайраҳо дохил мешавад.

Бо қарори конференсияҳои СММ озмоиши яроқи ядроӣ дар ҳар гуна муҳит манъ карда шуд. Дар Тоҷикистон системаи тарбия ва маърифати экологӣ ташкил карда шудааст. Соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ», Барномаи давлатии комплекси рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020 қабул карда шудааст. Барои амалигардонии ин барнома «Чорабиниҳо оид ба татбиқи барномаи давлатии тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000-ум ва дурнамо то сол 2010» таҳия гардиданд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 октябри соли 1996, №462 тасдиқ шудаанд. Аз ишораҳои боло маълум аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои экологӣ ва муҳофизати муҳити зист аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир менамояд.

Бо вучуди ҳамаи чорабиниҳои сатҳи ҳукуматӣ доир ба рушди тарбия ва маърифаи экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, имрӯзҳо маърифати экологии аҳолии кишвар беҳбудӣ мехоҳад. Аҳолии кишварамон ҳоло ҳам ба тоза нигоҳ доштани муҳити атроф ва тозагии обҳои ҷӯйҳою дарёҳо чандон аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд. Як қисми аҳолӣ дар кӯчаҳои шаҳри Душанбе партовҳои хонаашонро дар кучоe рост ояд мепартоянд.

Яке аз манбаъҳои ифлоскунандаи атмосфера, махсусан, ҳавои шаҳри Душанбе нақлиётӣ атомобилӣ ба шумор меравад. Имрӯзҳо шумораи автомобилҳо дар ҷумҳурӣ чунон зиёд гардиданд, ки аз ҳисоби гази ихроҷ кардани онҳо, аз ҳавои шаҳри Душанбе нафас кашидан шахсро ба душворӣ оварда мерасонад. Яке аз тадбирҳое, ки ин ҳолатро барҳам мезанад, гузаштан ба нақлиёти истифодабарандаи неруи барқ – электромобилҳо мебошад.

Дар шаҳри Душанбе манбаъҳои ифлоскунандаи ҳаво марказҳои гармдиҳӣ ва корхонаҳои сементбарорӣ низ ба шумор мераванд. Яке аз роҳҳои барҳам задани ин камбудӣ, ба истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия гузаштани ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Дар шароити имрӯза кӯшиш ба харҷ додан лозим аст, ки миқдори манбаъҳои асосии ифлоскунандаи атмосфераро дар кишвар ба ҳайси камтарин нишондиҳанда (минималӣ) расонем.

Дар солҳои охир дар кишвар ҳаҷми истеҳсоли ангишт ва миқдори сӯхту истифодаи он дар дохили ҷумҳурӣ хеле боло рафт. Сӯхтани ангишт низ яке аз манбаъҳои ифлоскунандаи атмосфера ба шумор меравад. Аз ин бармеояд, ки аҳолии кишвар на оби аз ҷиҳати экологӣ тоза менӯшаду, на аз ҳавои аз ҷиҳати экологӣ тоза нафас мегиранд. Бинобар ин, саломатии аҳолии кишвар ҳамеша зери хатар қарор дорад.

Мо бояд аз ҳама усулу воситаҳо истифода бурда, оби нӯшиданӣ ва ҳавое, ки нафас мегирем, тоза нигоҳ дорем ва баҳри ҳифзи саломатии аҳолӣ чораҳои зарурӣ андешем.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки доир ба баланд бардоштани таъмини амнияти экологӣ ва маърифати экологии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ягон тадқиқоти мукаммал гузаронида нашудааст.

Барои ҳалли масъалаҳои экологии кишварамон, махсусан, пойтахти ватани азизамон шаҳри Душанбе якчанд тавсия пешниҳод менамоем:

1. Доир ба баланд бардоштани таъмини амнияти экологӣ ва маърифати экологии аҳолӣ татқиқоти пурра гузаронидан лозим аст.

2. Барои кам кардани партовҳои марказҳои гармдиҳӣ ва корхонаҳои сементбарорӣ ба таври доимӣ ва саривакт дар гулӯлаҳои онҳо филтрҳо тоза ва иваз карда шаванд.

3. Дар сатҳи зарурӣ маърифати экологии аҳолии кишварро баланд бардоштан лозим аст.

4. Истифодаи ангиштро дар дохили кишвар ҳамчун сӯзишворӣ кам карда, аз энергияи электрикӣ зиёдтар истифодабариро дар ҷумҳурӣ ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ мебошад.

5. Дар шаҳри Душанбе истифодаи авобусҳои ба газу бензин ва солярка коркунандаро ба пуррагӣ барҳам задан зарур мебошад.

6. Дар дохили шаҳри Душанбе барои мусофиркашонӣ танҳо аз троллейбусҳо ва нақлиёти бо энергияи электрикӣ коркунанда ва дигар намудҳои «энергияи сабз» истифода бурдан ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар робита ба ин, боиси хушҳолист, ки роҳбарияти шаҳри Душанбе чанд ибтикоротро рӯи даст гирифтааст.

7. Истифодаи троллейбусҳоро то маркази шаҳрҳои Ваҳдат, Рӯдакӣ, Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода ва Бохтар ба роҳ мондан лозим аст. Агар масъалаи мазкур роҳи ҳалли худро ёбад, он гоҳ ба шаҳри Душанбе омадани автомобилҳои бо газу бензин ва солярка коркунанда ниҳоят кам мегардад ва ҳавои шаҳри Душанбе аз ҷиҳати экологӣ тоза нигоҳ дошта мешавад ва зиёда аз 1 миллион аҳолиро бо ҳавои тоза таъмин менамоем ва дар ҷодаи ҳифзи саломатии онҳо саҳми арзанда мегузорем.

8. Истеҳсоли энергияи электрикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол афзоиш ёфта истодааст. Мо бояд аз ин энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза баҳри ҳифзи саломатии аҳолии кишварамон оқилона истифода барем.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27-уми октябри соли равон зимни суханронӣ дар мубоҳисаҳои сатҳи баланд таҳти унвони «Амалисозии иқдомҳо дар соҳаи иқлим» иброз доштанд, ки «бо назардошти саъю талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати дастрасӣ ба сатҳи сифрии партовҳои гулхонӣ, мо ният дорем, ки иқтидорҳои худро оид ба истеҳсоли «энергияи сабз» то соли 2050 ду баробар афзоиш диҳем».

Президенти Ҷумҳурии Точикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28 декабри соли 2023) доир ба ҳалли масъалҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон кайд намуданд, ки «Вазорати нақлиёт ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҷиҳати такмили стандартҳои экологиву иҷтимоии таҳияи лоиҳаҳои бунёду азнавсозӣ ва истифодаи роҳҳо бо мақсади мутобиқ намудани онҳо ба принсипҳои иқтисоди «сабз», кабудизоркунии шафати роҳҳои мошингарди дорои аҳаммияти байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешанд. Илова бар ин, зарур аст, ки ҷиҳати риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, пешгирӣ кардани садамаҳои нақлиётӣ, ҳифзи ҳаёту саломатии шаҳрвандон, баланд бардоштани маданияти ронандагӣ ва тоза нигоҳ доштани шафати роҳҳо тадбирҳои муассир андешида шаванд» [10, 28].

Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳалли масъалаҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми беназир мегузоранд. Мавриди зикр аст, ки баъди ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Точикистон ба Маҷлиси Олӣ (28 декабри соли 2023) дар шабакаҳои телевизионӣ доир ба вайронкунии масъалаҳои экологӣ дар шаҳрҳою ноҳияҳои кишвар намоишҳои телевизионӣ баргузор гардид ва дар ин намоишҳо вайронкунии масъалаҳо экологӣ дар шаҳрҳои Ваҳдат, Ҳисор ва Норак хело хуб намоиш дода шуд. Чунин намоишҳо ба ҳаллу фасли масъалаҳои экологӣ таъсири мусбат расонида, дар ҳифзи саломатии аҳолии кишвар саҳми арзанда мегузоранд.

**Адабиёт:**


1. Gari, L. (November 2002). «Arabic Treatises on Environmental Pollution up to the End of the Thirteenth Century». Environment and History (White Horse Press) 8 (4): 475–488.
2. Абдулваҳҳобов, А., Экология, - Душанбе, 2003.
3. Бобоев, С., Самиҳов, Ш., Солиев, М. Экология. - Душанбе, 2010.
4. Бердиев, Ч. Экологияи амалӣ ва муҳофизати табиат, - Душанбе, 2015.
5. Горелов, А. А., Экология, - Москва, 2007.
6. Мақсадов, Ҳ. И., Саидов, М., Қодиров, А. С. Экологияи умумӣ, - Душанбе, 2012.
7. Миринченко, А. В. Экология, - Москва, 2015.
8. Одиназода, К. С., Куканов, Н. К., Ғафуров, С. Х., Раҷабов, А. Х. Менеҷменти экологӣ. Васоити таълимӣ. – Душанбе. 2020.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе: Шарқи озод, 2022. – 48 с.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе: Шарқи озод, 2023. – 64 с.

# КИТОБИ ДАРСӢ: АФЗАЛИЯТУ НОРАСОИҲО



**Саидаи ФАЗЛ – Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Тибқи банди 14 Протоколи маҷлиси машваратии назди вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.05.2025, №33/1 Муассисаи нашриявии «Маориф» барои беҳтар кардани мазмуну муҳтавои китобҳои дарсии «Забони давлатӣ», «Забони тоҷикӣ» ва «Адабиёти тоҷик» бо иштироки муаллифони китобҳои дарсӣ, муҳаррирон, тарроҳон ва масъулини дахлдор мизи гирд баргузор кард.**

Директори нашриёт *Комилшоҳ Исозода* зимни сухани ифтитоҳӣ зикр кард, ки имрӯз мо дар давраи таҳаввулоти ҷиддии илмӣ ва техникӣ зиндагӣ дорем.

– Ҷомеаи муосир пайваста ба сӯи рақамисозӣ, инноватсия ва равишҳои таълимии нав пеш меравад, - гуфт ӯ. – Дар чунин шароит китобҳои дарсии насли нав як абзори муҳимми таълиму тарбия маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, адабиёти таълимӣ бояд ба талаботи замон мутобиқ таълиф ёбад ва дар таълиму тарбияи насли нави ояндасози миллат нақши муассир гузошта тавонад.

Зикр шуд, ки китобҳои насли нав махсусияти худро доранд: маводи таълимӣ мувофиқи стандартҳои давлатӣ ва байналмилалӣ таҳия шуда, ба рушди тафаккури интиқодӣ, малакаҳои амалӣ ва худомӯзӣ равона карда мешаванд; бо тарҳи рангоранг, нақшаҳо, суратҳо, ҷадвалҳо ва саволҳои фаъолсозанда шавқи хонандаро бедор менамоянд; аксаран бо платформаҳои рақамӣ ҳамоҳанганд ва хонанда метавонад аз нусхаҳои электронӣ, барномаҳои иловагӣ ва видеоҳо истифода барад; малакаи татбиқи дониш дар ҳаёти воқеиро ба хонандагон меомӯзонанд.

– Дар ҳақиқат, замон талаб мекунад, ки шеваи таълим дигар шавад, зеро бо тарзу шеваи кӯҳна насли ояндаро ба сӯи пешрафт равона карда намешавад, - гуфт дар идома ӯ. – Бояд бовар кард, ки пайваста таҷдиди назар намудан ва такмил додани китобҳои дарсӣ кафолати баланд бардоштани сифати таҳсилот аст.

Таълифи китобҳои дарсӣ дар давраи истиқлол давра ба давра рушд кард. Яке аз омилҳои муҳимми чопи босифати китобҳои дарсӣ ҳамкории муаллифону муҳаррирон аст. Дар робита ба таҳияи адабиёти таълимӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои мавҷуда дар ин самт мудири шуъбаи забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи нашриявии «Маориф» *М. Холов* сухан карда, аз мушкилоти имлои имрӯза (Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобат) ва ихтилофи назари муаллифону муҳаррирон изҳори нигаронӣ кард. Ба таъкиди М.Холов, баъзе калимаҳо дар қоидаҳои имло ба ду тарз пешниҳод шуда, боиси баҳсҳои бесуди муаллифону муҳаррирон мегарданд. Хусусан, дар мавриди ҳарфҳои садоноки у-и устувор ва ноустувор (у-и устувор – анбуҳ, андуҳ), истифодаи вожаи занбӯруғ ва замбурӯғ, фаромадан-фуромадан, маҳсӣ – масҳӣ, рух – рӯҳ, пероҳан – пироҳан, кутал – кӯтал, бо як *д* омадани калимаи «маводи», инчунин, бо ду тарз навиштани «бино бар ин» ва баъди он мондан ё намондани вергул меъёр вуҷуд надорад, ки ин боиси иштибоҳоти зиёд мегардад.



– Дар чунин маврид бояд на муаллиф ва на муҳаррир ба эҳсосот дода нашаванд, - таъкид кард ӯ, – зеро адабиёти дарсӣ набояд воситаи намоиши фикри шахсӣ, балки воситаи хидмат ба хонанда бошад. Муаллиф ва муҳаррир дар таълифи дуруст, беғалат ва фаҳмо ҳарду масъуланд. Ба таври мухтасар гӯем, муаллиф асосан масъули муҳтаво ва ғоя, муҳаррир масъули санҷиш, таҳрир, такмили мазмун ва шакл мебошад.

*Мубашшири Акбарзод* – адабиётшиноси шинохта, дар бораи ҳусну қубҳи адабиёти таълимӣ, аз ҷумла, роҷеъ ба ғалатҳо дар шеърҳо ва баъзе матнҳое, ки ба тарзи ғалат дар китобҳои синфҳои 7, 10, 11 пешниҳод шудаанд, ибрози андеша ва таъкидҳои судманд кард.

– Дар интихоби матн ва истифодаи вожаҳо боэҳтиёт бояд буд, - гуфт ӯ. – Гумон меравад, ки баъзе муаллифон матнҳоро ба матни асл муқоиса накарда, истифода мебаранд ва дар ин сурат ғалатҳо роҳ меёбанд. Вақте муҳаррир ғалатҳоро муайян мекунад, муаллифон эътироз мекунанд. Пас, хондани муҳаррир чӣ зарурат дорад? Вожаҳое, ки аслан вуҷуд надоранд ва ё ғалати ом шудаанд, зиёд вомехӯранд, ба мисли «фаҳмиш, қонуният, имконият, меҳнатқарин, ҷоришавӣ, барҳамхурӣ, тезутундшавӣ, ивазшавӣ, якшавӣ, азхудкунӣ, халалдор, ҷуғрофӣ, пурракунанда, ба пуррагӣ, сонитар, баромади иҷтимоӣ, машғулият мегузаронад, чӣ хел, як хел, барин, ана, мана, (ме)рафтагист, (ме)омадагист, гуфтагист, мерафтагӣ, мефаҳмидагӣ, ягон, якчанд маротиба, муҳокима, ягон, вобаста аз, бинобар ин, саршавии ҷумла бо «зеро, яъне»... ва даҳҳои дигар. Масъалаи дигар; чаро мо «забони тоҷикӣ» мегӯем, вале «адабиёти тоҷик»? Ин истилоҳ ҳам бояд бояд мавриди бознигарӣ қарор дода шавад.

*Мунаввар Мунавваров* – мудири шуъбаи фанҳои география, биология ва таърих дар робита ба гуфтаҳои М.Акбарзод, масъулияти муаллифонро дар вақти таҳияи маводи таълим ва ҳамкории онҳоро бо муҳаррир амри зарурӣ дониста, бамаврид суол гузошт: – Назари кӣ муҳимтар: муаллиф ё муҳаррир? Ғайр аз ин, намедонем, ки кадом истилоҳ қабул аст, кадомаш не.

Воқеан, ҳамкории муҳарриру муаллиф дар ҳоле самаранок мегардад, ки меъёр вуҷуд дошта бошад. Аз нигоҳи муаллифи китоби «Адабиёти тоҷик» барои синфи 11 *Аламхон Кӯчарзода*, баъзан назари муҳарриронро қабул накардани муаллифон бесабаб нест, зеро меъёри имлои баъзе калимаҳо дар худи Қоидаҳои имло вуҷуд надорад. Масалан, «бино бар ин ё бинобар ин?, куҳ ё кӯҳ?

– Ҳол он ки дар ҳолатҳои баҳснок бояд ба Қоидаҳои имло ва луғати имло такя кунем, чунки он дастраси ҳама аст, - гуфт устод. – Дар Қоидаҳои имло омадааст, ки ҷинсияти грамматикии калимаҳои иқтибосӣ корбурд намешавад. Агар ин талаботро риоя кунем, вазн дар шеър вайрон мешавад, риоя накунем, хонанда ҳайрон мемонад, ки масалан, чаро дар шеъри устод Муъмин Қаноат «муаллима», вале дар матни поён «муаллим»? Дар тамоми забонҳо калимаҳои забони дигарро иқтибос мегиранд ва ба табиати забони худ мувофиқ мекунанд, чаро мо накунем? Дуруст аст, ки Қоидаҳои имло аз тарафи Ҳукумат тасдиқ мешаванд ва бояд ҳаминро мо ба эътибор гирем, аммо ҳолатҳои зерин мувофиқаи муаллифу муҳаррирро талаб мекунанд.

*Олимҷон Қосимӣ* – профессори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ҳам дар тақвияти ин гуфтаҳо пешниҳод кард, ки ба гуногуннавъии калимаҳо ҳар чи зудтар хотима бахшида шавад бояд.

– Қоидаҳои имло то аз нав дида нашавад, ҳеч коре карда наметавонем, - гуфт ӯ. – Беҳтар он аст, ки пеш аз чоп лоиҳаи луғати имло дастраси ҳамагон, махсусан, забоншинсону мутахассисон гардад. Дар ин сурат метавонем, луғати бе ғалат ва китобҳои босифатро соҳиб шавем.

*Як мушкили дигар барои муаллифон меъёри ягона надоштани китобҳои дарсӣ аст, ки аз ин ҷиҳат Наврӯзи Ҷумъамурод* – директори Маркази табъу нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ ва илмию методии Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ изҳори нигаронӣ кард.

*Ибодулло Абдуллоев* – муаллифи китоби «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои ибтидоӣ аз он ки **«ъ»** овоз дорад, вале он таъкид карда намешавад, норозигӣ карда, дар зимн, ҳар чи зудтар йотбарсарҳоро ба қатори садонокҳо шомил ва дар алифбо «ӣ» ва «ъ»-ро танҳо бо ҳарфи хурд ишора карданро зарур донист.

– Шиор дигар, имло дигар, - гуфт ӯ, – Мо, ки аслан ба грамматикаи русҳо такя мекунем, меъёри онҳоро ҳам набояд нодида гирем. Масалан, русҳо йотбарсарҳоро садонок мегӯянд. Вақте онҳо хусусияти ҳиҷосозӣ доранд, чаро мо онҳоро садонок нагӯем?

*Наврӯзи Ҷумъамурод:* – Баҳси грамматика зиёд аст, мушкилот маълум. Алҳол мо бояд дар хотир дошта бошем, ки модели китоби дарсии имрӯза минбаъд ба талабот ҷавоб гуфта наметавонад. Қаблан китобҳои иттилоотӣ доштем, ҳозир чопи китобҳои насли нав иттилоотӣ+дидактикӣ рӯйи даст гирифта шудаанд, минбаъд, иттилоотӣ+дидактикӣ+технологӣ мешаванд, яъне, охирин модели китоби насли нав. Айни ҳол китоби «Забони тоҷикӣ» барои синфи 2 (русӣ) ба тамоми меъёрҳо ҷавобгӯ аст.

Муаллифи китоби «Адабиёти тоҷик» барои синфи 10 *Абдунабӣ Сатторзода* масъалаи асосиро дар ҳалли мушкилоти мавҷуда доир ба барномаи таълимӣ ва китоби дарсӣ арзёбӣ кард. Ба гуфти устод, барои беҳтар кардани сифати таҳсилот китобҳоро бояд босифат таълиф кунем.

– Дар тамоми давраи Истиқлол ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир мешавад, аммо боз ҳам мушкил ҳал намешавад, - таъкид кард ӯ. – Вақте адабиёт мегӯем, бояд аввал дар назар гирем, ки кадом мухтаворо он бояд фаро гирад, баъд усули таълим бояд чӣ гуна бошад, умуман, адабиёт чиро ва чӣ тарз бояд таълим диҳад, инро бояд интихоб кард. Мутаассифона, мо адабиётро тавре ки лозим асту бояд омӯзем, намеомӯзем. Он завқ аст, ҳунар аст, мо китоби комилан ҷавобгӯ надорем, забон бояд сара бошад, забони нобро тавассути адабиёт бояд дарс дод. Беҳтар он аст, ки маҳз тавассути нашриёт чунин нишастҳо фан ба фан, синф ба синф, ба таври алоҳида ташкил карда шаванд.

*Саида Набизода* – муаллифи китоби «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5:

– Ташкилу баргузории чунин нишастҳо далели онанд, ки Вазорати маориф ва илм, нашриёти «Маориф» ва Маркази табъу нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ ва илмию методӣ дар ҳалли мушкилоти китобҳои дарсӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Устод Сайдамир Аминов бар ин назар буданд, ки китоби дарсии мактабӣ маҷмуаи машқ не, балки сенарияи ояндаи раванди таълим буда, на ҳар кас муаллифи он шуда метавонад. Манзур ин ки кори душвор бе камбудӣ намешавад, аммо барои ҳалли мушкилӣ чораҳои судманд андешидан лозим меояд. Фаразан, дарёфт ва ҷалби муаллифони огаҳ аз талаботи педагогика, психология, дидактика, методика мушкили аввал аст. Дигар, набудани Дастурамал ё Тартиби таълифи китоби дарсӣ, ки муаллифон тавонанд ва донанд, ки дар иҷрои ин кори муҳим кадом меъёрҳои умумӣ ва фаннӣ мавҷуданд. Қонеъкунанда набудани семинарҳои дастурдиҳӣ ва набудани мутахассисон дар ин самт, вазнин будани сарбории муаллифон (чун ҳаққулзаҳмат қонеъкунанда нест, ҳар кадом дар ҷойи дигар кор мекунанд, ҳарчанд дар муқоиса ба солҳои қабл меъёри ҳаққи муаллифӣ болотар рафтааст), мувофиқ набудани талаботи замон ба таҷрибаи китобнависӣ, дарҳам – барҳамӣ дар имлои имрӯза ва набудани Феҳристи ягонаи имло, набудани грамматика барои пешниҳоди истилоҳҳои ягона ва таърифи воҳидҳои забонӣ дар шароити нав, интихоби рассом ва муқарризону мусаҳҳеҳони дурусткор аз ҷумлаи мушкилотеанд, ки дар таълифи китоби дарсӣ монеа ба бор меоранд. Ин масъалаҳои ҳалталаб бояд аз нигоҳи ҳар кадоми мо дур намонанд ва барои ҳалли ин монеаҳо аз ҷониби масъулин тадбирҳои судманд андешида шаванд.

*Қурбон Хоҷаев* – муаллифи китоби «Адабиёти тоҷик» барои синфи 6:

- Китобҳои «Адабиёти тоҷик» ба талаботи имрӯз ҷавоб намедиҳад.

*Азиз Мирбобоев* – узви Шурои миллии таҳсилот, муаллифии китоби насли нав – «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5*:* – Мушкилоти таълифи китоби дарсӣ хеле зиёд аст. Тавре медонем, имрӯз таълим дар асоси муносибатҳои босалоҳият ҷорӣ шудааст ва ҳамин гуна бояд китобҳои дарсии насли нав рӯйи чоп оянд. Мутаассифона, мо ҳанӯз наслеро, ки тавонанд ба талаботи имрӯза дар китобнависӣ, таҳрир ё тақриз муваффақ бошанд, омода накардаем. Яъне, имрӯз барои мо муаллифоне лозиманд, ки мутобиқи талаботи дидактикаи имрӯза бояд китоб нависанд, ҳамчунин, муқарризонеро, ки ба китоби дарсӣ баҳои воқеӣ дода, камбудиҳои онро пурра ошкор карда тавонанд, надорем.

*Давлатбек Хоҷаев* – муаллифи китоби «Забони тоҷикӣ» барои синфи 9:

– Дар ҳақиқат, зарурати ҳамкории муаллифи китоби дарсӣ бо муҳаррир зиёд ҷой дорад. Дар сурати ҳамкории дуруст китоби хубу босифат омода карда метавонем. Бисёр масъалаҳои назариявиро шояд муҳаррир ба дараҷаи муаллиф надонад, вале дар ҳолати суфта кардани забон муҳаррир шояд аз муаллифи китоби дарсӣ бақувват бошад.

Мо наметавонем китобҳои пешинаро пурра инкор кунем, чунки он китобҳо дар замони худ хидмати бузурге карда тавонистанд. Он чи ки ташвишовар аст, ба набудани барномаи таълимӣ ва

истилоҳоти ягона дар таълим рабт дорад. Дар масъалаи грамматика ҳам мо бояд боэҳтиёт бошем. Таълими назария самараи хуб медиҳад, муҳим ин аст, ки истилоҳотро ҳамгун сохта, равиши таълимро ба дурустӣ интихоб карда тавонем.

*Шодӣ Раҷабзод* – корманди ҳафтаномаи «Омӯзгор»: – Ман ба ин фикр, ки дар китобҳои дарсӣ ҳама матнҳои адибони гузаштаро наметавонем ҷой кунем, розиям. Хоҳ аз устод Айнӣ бошад, хоҳ дигар адибони классик, мо бояд бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолии бачаҳо матнҳоро интихоб кунем. Ин ки то ҳозир «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» нест, баҳси имлои китоби дарсӣ беҳуда менамояд.

Воқеан, Шодӣ Раҷабзод аз ҷумлаи қаламкашонест, ки доир ба масоили матраҳ ҳамеша менависад ва масъала мегузорад. 12 сол пеш дар хусуси ҳусни қубҳи китобҳои дарсӣ ва ташкили мактаби муаллифони китоби дарсӣ ҳам мақолаҳои ҷолиб навишт. Ба таъкиди ӯ, китоби дарсӣ бояд тавре таълиф ёбад, ки хонанда, масалан, донад: Ҳофиз (ё Бедил, ё дигар бузургон) дар ҳақиқат, аз дигар шоирон маъруфтар аст ва чаро?

– Аммо дар китобҳои феълӣ хонанда раҳгум мезанад, фарқи адибони маъруфро аз дигарон дарк карда наметавонад, - гуфт бо нигаронӣ ӯ.

Умедворем, машваратҳои судманд бо муаллифону муҳаррирон ва муқарризону дигар масъулини чопи китобҳо самараи дилхоҳ ба бор меоранд.

**Суруди ВАҲДАТ**

Тоҷикему якдилу ҷонем,
Партави як субҳи тобонем.
Шуълаи як моҳи шомафрӯз,
Нури як хуршеди тобонем.

Вахдати мо – иқтидори мо,
Вахдати мо – ифтихори мо.

Ҳамватан ҳастему хурсандем,
Ҳамтанему решапайвандем.
Бо тамоми мардуми дунё
Ҳамдаму ғамхору дилбандем.

Вахдати мо – иқтидори мо,
Вахдати мо – ифтихори мо.

Тоҷикистон, хоки аҷдодӣ,
Марзи бахту кишвари шодӣ,
Аз парешонӣ ту эмин бош
Дар қабои сабзи озодӣ.

Вахдати мо – иқтидори мо,
Вахдати мо – ифтихори мо.

**Сайидалӣ МАЪМУР**



**Саид Нуриддин САИД –**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ**

# ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ИНСОН ДАР ФАЛСАФАИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

***(Ба истиқболи 1045-солагии Ҳаким Абуалӣ ибни Сино)***

**Масъалаи пайдоиш ва ташаккули инсон дар замони Абуалӣ ибни Сино мавзуи таҳқиқ ва баҳсу мунозираи махсус набуд, аммо ин маънои онро надорад, ки Шайхурраис ба масъалаи мазкур тамоман таваҷҷуҳ накарда бошад. Абуалӣ ибни Сино дар асарҳояш «Ал-Қонун фи-т-тиб», «Китоб-уш-шифо», «Китоб-ун-наҷот», «Донишнома», «Рисола дар бораи набз», «Китоб-ул-инсоф», «Адвияту-л-қалбия», «Ишорот ва танбеҳот», «Азҳавия», «Тадбири манзил», «Китоб-ул-ҳайвон» ва ғайра паҳлуҳои гуногуни масъалаи пайдоиш ва ташаккули инсонро баррасӣ намудааст, инчунин, баррасиҳо ва фарзияҳои дахлдор аз даврони таърихии ӯ оварда шудаанд, ки аксари онҳо имрӯз низ аҳаммияти худро гум накардаанд ва метавонанд дар илми инсоншиносии муосир истифода шаванд.**

Масъалаи пайдоиш ва ташаккули инсон дар фалсафаи Абуалӣ ибни Сино, чи дар давраҳои гузашта ва чи дар замони муосир, мавриди таҳлили пурраю амиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Агарчи масъалаи мазкур мавзуи пажуҳиши бархе аз олимони ватанию хориҷӣ маҳсуб меёфт, вале таҳқиқоти онҳо фарогири пурра ва муфассали ин масъала нашудааст.

Бояд таъкид кунем, ки дар осори фалсафии Абуалӣ ибни Сино масъалаи инсон аз мавқеи илму фарҳанги Юнони Қадим, фарҳанги исломӣ, инчунин, аз мавқеи фарҳанги тоисломии тоҷикию форсӣ баррасӣ шудааст. Аммо Абуалӣ ибни Сино, ки дар даврони муносибатҳои иҷтимоии исломии асрҳои миёнаи Шарқ зиндагӣ мекард, нисбат ба фарҳанг ва идеологияи исломӣ бетараф ва бетафовут буда наметавонист ва таъсири онҳоро эҳсос менамуд.



Абуалӣ ибни Сино дарк мекард, ки дар заминаи идеологияи исломии асримиёнагии тоҷику форс ҳалли масъалаҳои фалсафӣ, алалхусус, масъалаи фалсафии инсон аз нигоҳи сирф илмӣ имконнопазир аст. Табиист, ки пайравони исломи асримиёнагӣ ба пазируфтани он ақидаҳои фалсафие, ки ба қалами Абуалӣ ибни Сино тааллуқ доштанд, монеъ мешуданд ва аз интишори онҳо манфиатдор набуданд. Шояд Абуалӣ ибни Сино дарк карда буд, ки инъикоси дурусти илмии масъалаҳои фалсафӣ, алалхусус, масъалаҳои фалсафии инсон, пайдоиш ва ташаккули онро танҳо дар тафсири динӣ наметавон пешниҳод кард, аз ин рӯ, ӯ дар таҳқиқи ин масъалаҳо ба таълимоти фалсафии тоисломии тоҷику форс ва таълимоти фалсафии юнониёни қадим такя кард. Шояд ӯ ҳарсеи ин заминаҳои зикршударо ба асос гирифта, чунин шуморида бошад, ки ҳар яке аз ин заминаҳо дар алоҳидагӣ ба ҳалли масъалаҳои мураккаби омӯзиши инсон мусоидат карда наметавонад, бинобар ин, ба асос гирифта, истифода кардани ин заминаро ба мақсад мувофиқ аст.

Дар осори Абуалӣ ибни Сино масоили мазҳабӣ ва мафкуравӣ гуногунҷанба, мураккаб, баъзан печидаву зиддиятнок мебошанд. Онҳоро дар як мақола баррасӣ кардан ғайриимкон аст, ҳалли масоили мазкур таҳқиқоти алоҳидаро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, мо хостем, ки танҳо ба масъалаҳои пайдоиш ва ташаккули инсон аз нигоҳи Абуалӣ ибни Сино ба таври кӯтоҳ ва мухтасар равшанӣ андохта, назари хешро иброз намоем.

Абуалӣ ибни Сино таҳлили фалсафии масъалаи инсон, пайдоиш ва ташаккули онро аз таърифи мафҳуми инсон оғоз мекунад. Агар ба таърифи додааш ба «нафс» ва «ҷисм» таваҷҷуҳ кунем, метавон ба ақидаи Абуалӣ ибни Сино розӣ шуд, ки инсон мавҷуди зинда, дорои нафси бохирад, нутқи оқилона, ҷисми моддӣ ва дорои шакли муайян буда, ба фарқ кардани падидаҳои мусбат ва манфӣ қобилият дорад.

Албатта, таърифи ба инсон додаи Абуалӣ ибни Сино нисбат ба таърифе, ки Арасту додааст, афзалият дорад. Абуалӣ ибни Сино инсонро мавҷуди зинда, соҳиби ақлу нафс ва нутқи оқилона ҳисобида, бар он назар аст, ки ҷисми вай аз модда ва шакл иборат мебошад.

Абуалӣ ибни Сино дар инсон чунин хислатҳоро, ба монанди ақлу заковат, қобилияти сухан гуфтан, фарқ кардани неку бад, мавҷудоти дорои нафс (ҷон) ва бадан, ки аз шаклу модда иборат аст, таъкид кардааст.

Дар ин ҷо Абуалӣ ибни Сино ба назарияи сабабияти Арасту ба сабаби «шаклӣ ва моддӣ» наздик шудааст. Назарияи сабабияти Абуалӣ ибни Сино бо назарияи сабабияти Арасту яксон аст, вале Абуалӣ ибни Сино аз лиҳози фалсафаи асримиёнагии тоҷик онро бо факту далелҳои нав ғанӣ гардонидааст. Аз нуқтаи назари илми муосир таърифи Абуалӣ ибни Сино дар бораи мафҳуми инсон маҳдуд аст, агарчи дар замони зиндагии ӯ ниҳоят пешқадам ҳисоб мерафт. Абуалӣ ибни Сино нафаҳмидааст, ки «одам намояндаи зергурӯҳи хордадорҳои мухрадор, синфи ҳайвоноти ширхӯр, зерсинфи пласентаҳо (*зиндазояндаҳо*), отряди приматҳо, авлоди зоти инсон, навъи махсуси дорои ақлу тафаккур аст». Ин, албатта, баъдтар дар раванди кашфиётҳои илмии Замони нав муайян карда шуд.

Пажуҳиш ва муайян кардани ин ва дигар хосияту сифатҳои бешумори биологӣ, иҷтимоӣ ва маънавии инсон маҳсули таҳқиқоти илмии муосир аст, ки барои Абуалӣ ибни Сино ва донишмандони замони зиндагии ӯ дастнорас буд.

Дар шакли ғайрисистемавӣ бошад ҳам, Абуалӣ ибни Сино дар рисолаҳои худ «Мабдаъ ва маъод», «Таҳсил-ус-саодат», «Дар ҳақиқат ва кайфияти силсилаи мавҷудот», «Азҳавия», «Ишорот ва танбеҳот», «Рисолаи нафс», «Китоб-ул-ҳайвон» ва ғайра ба масъалаи пайдоиш ва ташаккули инсон назар андохтааст.

Абуалӣ ибни Сино дар бобҳои дахлдори «Донишнома»-и худ масъалаи пайдоиши инсонро таҳқиқ мекунад. Ӯ пайдоиши инсонро аз ваҳдат, омезиш ва ҳамтабдилии чаҳор унсур – об, хок, ҳаво ва оташ иборат донista, шарҳ медиҳад ва менависад: «Бидон, ки аз ин чаҳоргона ба миҷозҳои мухталиф, ки дар он уфтад, ба нисбатҳои мухталиф, ки онро бувад, шоистагӣ пададид овард чизҳои мухталифро, то аз он аҷсоми мухталиф падид ояд, чунонки анвои маъданиёт ва набот ва анвои ҳайвонот».[2] Пас, тавлидшавии рух маҳсули мубодила ва табдили ҳамдигарии чаҳор унсур аст, зеро инҳо қобилияти ҳаракат, қобилияти ғизодиҳӣ ва қобилияти нашъунаморо доранд. Ба шарофати ҳамин хислатҳо қобилияти репродуктивии афзоиш, пайдоиши нафси наботот, ки аз «Воҳиб-ус-сувар» барои мавҷудияти ҷисмҳои наботӣ сарчашма мегирад, ба вуҷуд меоянд. Ба ақидаи Абуалӣ ибни Сино, «Омезиши нахустин мар ин аносирро ба ҷамодот бувад. Пас, чунин омезиш накутар уфтад, ба эътидол наздиктар, аз он ҷо ҷисмҳои парваришпазир ояд ба ғизо. Ва аввали эшон рӯё бувад аз дарахту гиё» [3]. Ҳамин тавр, аз ин гуна мубодила қувваи наботӣ ба вуҷуд меояд ва онро нафси наботӣ меноманд. Он дорои се хислат буда, яке аз онҳо ғизодиҳанда, яъне, неруи ғизоӣ аст, ки онро «ғозия» меноманд. Дигараш такя ва нашъунамо дар асоси неруе аст, ки чунин такягоҳро муҳайё мекунад ва онро «мунмия» меноманд. Саввумӣ тухме медиҳад, ки месабзад, қувват ё қобилият ба нашъунаморо медиҳад ва онро «муваллида», яъне, неруи тавлидкунанда мегӯянд. Ба ақидаи Абуалӣ ибни Сино, агар мубодила ва табдили чор унсур дар шароити мусоид ва накутар ба амал ояд, пас, онҳо сабаби пайдошавӣ ва инкишофёбии организмҳои зиндаи мураккабтар, аз ҷумла, ҳайвонот мешаванд. Дар сатҳи ҳайвонот, дар муқоиса бо сатҳи наботӣ, ҷисмҳои зинда дорои баъзе хосиятҳое мебошанд, ки наботот надоранд, аз қабили ҳаракати бадан, хашм, ҳавас, алоқаи ҷинсӣ, ваҳм ва мушаввашӣ. Абуалӣ ибни Сино

[2] Абуалӣ ибни Сино. Донишнома // Осор. – Душанбе: Дониш, 2005. – С. 439-440.
[3] Ниг. Ҳамон ҷо. – С. 324.

менависад: «Ва чун миҷоз чунон уфтад, ки аз наботӣ муътадилтар бувад, пазирои ҷони зиндагӣ ояд ва ин ҷонро ду қувват бувад:

Яке «коноӣ», чунон, ки ҷон ва равон бад-он ҷунбонад. Ва яке «андарёбӣ», чунон ки ҷону равон ба вай андарёбанд ва ҳар ду қувват бо қуввати як ҷонанд ва ба сабаби гирд омадани эшон андар яке, асли феълҳои эшон пайвастааст як ба дигар, ки чун андарёфт уфтад, чизҳоро орзу ояд, то пас ҷунбиш уфтад ё ба ҷӯстан ё ба гурехтан» [4].

Дар шароити мусоидтару волотари гузаришу омезиш ва табдили мутақобилаи чаҳор унсур, аз табдили наботӣ ва мубодилаи чаҳор унсур ва аз «Воҳиб-ул-сувар» нафси инсон ба вуҷуд меояд, ки дар асл нафси ақлӣ ё нафси нотиқа номида мешавад. Нафси соҳибақл ва нотиқа ҷисми инсонро идора (тадбир) мекунад. Тавре ки дар навиштаҳои худ Абуалӣ ибни Сино тасдиқ мекунад, омезиши чаҳор унсур чун бештар накутар мегардад ва ба тартиб медарояд, нафси инсонро дарк мекунад. Ҳамин тавр, дар сатҳи инсон нафс дар дохили худ ду қудрати нав пайдо мекунад: яке аз ин қудратҳо қудрати «коноӣ», дигаре «андарёфт». Андарёфт ду шакл дорад – «андарёфти назариявӣ» ва «андарёфти амалӣ», яъне, дониши назариявӣ ва амалӣ. Инсон тавассути «донишҳои назариявӣ» Худоро мешиносад ва ба воситаи қудрати «донишҳои амалӣ» ба зӯроварӣ ва дигар амалҳо даст мезанад. Тамоми мавҷудоти зинда ва бахусус, инсон, ки дар таълимоти фалсафии Абуалӣ ибни Сино аз омезиши чаҳор унсур бархостааст, ба шарофати саховатмандии илоҳӣ халқшуда ва вобаста ба «Воҷиб-ул-вуҷуд» мебошад. Дар боло дидем, ки нафси инсон аз саховати «Воҳиб-ус-сувар» аз Худои инъомдиҳанда ва офаранда меояд ва вобаста ба ӯст.

Акнун биёед, бубинем, ки худи ин чаҳор унсур, ки ба ақидаи Абуалӣ Ибни Сино, асос ва ҷавҳари ҷисми инсонанд, чӣ тавр, аз куҷо пайдо мешаванд ва чаро онҳо ба ҳамдигар табдил ва омезиш меёбанд?

Воҷиб-ул-вуҷуд (вуҷуди воҷиб ва зарурӣ) он чизест, ки ҳастии кулли чизҳо ба он вобаста аст, ҳама унсурҳои олами моддӣ, руҳонӣ, падидаҳои олами кабир ва олами сағир; вай ҳама чизеро, ки ҳаст, ба вуҷуд овардааст. Ба қавли Абуалӣ ибни Сино, Воҷиб-ул-вуҷуд ирода дорад ва дар пуштибонии ин иддаъо ба таълимоти Қуръон такя мекунад.[5]

Абуалӣ ибни Сино ба саволи чаро ҳама чиз аз Воҷиб-ул-вуҷуд сарчашма мегирад, чунин посух медиҳад: Воҷиб-ул-вуҷуд дорои сифатҳои беохир аст. Яке аз сифатҳои он «ҷуд» аст. Ҷуд – чизест, ки онро бо ягон амал ё инъом иваз кардан ё баробарарзиш ҳисобидан мумкин нест. Аз ин рӯ, Воҷиб-ул-вуҷуд соҳиби «ҷуд» мебошад, яъне, накукор, бахшанда, меҳрубон, ҳассос аст. Абуалӣ ибни Сино исбот мекунад, ки тамоми ҷузъҳои «Имкон-ул-вуҷуд» (мавҷудияти имконпазир) дер ё зуд аз «Воҷиб-ул-вуҷуд» (Вуҷуди воҷиб) сарчашма мегиранд. Аз ин ҷост, ки дар назарияи эманатсияи Абуалӣ ибни Сино кулли чизҳои комил, ҳар чизи воқеӣ аз Воҷиб-ул-вуҷуд сарчашма мегирад. Абуалӣ ибни Сино дар «Донишнома» дар бораи масъалаҳои пайдоиши кулли чизҳои вуҷуддошта ва роҳҳои мавҷудияти ҳаёту фаъолияти онҳо, аз чаҳор унсур пайдо шудани мавҷудоти зинда ва олами наботот, инчунин, ҷисми инсон сухан ронда, менависад: «Пас, нашояд, ки ҳамаро дараҷа яке бувад, то вуҷуди эшон аз Воҷиб-ул-вуҷуд ба як манзалат бошад ва ба як дараҷа, балки пешу сипас бояд, ки бувад ҳар чи комилтар ва вуҷуди вай ҳақиқитар, вай ба вай наздиктар. Валекин агар ҳар чизро сабаб як чиз бувад, чизҳои бисёр андар як дараҷа набуванд ва илло ҳар ду чизе ба як ҷой ниҳӣ, яке пештар бувад ва яке сипастар. Ва ҳоли чизҳо чунин нест, ки мардум ва аспу гов, масалан, як сипаси дигар наянд ва дарахти хурмо ва дарахти ангур як паси дигар наянд ва сиёҳию сапедӣ андар дараҷаи ҳастӣ баробаранд ва чаҳор табоеъ як сипаси дигар наянд».[6] Дар ин ҷо Абуалӣ ибни Сино пайдоиш ва ташаккули фазоӣ-вақтии ҳодисаҳои табиатро эътироф мекунад, ки асоси он Воҷиб-ус-сувар аст.

Тавре ки мебинем, дар ақидаҳои Шайхурраис шабоҳатҳои зиёд бо баъзе унсурҳои назарияи эволютсияи инсон дар фалсафаи ғарбӣ мушоҳида карда мешаванд, аммо онҳоро танҳо ҳамчун тахмин, фарз (догадка) арёбӣ кардан мумкин аст. Худи ғояи эволютсия бошад, хеле қадимист. Тасаввурот дар бораи имкони тағйирёбии намудҳо, ки мағзи асосии назарияи эволютсияро ташкил медиҳад, дар Дунёи Қадим ҳанӯз пеш аз Арасту ва Абуалӣ ибни Сино дар шакли афсона ва устураҳои халқҳои гуногун вуҷуд дошт. Оғози ақидаҳо дар бораи эволютсияро дар як қатор сарчашмаҳои хаттии Шарқи Қадим ва Ғарби Қадим дидан мумкин аст. Ҳамин тариқ, дар

[4] Абуалӣ Ибни Сино. Донишнома // Осор. – Душанбе: «Дониш», 2005. – С. 325.
[5]Ниг. Ҳамон ҷо. С.265.
[6] Абуалӣ ибни Сино. Донишнома // Осор. – Душанбе: Дониш, 2005. – С.270-271.

«Ведаҳо» ва «Ригведҳо»-и Ҳиндустони Қадим, ки ба ҳазораи дуюми пеш аз милод рост меоянд ва дар китоби «Аюрвед», ки ба асри VIII пеш аз милод рост меояд, дар китоби Авасто ва дар мероси хаттии намояндагони мактаби ионии Анаксимандр, дар мероси фалсафии Гераклит ва Эмпедокл, гарчанде ки дар шакли содалавҳона бошанд ҳам, ақидаҳо дар бораи эволютсия мавҷуданд. Дарвоқеъ, ақидаҳои Дунёи Қадим дар бораи эволютсия масъалаҳои тавлиди табиии мавҷудоти зинда, махсусан, олами набототу ҳайвонот ва дигаргуншавии онҳоро дар бар мегирифт. Дар равшан кардани ин масъалаҳо дар он давра Арасту нақши бузург бозид. Арасту тахмин карда буд, ки дар табиат раванди пайвастаи гузариши ҷисмҳои ҷондор тавассути миёнаравии онҳое, ки зиндаанд, вале ҳайвон нестанд, ба амал меояд ва ин гузаришҳо тавре ба амал меоянд, ки баъзеи онҳо аз дигарон фарқ мекунанд ва ин ҳамчунин натиҷаи наздик будани онҳо ба ҳамдигар аст. Ин ақидаҳо як тарҳи мухтасари қонуни умумии биологиро ифода мекунанд, ки аз ҷониби Арасту муқаррар карда шудааст ва бо номи «ҷойгиршавии зинавии мавҷудот» ё «нардбони мавҷудот» маъруф аст. Шарҳи муфассали ин қонун ва хусусиятҳои гуногуни он дар китоби Арасту «Таърихи ҳайвонот» оварда шудааст.

Ба ақидаи Арасту, аз ҷисмҳои беҷон ба ҷисмҳои зинда ва сипас ба ҳайвонот тадриҷан гузариш ба вуҷуд меояд, ки ба далели пайвастагии гузариш ҳудуди онҳо номаълум мемонад. Пас аз ҷинси ҷисмҳои беҷон, пеш аз ҳама, ҷинси наботӣ пайдо мешавад ва аз онҳо яке аз дигараш бо он фарқ мекунад, ки кадоме дар ҳаёт иштирок дорад. Ин ҷинс дар маҷмуъ, дар муқоиса бо дигар ҷисмҳо, қариб зинда ва дар муқоиса бо ҳайвонот беҷон ба назар мерасад. Гузариш аз наботот ба ҳайвонот пайваста аст. Дар мавриди ҷонвароне, ки дар баҳр зиндагӣ мекунанд, шубҳа кардан мумкин аст, ки ин мавҷудот ҳайвонанд ё набототанд, зеро онҳо якҷоя мерӯянд ва пас аз ҷудо шудан аз ҳамдигар бисёри онҳо мемиранд. Умуман, тамоми ҷинси сарпӯст дар муқоиса бо ҳайвоноти ҳаракаткунанда ба растаниҳо монанд аст.

Баъзе аз инҳо дар худ ягон ҳиссиёте пайдо мекунанд, дигарон ҳеҷ гуна ҳиссиёт надоранд ва дигарон танҳо ба дараҷаи заифтар. Табиати бадан дар баъзеҳо гӯштӣ аст, масалан, дар ҷинсҳои Акалеф, дар ҳоле ки исфанҷ ба растаниҳо комилан монанд аст. Баъзе аз ин растаниҳо назар ба дигарон тӯлонӣ зиндагӣ ва тезтар ҳаракат мекунанд, баъзеи онҳо хурд, дигарон бузурганд. Дар бораи амалҳои ҳаётан муҳим низ ҳаминро гуфтан мумкин аст, зеро ба назар чунин мерасад, ки растаниҳо ғайр аз тавлиди дигарон, ки аз тухмҳо мерӯянд, кори дигаре надоранд. Ба ҳамин монанд, дар баъзе ҳайвонот ба ғайр аз насловарӣ ягон фаъолияти дигар пайдо намешавад, аз ин рӯ, ин намудҳои амал барои ҳама умумӣ мебошанд. Вақте ки эҳсосот пайдо мешавад, ҳаёти онҳо дар робита бо таваллуд ва ширмаконӣ шаклҳои гуногун мегирад. Баъзеҳо танҳо ба рустанӣ монанданд, дар фаслҳои муайяни сол насли табиии худро ба вуҷуд меоранд, дигарон барои ғизои тифлонашон мекӯшанд; ҳангоми ба охир расидани ғизодиҳӣ онҳо аз ҳамдигар ҷудо шуда, бо ҳамдигар муносибат намекунанд; баъзеи онҳо донотаранд ва хотира доранд, бештар ва сарҷамъона бо тифлони худ машғул мешаванд ва ғайра.

Таълимоти Арасту дар бораи афзоиш ва мураккабшавии ҷисми онҳо дар рисолаи ӯ «Дар бораи нафс» баён шудааст. Албатта, Арасту аз ғояи эволютсия ҳамчун рушди тадриҷии шаклҳои органикӣ дар тӯли вақт дур буд. Тибқи таълимоти ӯ дар бораи ҷовидонии олам, кулли шаклҳо дар як вақт вуҷуд доранд ва бояд абадӣ бошанд. Онҳо метавонанд дар натиҷаи тағйироти геологӣ ва садамаҳо аз ҷойҳои алоҳидаи рӯи замин нобуд шаванд, вале баъд дар дигар ҷойҳое, ки қаблан мавзеи зист набуданд, пайдо мешаванд.

Мутафаккирони давраи Эҳё ва давраҳои минбаъда то миёнаҳои асри XIX имкони худпайдошавии ҳаётро, ки Арасту пешгӯӣ карда буд, инкор накарда, андешаҳои диншиносони асримиёнагиро дар бораи офариниши олам ва мавҷудоти зиндаи он рад карданд. Таълимоти Арасту дар бораи худпайдошавии ҳаёт дар рӯйи замин ва афзоиши тадриҷии ташкилаи он идомаи бевоситаи худро дар «Нардбони махлуқот»-и табиатшиноси швейтсарӣ Бонет, ки дар асри XVIII хеле маъмул буд, ёфт. Ва дар ин замон низ мубориза ва мубоҳисаҳо байни креатсионистҳо ва трансформистҳо дар бораи пайдоиши инсон идома доштанд. Танҳо пас аз нашри китоби Чарлз Дарвин «Пайдоиши намудҳо» баҳс ба нафъи трансформистҳо ҳал шуд.

Албатта, назарияи эволютсионӣ дар ҷойи холӣ ба вуҷуд омада наметавонист. Барои ба вуҷуд омадани он асосҳои муайяни илмӣ-табиӣ ва эмпирикӣ, шароити иҷтимоию таърихӣ зарур буданд. Худи истилоҳи «эволютсия» аз калимаи лотинии ***evolutio*** буда, дар илм асосан ба маънои «таҳаввулот» истифода мешавад. Эволютсия ҳаммаънои истилоҳи «инкишофёбӣ» низ мебошад, ки равандҳои тағйирёбии табиати зинда ва ғайризиндаро дар бар мегирад. Эволютсия

дар тағйирот, ирсият ва интихоби табиии организмҳои зинда ифода меёбад. Эволютсия мутобиқшавии организмҳои зинда ба шароити муҳити зист мебошад. Он организмҳоро ба шароити табиии ҳаёт мутобиқ мекунад, яъне, табдил ва азнавсозии биогеотсенозҳо ва умуман, тамоми биосфераро дорад. Истилоҳи «эволютсия» бори аввал, соли 1762 аз ҷониби файласуф ва табиатшиноси швейтсарӣ Ш. Бонет истифода шудааст. Таълимоти эволютсионӣ ё худ назарияи илмии эволютсия аз кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ сарчашма мегирад. Бозёфтҳои бузурги ҷуғрофӣ аврупоиҳоро бо гуногунии аҷиби ҳаёт дар мавзеҳои тропикӣ шинос карданд. Онҳо боиси дар асри XVI пайдо шудани аввалин гербарийҳо (Рим, Флоренсия, Болоня), боғҳои ботаникӣ (Англия, Фаронса), кунсткамераҳо (нигоҳдории чизҳои аҷиб ва нодир) ва осорхонаҳои зоологӣ (Нидерландия, Англия, Шветсия) гардиданд. Дар охири асри XVII, гуногунии шаклҳои навтавсифшудаи ҳаёт он қадар зиёд буд, ки ботаникҳо ва зоологҳои он вақт ба маънои аслӣ дар уқёнуси маводи эмпирикии ҷамъшуда ва пайваста ҷамъшаванда ғарқ шуданд. Дар ин шароит алломае лозим буд, ки ҳамаи ин маводро ба низом дароварда тавонад. Ва ӯ ёфт шуд, Карл Линней. Аммо ӯ яке аз пайравони креатсионизм (назарияи офариниш) буд. Ба ақидаи ӯ, «ҳамон қадар намудҳо вуҷуд доранд, ки Мавҷуди беинтиҳо офаридааст». Карл Линней, гарчанде ки креатсионист буд, дар назарияи эволютсия саҳми бузург гузоштааст. Вай аввалин шуда, принсипи иерархияи таксонҳо (организмҳои хусусияти монанддошта)-ро ба миён гузошт, ки мувофиқи он намудҳо ба зотҳо муттаҳид мешаванд – зотҳо ба оилаҳо, оилаҳо ба гурӯҳҳо ва гурӯҳҳо ба синфҳо. Системаи бисёрзинаи Карл Линней ба ғояи гуногунии хосияту хусусиятҳо ва умумияти намудҳо асос ёфтааст. Карл Линней аввалин касе буд, ки инсонро ба қатори приматҳо дохил кард ва ба он ақидаҳое, ки аз рӯйи онҳо инсон мавҷуди табиӣ нест (балки офарида аст), зарба зад ва барои пайдоиши дарвинизм замина гузошт.

Аввалин консепсияи эволютсияро табиатшиноси фаронсавӣ Жан Батист Ламарк асоснок кардааст. Соли 1809 ӯ китоби «Фалсафаи зоология»-ро нашр карда, дар он таълимот оид ба эволютсияро манзур намуд. Ж. Б. Ламарк ба эволютсия дар вақташ аҳаммияти аввалиндараҷа дод. Вай боварӣ дошт, ки ҳама намудҳои мавҷуда дар ниҳоят ба намудҳои нави ҷисмонӣ мубаддал мешаванд. Вай ҳайвонотро аз рӯйи мураккабии сохтори организмашон тақсим карда, дар байни онҳо сутунмуҳрадорон ва бесутунмуҳраҳоро ҷудо намуд. Ӯ онҳоро ба 14 синф тақсим кард, ки 6 зина – нардбонро ташкил медиҳанд. Гарчанде ки Ламарк қувваҳои пешбарандаи эволютсияро дарк карда натавонист, бо вуҷуди ин, таълимоти ӯ заминаи асосии пайдоиши таълимоти эволютсионии Дарвин гардид.

Математик, сайёҳ ва биолог Пер Луи Манпертун дар китоби худ «Зебоии табиат», ки соли 1746 нашр шудааст, масъала «дар бораи мавҷудияти тағйироти ногаҳонии ирсӣ» ва «дар бораи нақши селексия дар табдили таксонҳо»-ро ба миён гузошта, асоснок намуд ва бо ҳамин барои пайдоиши дарвинизм заминаи бунёдӣ гузошт.

Дар соли 1755 асосгузори фалсафаи классикии олмонӣ Иммануил Кант дар китоби худ «Таърихи умумӣ ва назарияи осмон» дар боби «Таҷриба дар бораи сохтор ва пайдоиши механикии коинот дар асоси қонунҳои Нютон» бори аввал назарияи пайдоиши системаи офтобиро, ки барои пайдоиши дарвинизм аҳамияти калон дошт, асоснок кард.

Ба вуҷуд омадани дарвинизм шартҳои иҷтимоию иқтисодӣ низ дошт. Дар нимаи якуми асри XIX капитализм дар як қатор мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, хусусан, дар Англия, ки аз комёбиҳои таҳқиқоти илмӣ васеъ истифода мебурд, инкишоф ёфт. Талаботи саноат ба ашёи хом ва бозорҳои иқтисодии беруна, талаботи аҳолӣ ба озуқа сабаби пайдо шудан ва инкишоф ёфтани селексия гардиданд. Селексионерон бо роҳи дурага кардани навъҳои гуногуни сабзавот, мева, ҳайвонот, махсусан, чорвои калони шохдор, инчунин, асп, хук, гӯсфанд ба пайдоиши дарвинизм саҳм гузоштанд. Хидмати бузурги Дарвин дар он аст, ки ӯ ҳамроҳи А. Ванесс равандҳои табиати зиндаро мувофиқи қонунҳои объективии он омӯхта, «дахолат»-и қувваҳои фавқуттабиироро ба инкишофи табиат инкор мекард.

Моҳият ва нақши таълимоти эволютсионии Дарвин дар он аст, ки вай сабабҳо ва қувваҳои пешбарандаи эволютсияро дар ҳодисаҳои олами органикӣ кашф кардааст. Чарлз Дарвин ба зоти ҳайвонот ва рустаниҳои хонагӣ аҳаммияти махсус медод. Ӯ олами ҳайвонот ва набототро аз нуқтаи назари инкишофи эволютсионӣ омӯхта, ба чунин хулоса омад, ки инсон ба интихоби зотҳои гуногуни ҳайвонот дар асоси тағйирпазирии ирсӣ ва интихоби сунъӣ ноил шудааст. Дар натиҷаи ба вуҷуд омадани зотҳои нави ҳайвонот дар онҳо чунин хусусиятҳое пайдо шуданд, ки барои қонеъ гардондани талаботи гуногуни инсон заруранд.

Эҷоди шаклҳои нави фарҳангӣ калиди дарки пайдоиши намудҳои биологӣ буд. Тағйирпазирии ирсӣ дар асоси интихоби табиӣ дар табиат ба амал меояд. Дар табиат интихоби сунъӣ сурат намегирад; дар он ҷо барои пайдо шудани намудҳо ва зотҳои гуногуни мавҷудоти зинда асоси сунъӣ вуҷуд надорад. Дар табиат асоси созгори пайдоиши намудҳо интихоби табиӣ ва мубориза барои мавҷудият мебошад.

Мубориза барои ҳаёт муносибатҳои мураккаби бисёрҷанбаи байни организмҳои зинда ва муҳити зист мебошад. Зарурати мубориза барои ҳаёт дар табиат аз зиддиятҳои байни қобилияти бозтавлидкунии организмҳо ва маҳдуд будани воситаҳои рӯзгордорӣ сар мешавад. Дар ин муборизаи мушаххас барои мавҷудият, то расидан ба камолоти ҷинсӣ танҳо намудҳои пурқувват ва фардҳои онҳо зинда мемонанд. Тарзи асосии мавҷудияти намудҳо интихоби озоди табиӣ, нигоҳ доштани фарқиятҳои инфиродӣ ва бартараф кардани хусусиятҳои манфӣ мебошад. Интихоби табиӣ фардиятҳоеро, ки сифатҳои фоиданоки пурқувват доранд, нигоҳ медорад, ки дар натиҷа ин намудҳо ва фардҳои дорои хосиятҳои ирсии судманд афзоиш меёбанд, вале нотавонҳо зинда намемонанд.

Ҳамин тариқ, худи бозтавлидкунӣ (такрористеҳсолкунӣ) ҳамчун натиҷаи таъсири мутақобилаи тағйироти ирсӣ, мубориза барои мавҷудият ва интихоби табиии байни намудҳо худ низ дар ҷараёни мутобиқшавӣ ба муҳити табиӣ таҳти таъсири ҳамин омилҳо тағйир меёбанд. Мутобиқшавии организмҳои зинда ба муҳити зист натиҷаи эволютсия мебошад. Оқибати дигари ин раванд гуногунрангии намудҳое мебошад, ки дар минтақаю музофотҳои муайяни сайёраи Замин паҳн шудаанд.

Таълимоти эволютсионии Чарлз Дарвин барои исбот ба дигар қувваҳои фавқулода эҳтиёҷ надорад ва худаш исбот мекунад, ки қувваҳои ҳаракатдиҳандаи табиат дар худи табиат мавҷуданд. Чунин қувваҳои пешбаранда – тағйирпазирии ирсӣ, мубориза барои мавҷудият ва интихоби табиӣ мебошанд. Табиати зинда қобилияти ҳаракат кардан ва инкишоф додани худро дорад. Аҳаммияти ҷаҳонбинии таълимоти Чарлз Дарвин низ маҳз дар ҳамин аст ва баъзе шабоҳатҳоро ба он, ки дар таълимоти Абуалӣ Ибни Сино мушоҳида мекунем, метавон аз ҳамин мавқеъ арзёбӣ намуд.

**Адабиёт:**


1. Абуалӣ ибни Сино. Рисолаи саргузашт // Осор. – Душанбе: Дониш, 2005. – С. 155- 169.
2. Абуалӣ ибни Сино. Донишнома // Осор. – Душанбе: Дониш, 2005. – С. 170-349.
3. Абуалӣ ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот // Осор. – Душанбе: Дониш, 2005. – С. 350- 547.
4. Абуалӣ ибни Сино. Мабдаъ ва маъод // Осор. – Душанбе: Дониш, 2005. – С. 548-696.
5. Абуалӣ ибни Сино. Азҳавия // Осор. – Душанбе: Дониш, 2005. – С. 697-776.
6. Абуали ибн Сино. Избранное: в 2 т. Т. 1. – Душанбе-Ашгабат, 2003. – 450 с.
7. Абуали ибн Сино. Канон врачебной науки: в 10 т., - Ташкент: Изд-во мед.лит. им. Абуали ибн Сино, 1996.
8. Абуали ибн Сино. Сочинения: в 2 т. Т.2. – Душанбе: Дониш – 2005. – 840 с.
9. Абуали ибн Сино. Фани самой табиӣ. – Теҳрон, 1316 ҳиҷрӣ.
10. Диноршоев, М. Д. Ибн Сино и его философские воззрения //Абуали ибн Сино: Избр.произведения. Т.1. – Душанбе, 1980. – 419 с.
11. Диноршоев, М. Д. Натурфилософия ибн Сины. - Душанбе: Дониш, 1985. – 255 с.
12. Исхаков, С. И. Абуали ибн Сино и его медицинские воззрения. – Душанбе: Дониш, 1980. – 43 с.
13. Наврузов, С. Н. Назад к семинарам. – Душанбе, 2007. – 36 с.
14. Наврузов, С. Н. Предметная действительность сущностных сил человека. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 408 с.
15. Осими, М.С. Величие Авиценны // Торжество разума. – Душанбе: Дониш, 1980. – 391 с.
16. Рахимов, М. Философия человека Абуали ибн Сины (Авициянының). – Душанбе: Ирфон, 2005. – 339 с.
17. Шаҳобуддинов, С. Пешгуфтор //Абуалӣ ибни Сино. Қонуни тиб. Ҷ. 1. – Душанбе, 1991. – 382 с.

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДИИ ИДОРАКУНИИ ФАРҲАНГИ САРВАТШИНОСИВУ СОЗАНДАГӢ ДАР МЕНЕҶМЕНТИ МУОСИРИ КАСБӢ



Табаралӣ ҒАНИЕВ – профессори ДМТ

**Ташаккули фарҳанги сарватшиносиву созандагӣ ҳам дар шакли эволютсионӣ ва ҳам дар шакли таъсиррасонии мақсадноки идоракунӣ дар менеҷменти муосири касбӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Бинобар ин, фарҳанги сарватшиносиву созандагӣ ҳамчун объекти идоракунӣ дар менеҷмент ба ҳисоб рафта, асосан се давра (сикл) ё худ зинаи махсуси ташаккулу таъсиррасонӣ ва тағйирёбандагии худро дорад.**

**Давраи аввал** – ҷараёни ташаккули фарҳангиро пурра дар бар гирифта, пеш аз ҳама, барои менеҷмент шинохти субъекти фарҳангӣ ва сарчашмаҳои назариявию амалии пайдоишу усулҳову методҳои рушдёбандагии он мақоми олӣ дорад. Яъне, менеҷменти корхонаро зарур аст, ки ҳамаи дастаи роҳбарони касбиву ҳунарӣ ва худи онҳо дорои фарҳанги баланди сарватшиносиву созандагӣ бошанд. Инчунин, қобилияти баланди пайдо ва амалӣ кардани ин арзишҳоро дар раванди роҳбарии худ дошта бошанд, то ин ки устувориву рушди ин ҷараёнро дар корхонаву ширкатҳо нигоҳ дошта тавонанд. Дар баробари, ин боз ҷараёни тағйирёбандагӣ ва ё навсозии фарҳангиро низ таъмин карда тавонанд.

Худи ҷараёни ташаккулёбиро дар илми менеҷмент мо дар модели илмиву таълимотии сарварсозии худ мувофиқат дар ду паллаи тарозу номидаем, ки дар яке мазмун ва дигаре шаклгирии ин объект пешниҳод гардида, вобаста ба ҳар як фаъолият ин қоидаи муҳимми паллагӣ бояд ҳатман риоя карда шавад. Яъне, пешвоёни комили касбӣ ва менеҷерону дигар ҳайати кормандони менеҷменти корхонаву ширкатро зарур аст, ки субъектҳо ва омилҳои асосии дохилӣ ва берунаи таъсиррасонии фарҳангсозиро муайян созанд.

Дар баробари ин, менеҷментро зарур аст, ки давра ба давра ва зина ба зина ҷараёни воридсозии арзишҳо ва меъёру нишондиҳандаҳои навини фарҳангии сарватшиносиву созандагиро дар ҳама фаъолиятҳои роҳбарӣ ҳатман мавриди баррасӣ қарор дода, иҷрои ҳатмии онро аз ҳамаи роҳбарони соҳаи маориф талаб кунад.



Бояд таъкид сохт, ки ин ҳама арзишҳои оливу нави фарҳанги сарватшиносиву созандагие мебошанд, ки барои гузаштан ба сатҳи дигар ва ё худ зинаи болотари рушдёбандагии касбиву ҳунарӣ ҳамчун пойдевор ва ё кодекси фарҳангии рафторӣ ба менеҷменти муосири касбӣ хидмат мерасонанд.

Маълум аст, ки ташаккули фарҳанги сарватшиносиву созандагӣ, ки маҳз аз пешвоёни комили касбӣ, менеҷерон – роҳбарони шоиста-солори таърихӣ сурат мегирад, албатта, моделу системаи фарққунандаи худро доранд. Бинобар ин, ҳар яке аз ин роҳбаронро зарур аст, ки моделу система ва ё худ асосҳои назариявӣ-консептуалии фарҳангсозиро биомӯзанд, модели беҳтаринашро барои мактабу муассисаҳои таълимӣ вобаста ба хусусияти хоси соҳавию касбу ҳунарӣ интихоб ва қабул намоянд. Онро дар

тарозуи донишу ҳунари олии креативию когнитивии созандагии худ баркашида, барои менеҷменти муассисаҳои таълимӣ пешниҳод намоянд ва масъалагузориву амалӣ созанд.

Дар илми сарварсозии муосир, дар аксари давлатҳои пасошуравӣ моделҳои навини фарҳангсозии иқтисоди бозаргонӣ қабул ва амалӣ шуда истодаанд. Яке аз рушдкардатарини он, модели донишманди амрикоӣ Эдгар Шейн (5 марти соли 1928) мебошад, ки ҳанӯз солҳои 80-уми асри гузашта пешниҳод шуда буд. Мувофиқи модели Э. Шейн, ташаккули фарҳанги сарватшиносиву созандагиро ба се зинаи дараҷавии ташаккулёбӣ ҷудо менамоянд: **сатҳӣ (зоҳирӣ), миёна ва амиқ.**

**1. Аз рӯйи ин радабандӣ омилҳои сатҳии ин нишонаҳои технология, сару либос, ҷойи корӣ, меъморӣ, рафтор, муҳити руҳиву равонии менеҷменти корхона ва нишонаҳову ҷаласаву чорабиниҳои фарҳангиро меноманд.**

**2. Нишонагирӣ ба арзишҳои ахлоқӣ, қоидаҳои этикӣ, стратегия, фалсафаи рушди корхона, кодекси рафтории кормандон, мақсадгузориву барномасозиҳо, миссия ва мароми муассисаҳои соҳаҳои маориф;**

**3. Мазмуну шаклгирии фарҳангсозӣ ва ҳаводиси ба вуқӯъ пайваста, муносибат ба одамон ва фаъолияти касбии онҳо, муносибат ба сарватҳои табиӣ ва истифода онҳо, вақтшиносӣ ва замонашиносиву муҳитсозии олии касбиву ҳунарӣ, боварӣ ва дӯстдорӣ, хислатҳои хоси миллӣ ва дигар унсурҳо;**

Бо андешаи донишманд Эдгар Шейн, вобаста ба омилҳои мазкур се зинаи ташаккули фарҳанги сарватшиносиву созандагиро мушоҳида кардан мумкин аст:

**1. Нишондиҳандаҳои аввалаи асосӣ.**

**2. Қабули арзишҳо ва меъёрҳои фарҳангӣ.**

**3. Нишонаҳои амалии фарҳангӣ.**

**(Маводи электронӣ: Модель организационной культуры по Эдгару Шейну. w**https://ru.m**.Wikipedia.jrg/wiki.)**

**1. Ба нишондиҳандаҳои аввалаи асосӣ** дараҷаи саводнокӣ ва фаҳмиши аввали кормандону роҳбарони соҳаҳои маориф, ширкатҳо, роҳбарону пешвоёни комили касбӣ дохил мешаванд, яъне, дастаи касбӣ, умуман, худашон дар кадом сатҳи фарҳангӣ қарор доранд. Вобаста ба ин, ворид сохтани арзишҳои навини фарҳангӣ барои сатҳҳои гуногун ҳамчун мафҳуми нав ва ё бегонаи ношинос ҳисоб мешаванд. Қабулу амалӣ сохтани он дар навбати аввал аз дараҷаи саводнокии касбии роҳбарон – пешвоён ва ҳар яке аз аъзои корхона вобастагии калон дорад. Инро Э. Шейн ҳамчун асоси ташаккули фарҳанги сарватшиносӣ ва созандагӣ дар менеҷмент меномад.

Ба ақидаи ӯ, вобаста ба он ки одамон дар кадом дараҷаи саводнокии касбиву ҳунарӣ ва ахлоқии худ қарор доранд, муносибати онҳо нисбат ба сарватҳову созандагӣ куллан фарққунанда буда, муҳитро дар зинаи худ мешиносанд. Бинобар ин, гузаштагони мо низ таъкид бар он доштанд, ки мо бояд ҳатман байни нуқсону камолро шиносему дарки маънӣ дошта бошем.

Чунонки Мирзо Бедили бузургвор мефармоянд:

***Табъи ноқисро мабар дар имтиҳонгоҳи камол,***
***Камиёрӣ чун маҳак хоҳад, тилло мис мешавад.***
***Ҳар чӣ гӯӣ, Бедил, аз нуқсу камол огоҳ бош,***
***Маънӣ аз вазъи иборат ратбу ёбис мешавад.***

Бале, дар ворид сохтани фарҳанги олии касбӣ, ки онро имтиҳонгаҳи камол меноманд, ба табъи роҳбари ноқис, камсавод ва ё сарватношиноси нодон, агар тилло бошад, мис мешавад. Яъне, ӯ арзишҳоро намешиносад ва беқадриву ноэҳтиромӣ нисбат ба сарватҳо карда, наметавонад сарватшиносу созанда бошад. Дар ҳама ҳолат устоди бузургвор бо таъкиди шинохти нуқсону камол аз ҳамаи мову шумо, бахусус, инсонҳои комили касбӣ рамзшиносиву маънишиносии баландро талаб дорад.

**2. Равиши зинаи дувум** сатҳи ҷаҳонбинии роҳбарон ва кормандони соҳаи маориф мебошад, ки риояи меъёру стандартҳову низомҳои мувофиқ ба кодекси фарҳанги сарватшиносиву созандагӣ дар менеҷмент талаботи зинаи дувуми фарҳангӣ мебошад. Инро ҳамчун модели олии рафтори менеҷмент дар вақти мақсадгузорӣ ва қабули нишондиҳандаҳои барномавии созандагӣ, қабули қарори роҳбарӣ, инчунин, талаботи функсионаливу вазифавии ҳар як корманд бояд иҷро кард.

Ин арзишҳоро бояд чунон қабул намуд, ки натанҳо дар шароити орому мувозинати роҳбарӣ, балки дар ҳолатҳои ногувори бухрониву дигар номувозинатии давравии соҳаи маориф кумакрасону чун воситаи асосии бамақсадрасӣ хидмат расонад.

**Арзишҳои олии фарҳангии сарватшиносиву созандагиро,** пеш аз ҳама, дар шинохти худи инсон ҳамчун арзишмандтарин захираи корпоратсияҳо бо як боварӣ ва аз сидқи дил ҳар як корманд бояд дарк намояд. Барои муассиса ҳамчун захираи қиматбаҳои арзиши олии инсонидошта, шинохта ва қадрдонӣ карда мешавад. Албатта, ин арзишҳоро пешвоёни комили касбӣ дар амалисозии фаъолияти касбиву ҳунариашон бояд пурра нишон бидиҳанд ва кормандону зердастон онро дар модели чашмрасии фарҳангӣ бубинанд ва пайравони онҳо шаванд.

**3. Равиши дигари амалисозии фарҳанги сарватшиносиву созандагӣ,** амалисозии нишонаҳои фарҳангӣ дар молу хидматҳо, техникаву технология, биноҳову иншооти касбиву ҳунарӣ ва либосу муҳити ҷойи кориву воситаҳои иртиботу хидматрасонӣ ба истеъмолкунандагону ҳамкорону ҷомеа мебошад. Вобаста ба давраҳои рушди худ ва рушди бозори ҷаҳонӣ ҳар як муассисаи таълимӣ маҷбур аст, ки арзишҳову нишонаҳои навинро ба кодекси фарҳангии худ ворид созад. Дар баробари ин, фарҳангсозии навини моливу хидматрасонӣ, техникиву технологӣ, маркетингиву логистикӣ, сарватшиносиву созандагӣ ва эҷодиву кашфиётии зинаи 4-7-уми креативию когнитивидошта дар раванди стратегии рушди устувори касбӣ ва шоистасолориву мондагории таърихии худ бояд фарҳангсози таърихӣ бигардад.

**4. Равиши панҷуми ташаккули фарҳангсозии касбиву ҳунарӣ,** ташкил ва гузарондани ҳама гуна конференсияҳои илмиву амалӣ, мизи мудаввару маҳфилҳои илмиву фарҳангӣ, ташкили чорабиниҳои байналмилалии рушди касбӣ, озмунҳо, кинофилмҳо аз истеъдодҳои баланд, чеҳраҳои нотакрори таърихӣ, корбасти шиору овеза ва роликҳои маркетингӣ, ташвиқу тарғиботи баланди имконот ва ихтирооти навини касбиву ҳунарӣ, ташкили машғулиятҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ, инчунин, ташкили мусобиқаҳои дохилиширкатии рушдёбандагии касбӣ ва муайян кардани ҷоизаҳои фарҳангсозони касбӣ, навоварону ихтироъкорони моҳир ва соҳибистеъдодони баланди касбиву ҳунарӣ мебошад.

Таҷлили ҷашнвораҳои касбии таърихӣ гиромидошти шахсиятҳои фарҳангсози таърихӣ ва дигар равишҳо барои рушдёбандагии стратегии фарҳанги сарватшиносиву созандагии корхонаву ширкатҳо ҳамчун пойдевори асосии рақобатпазириву диққатҷалбкунандагӣ хидмат мерасонанд.

Вобаста ба ин, навовариҳову ихтирооту чеҳраҳои навини корхонаву ширкатҳо арзишҳои навини фарҳангӣ вориди корхонаҳову ширкатҳо мегарданд, ки дар оянда боз пойдевори навини кодекси рафтори фарҳангии корпоратсияҳову ширкатҳо мегарданд. Аз нигоҳи дигар, ин маҳз ҳамон механизми ташаккули фарҳанги сарватшиносиву созандагӣ дар менеҷменти муосири касбӣ мебошад.

Аз мазмуну шаклгирии панҷ равиши ташаккулёбии фарҳангӣ маълум мегардад, ки дилхоҳ корхонаву ширкатро зарур аст, худро ба меъёрҳову арзишҳои навини фарҳангӣ дар муҳити дохиливу берунӣ мувофиқ гардонад. Ин равандро дар илми менеҷмент раванди мутобиқат низ меноманд. Мутобиқсозиву мутобиқшавӣ дар раванди фаъолияти касбии идоракунии менеҷмент, пеш аз ҳама, назар ва ё нигоҳи кормандон ба тарзу усули навини роҳбарии шумо, ба талаботи бозор, истеҳсоли молу хидматрасонии навини корхона, муносибат ба худи кормандону ҳамкорону истеъмолкунандаву харидорон ва дигар равандҳое мебошанд, ки ҳатман вақту замонро талаб доранд. Бале, ба ин маънӣ Бедили бузургвор таъкид кардаанд: «**Ҳар чиро аз дур мебинӣ, сиёҳӣ мекунад**» **ва ё «Моҳ то ба камолаш нарасад, нур нагирад».**

Дар ҳақиқат, дар навбати аввал тарси ворид гаштан ба муҳити нави эҷодиву кашфиётӣ ва когнитивию созандагӣ, даст кашидан аз тарзу усули одатшудаи анъанавӣ мебошад. Аз нигоҳи равонӣ корманди одаткарда намехоҳад, ки мавқеи худро аз даст бидиҳад ва ё худ аз тағйирёбии ҳолатҳо метарсад. Дувум, хислати инсонӣ низ боз дар он аст, ки ба чизи нав ба назари нобоварӣ муносибат карда, ҳатто бори аввал навовариву эҷоду кашфиёт ва ё арзиши навинро **афсона** мегӯяд.

Маълум аст, ки ин эҷоду кашфиёти худи ӯ нест ва маънои онро дорад, ки зеҳни ин гурӯҳи одамон ҳанӯз то ба он зинаи рушдёбанда нарасидааст.

Мақоми асосиро дар ҷараёни фарҳангсозӣ ном, мақсадгузорӣ ва стратегияи равиш ва натиҷагирии он мебозад, ки бояд хеле содаву фаҳмо баррасӣ шавад ва дастрасӣ ба одамон бошад,

ки ба ин чараён пайваст мебошанд. Инчунин, тағйирёбӣ ва таъсиррасонии ин дигаргуншавии рафторӣ ба фаъолияти ҳар як корманди одӣ, менеҷерону пешвоёни комили касбӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Талаботи дигари одаткунониву мувофиқасозӣ ба талаботи касбии функсионаливу миссияи корхонаву ташкилот мувофиқ будани ташаккулёбиву амалисозии арзишҳову меъёрҳои навини фарҳангӣ ба шумор меравад. Дар ин масъала, мо боз як маротибаи дигар таъкид бар он дорем, ки ҳама гуна бегонапарастиву навгониҳои сунъии дар фаъолияти касбиву ҳунарӣ воридшаванда оқибати хуб надорад.

Бинобар ин, воситаи асосии воридсозии арзишҳои нави фарҳангӣ, пеш аз ҳама, бояд ихтиёрӣ ва дар натиҷаи омӯзиши амиқи таълимотӣ ва боваркунонии касбии пешвоёни ҳирфаиву ҳунарӣ ба вуқӯъ бипайвандад. Маҷбурсозӣ, кӯркӯрона ва ғайрирасмӣ ворид сохтани ҳама гуна тағйирёбиҳои рафтори роҳбарӣ боиси норозигии кормандону истеъмолкунандагон, кулли ҷомеа ва оқибат сабаби аз байн бурдани ҳокимияту роҳбарӣ мегардад.

Аз ин рӯ, мақоми дигар дар ин фаъолият таъмини чараёни иттилоотиву иртиботӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба ҳар як арзишу меъёри навини фарҳангӣ, манфиат ва таъсири он ба фаъолияти касбиву ҳунарӣ, инчунин, муайян кардани системаву моделҳои назоратии риояи ин низому арзишҳои навинро ба ухда дорад. Дар натиҷа, агар нуқсоне ва ё норавшание, ки дар чараёни амалисозии ин ва он равиши фарҳангӣ ва ё нопуррагие барои иҷрои ин низому нишондиҳандаҳо пайдо гардад, ҳатман бояд ислоҳ ва ба мақсад мутобиқ гардонда шавад.

Инчунин, равон кардани намояндагону кормандони ихтисосу касбҳои гуногун, менеҷерону роҳбарони зинаҳои алоҳидаи идоравии менеҷмент ба хориҷи кишвар барои омӯзишу аз худ кардани фарҳанги навини касбӣ, дар таҷриба ба чашм дидани онҳо ва даъвати мутахассисону донишмандони соҳа барои таъмини курсҳои бозомӯзии касбии кормандону роҳбарону пешвоёни комили касбӣ мувофиқ ба барномаҳои нави фарҳанги сарватшиносиву созандагӣ дар менеҷменти муосири касбии ватанӣ мебошад.

Барои амалисозии арзишҳову меъёрҳои нави сарварсозӣ, ҳатман гурӯҳбандиву системакунонии равандҳоро вобаста ба дараҷаи зарурату таъсиррасониҳо, шахсони муттасадии донишманд ва мавзуъҳои бевосита ба шунаванда мувофиқ ҷудо намудан зарур аст.

Дар ҳоле ки мо ба шунавандагон аз доираи талаботи функсионалию вазифавиашон берун дарс мегӯему таълим медиҳем, пас, онҳо медонанд, ки аз доираи талаботи касбии онҳо берун аст, дигар ҳатто тоқати гӯш кардани гӯяндаро надошта, намехоҳанд, ки ба он диққат диҳанд.

Маълум мегардад, ки доир ба ҳар як зинаи идоракунӣ ва нишондиҳандаҳои фарҳангии рафторӣ одамон хоҳиши баланди меъёриву андозавиро доранд, ки ба гуфтаи шоир ва мутафаккири тоҷику форс Ҷалолиддини Балхӣ: **«Андоза нигоҳ дор, ки андоза накуст».**

Албатта, меъёрҳои фарҳангӣ худ пурра дар тарозуи бузурги ақлонӣ баркашидашудаи зинаи 4-7-уми аҳроми рушди инсонӣ бояд бошанд. Зарур аст, ки арзишҳои волои кодекси фарҳангии корпоративиро ҳамчун нишондиҳандаҳои **боварӣ ва дӯстдорӣ** ташкил диҳад, ки ҳар яке дар зинаи 4-5 аҳроми роҳбарӣ қарор доранд.

Мо боз таъкид бар он дорем, ки барои тамоми корманду роҳбар ва пешвоёни комили касбӣ андозаву меъёрҳои ҷазодиҳиву ҳавасмандкунӣ бояд мавҷуд бошад. Яъне, дар чараёни иҷрои талаботи функсионаливу вазифадории фаъолиятҳои касбиву ҳунарӣ дилхоҳ корманд бояд пурра боварӣ ба ҳисси баланди масъулият ба мукофоту ҳавасмандии мотиватсиониро доро бошад.

Дар ин масъала боз як маротибаи дигар таъкид бар он мекунем, ки дар ташаккули фарҳанги сарватшиносӣ ва созандагӣ дар менеҷмент нақши олиро роҳбари олӣ, пешвои комили корпоратсия ва асосгузори ақидаи ширкатсозӣ мебозад. Ӯ на танҳо ақидаву эҷоду кашфиёти нав дорад, балки худ асосгузори амалигардонии ин равиши инноватсионии касбӣ буда, пайравони зиёди худро дорад, ки ба ӯ бовар мекунанд.

Ин гурӯҳи пайравон метавонанд, ки ҳамчун парчамбардорони фарҳанги навини сарватшиносиву созандагӣ бошанд. Дар натиҷаи чунин ҳамдилии даставии менеҷмент ва дастаи меҳнатии корпоратсия имконоти васеву солими фарҳангсозиро пайдо намоянд ва онро ҳамчун воситаву роҳу равиши асосӣ – консептуалии идеологиву назариявии бамақсадрасӣ истифода бубаранд.

Бояд қайд кард, ки вобаста ба дараҷаи фарҳангиву рушдёбандагии креативию когнитивии пешвоёни комили касбӣ ва ҳайати кормандон, ҳатто ду муассисаи якхела метавонад, ки фарҳанги сарватшиносиву созандагии гуногун дошта бошад.

Аслан, қоидаҳои ташаккули фарҳангсозии сарватшиносиву созандагиро дар илми менеҷмент ба панҷ гурӯҳи асосӣ тақсим менамоянд:

1. Асоснокунии арзишҳову меъёрҳои навини рафтори фарҳангии касбиву ҳунарии роҳбарӣ дар идоракунии менеҷмент. Арзишҳову меъёрҳои нави фарҳангӣ бояд ҳатман ба талаботи қонунгузории милливу байналмилалӣ мутобиқат дошта, ба муқобили онҳо набошанд, инчунин, ба талаботи касбиву ҳунарии соҳавию ихтисосӣ пурра созгор бошанд.

2. Умумияти арзишҳои фарҳангӣ ва имконоти истифодаи он барои ҳамаи аъзои дастаи касбии корхонаву ташкилот. Яъне, зарур аст, ки фарҳанги сарватшиносиву созандагии корпоративиро ҳамаи аъзои корпоратсия ва ё аксар қабул дошта бошанд. Инчунин, арзишҳову меъёрҳои фарҳанги сарватшиносиву созандагӣ бояд содаву оммафаҳм гардонида шаванд. Ақаллияти аъзо аз пешвои комили касбӣ то корманди қаторӣ имконоти пурраи истифодаи он арзишҳову меъёрҳоро дошта, аз ин арзишҳоро самаранок истифода карда тавонанд.

3. Варианти алтернативӣ надоштани арзишҳову меъёрҳои олии рафтории кодекси фарҳанги сарватсозӣ ва созандагӣ. Яъне, мо набояд дар ин равишҳо хотирбиниҳову дурӯягиву беадолатӣ дошта бошем. Ё худ амалисозиву истифодаву риояи ин кодекс боиси баҳсу хархашаву норизоӣ бошад. Ин рафтору меъёру арзишҳо чунон дар зинаи олии креативию когнитивӣ бояд қарор дошта бошанд, ки боз далел овардану исбот карданро тақозо накунанд.

4. Фарҳанги сарватшиносиву созандагиро ҳамчун унсури асосӣ ва захираи бузурги бамақсадрасӣ дар менеҷменти касбиву ҳунарӣ бояд шинохт, ки дар он ҳар як аъзои корпоратсия имконоти воқеии мақсаднокро бубинад ва ба он боварии комил дошта бошад.

5. Эҳтирому аҷгузорӣ ба арзишҳои кодекси фарҳангӣ ва муқобил нагузоштани он ба фарҳанги миллии он давлате, ки корпоратсияҳои байналмилалӣ кору фаъолият менамоянд**.**

Ҳамин тавр, мо дар охири ин мавзуи муҳимии рӯз ба он хулосаи назариявӣ – консептуалие омадаем, ки ташаккули фарҳанги корпоративии сарватшиносиву созандагӣ қонунияти диалектикии алоқамандии рушди касбиву ҳунарӣ ва иқтисодӣ, қоида ва талаботи махсусу асосҳои назариявии вижаи худро доштааст, ки новобаста ба марзу буми кишварҳо ва тарзу усули роҳбариву дину оину расму одатҳои милливу мазҳабӣ, ба дилхоҳ муассисаҳои соҳаи маориф ва махсусан, таълимӣ зарур аст.

**АДАБИЁТ:**


1. Бодрунов, С. Общая теория ноономика. – Москва-Санкт-Петербург-Лондон, 2019. – 504 с.
2. Янь, В. От великой стены до уолл – стрит. Перевод от англ. – М: Олимп-Бизнес, 2018. – 448 с.
3. Тросби, Д. Экономика и культура. – М:Высш.шк, 2013. – 256 с.
4. Абдикеев, Н. М., Киселев, А. Д. Управление знаниями корпорации и реинжиринг бизнеса. Учебник. – М.: ИНФРА-М, 2015. – 382 с.
5. Экономические проблемы на рубеже XXI века. Под.редакции К. В. Папенова. – М.: ТЕИС, 2003. – 762 с.
6. Армстронг, М. Стратегическое управление человеческими ресурсами: пер с анг. – М.: ИНФРА-М, 2002. – 328 с.
7. Клаус Шваб. Четвертая промышленная революция. Пер. с англ. – М.: Эксмо, 2019. – 209 с.
8. Сорокин, А. В.. Теория общественного богатства. Курс лекции в 2 ч. – М.: МГУ, 2013. – 224 с.
9. Ғаниев, Т. Б. Менеҷмент. Китоби дарсӣ. Иборат аз 13 қисм. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 2019 с.
10. Распопов, В. М., Распопов, В.В. Корпоративное управление. М. Магистр. М.2017.-352с.
11. Балашов, А. П. Организационная культура. Уч.пособ. – М.: 2017. – 278 с.
12. Хурматуллин, В. В. Интеллектуальная собственность. М.: МаксПресс, 2017, – 180 с.
13. Фмичев, В. А., Фомичева О. С. Когнитоника. В цифровом веке. – М.: МАКСПресс, 2018. – 344с.
14. Зеленная экономика и цели устойчивого развития для России. Научная монография. Под.общ.ред С. Н. Бобылева, М.: МГУ. 2019. – 284 с.
15. Культура богатства. Под.ред. С. В. Пирогова. – М.: МАКСПресс, 2013. – 168 с.

# ПСИХОЛОГИЯИ ИҶТИМОИИ ТЕРРОРИЗМ ВА ТАДБИРҲОИ ПЕШГИРИКУНАНДА НИСБАТ БА ОН



Манучеҳра АЛИХОНОВА – корманди ДҶТИБКСМ

**Намуди аз ҳама хатарноки ҷиноятҳои зӯроварӣ, ки ҳам дастаҷамъона ва ҳам дар танҳоӣ содир мешаванд ба монанди: таркишҳо, оташзанӣ, истифодаи моддаҳои радиоактивии таъсирбахш, ташкили садамаҳо, сар задани офатҳои табиӣ, аз кор монондани иншоотҳои ҳаётан муҳим, ки хатари марги одамонро ба вуҷуд меоранд, инчунин асир гирифтан ва нобуд кардани гаравгонҳо дар ҳолати вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, ба ҳисоб мераванд.**

Терроризм зуҳуроти шадиди ифротгароие мебошад, ки аз ҷиҳати равонӣ, на танҳо бо оқибатҳои хосси ниҳоят манфии худ, балки бо сабаби халалдор кардани мувозинати равонӣ дар ҷомеа, нооором кардани зиндагии осоиштаи одамон, тавлиди изтиробу тарси умумӣ, интизории таҳдид низ хатарнок аст.

Дар баробари шартҳои сиёсӣ, идеологӣ, этнопсихологӣ ва мазҳабӣ рафтори террористонро хусусияти психологии фардии онҳо низ муайян мекунад. Психологияи умумии хусусияти террористон ин ифротгароӣ, тамоюли эҳсосӣ ва низоъӣ дар ҳалли мушкилоти зиндагӣ мебошад.

Таъкиди шахсияти террорист дар талоши гипертрофии худшиносӣ, сатҳи хеле баландтари даъвоҳо, дар рӯҳияи ӯ бартарӣ доштани ҳавасмандиҳои сиёсӣ ва этнопсихологӣ, дар қабул кардани ореоли шаҳид барои «ғоя» зоҳир мешавад.

Барои ҳамаи террористон гипертрофияи арзишҳои гурӯҳии танг хос аст. Тамоми ҷаҳон ба таври қатъӣ ба «худ» ва «бегонагон» тақсим мешавад, хатари таъсири бегона гипертрофӣ мешавад. Муносибати зиддиятноки рафторӣ ташаккул меёбад, ки ба осонӣ ба самти зӯроварӣ мегузарад.

Дар шароити муосир фаъолияти террористии созмонҳои экстремистӣ шиддат мегиранд, хусусияти онҳо мураккабтар мешаванд, мураккабии амалҳои террористӣ ва зиддиинсонӣ меафзоянд.



Барои муқовимати самаранок бо терроризм фаҳмидани психологияи терроризм, манбаъҳои таҷовуз муҳим аст.

Мушкилоти терроризм бисёрҷанба аст. Дар он дар баробари ҷанбаи иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ҷанбаи равонӣ низ бояд таъкид шавад, ки баррасии ҳамаҷониба ва омӯзиши амиқро тақозо мекунад. Мутаассифона, на ҳама вақт, ҳатто бо истифода аз тамоми чораҳои имконпазир пешгирӣ аз ҳамлаи террористӣ имконпазир аст. Аз ин рӯ, мушкили ҷилавгирӣ аз фаъолиятҳои террористӣ ба миён меояд. Ҳамин тариқ, вақте террористон гаравгон мегиранд, мушкилии гуфтушунид бо онҳо ба миён меояд. Ва ин як мушкилии комилан равонии муошират, имкони таъсиррасонӣ ба ҷинояткорон бо мақсади пешгирӣ аз қурбониёни эҳтимолӣ мебошад. Барои ҳалли самараноки ин мушкилот, фаҳмидани психологияи терроризм муҳим аст.

Якчанд намуди ангезаҳоеро, ки одатан террористонро роҳнамоӣ мекунанд, ҷудо кардан маъмул мебошад.

1. Мотивҳои меркантилӣ: барои шумораи муайяни одамон терроризм роҳи ба даст овардани пул аст.

2. Ангезаҳои идеологӣ: чунин ангеза дар натиҷаи ворид шудани инсон ба як ҷомеаи дорои равияи ғоявию сиесӣ ба вуҷуд меояд.

3. Ангезаҳои тағйирот ва тағйироти фаъоли ҷаҳон: ин ангезаҳо бо эҳсоси беадолатӣ дар сохтори мавҷудаи ҷаҳон ва хоҳиши тағйир додани он дар асоси фаҳмиши субъективии адолат алоқамананданд.

4. Ангезаи қудрат бар одамон: тавассути зӯроварӣ, тарсу ҳарос ба одамон террорист мекӯшад, ки худ ва шахсияти худро тасдиқ кунад.

5. Ангезаи таваҷҷуҳ ва ҷолибияти террор ҳамчун соҳаи фаъолият. Террористонро хатари марбут ба террор, раванди таҳияи нақшаҳо, хусусияти амалисозии амалҳои террористӣ ҷалб карда метавонад.

6. Ангезаҳои дӯстонаи дилбастагии эҳсосӣ дар гурӯҳи террористӣ. Чунин ангезаҳо метавонанд: ангезаи интиқом барои ҳамсабақони кушташуда, ангезаҳои иштироки анъанавӣ дар террор, зеро яке аз хешовандон бо он машғул буд.

7. Мотиви худшиносӣ. Аз нуқтаи назари худи террористон, амали онҳо як шакли барқарор кардани адолати вайроншуда мебошад. Терроризм тасаввуроти каҷро дар бораи адолат дар ҷаҳон ифода мекунад, ҷавоби нокифояи тарафи заиф ба амалҳои қавӣ мебошад.

Терроризм дар таърих падидаи нав нест. Нақшҳое, ки террористон дар гурӯҳҳои террористӣ иҷро мекунанд, аз ҷониби психологҳои иҷтимоӣ тасвир шудаанд ва ба се нақши асосӣ оварда мешаванд: нақши роҳбар, нақши авантюрист ва нақши идеалист.

1. Роҳбарон дар аввал одатан ҳисси нокифоягии худро эҳсос мекунанд ва онро ба осонӣ ба ҷомеа пешкаш мекунанд ва боварӣ доранд, ки ҷомеа нокифоя аст ва бояд тағйир дода шавад. Чунин шахсиятҳо дар бораи ҳадафҳои гурӯҳи террористӣ ва решаҳои идеологияи он тасаввуроти равшан доранд. Нақши роҳбар барои шахсиятҳои намудҳои наргисистӣ ва параноид ҷолиб аст.

2. Моҷароҷӯён одатан тамоми малакаҳои заруриро барои иштирок дар гурӯҳи террористӣ доранд. Одатан, ин як навъи шахсияти зиддиҷамъиятӣ мебошад, ки аксар вақт таърихи рафтори ҷиноятӣ пеш аз дохил шудан ба гурӯҳ дорад. Идеология дар рафтори онҳо метавонад ба таври назаррас фарқ кунад, ё умуман вуҷуд надорад. Ҷустуҷӯи эҳсосоти қавӣ дар амалҳои таҷовуз онҳоро бештар ҷалб мекунад.

3. Идеалист одатан як ҷавон (ё духтар) бо назари содалавҳона ба мушкилоти иҷтимоӣ ва имконияти тағйироти иҷтимоӣ мебошад, ки ҳамеша аз вазъи ҷомеа ё ташкилоти ӯ норозӣ аст. Вай объектҳои беҳтарин барои «шустани мағзҳо» мебошанд, ки сарчашмаҳои онҳо метавонанд таъсири идеологӣ, сиёсӣ ё динӣ бошанд. Дар байни ин намуди террористон падидаи фанатизмро мушоҳида кардан мумкин аст. Субъект ба рафтори террористӣ асосан аз сабаби мавҷудияти ниёзҳои психологии таҳрифшуда (ё нуқсонҳои шахсият) дохил карда мешавад, на аз он сабаб, ки барои ноил шудан ба беҳбудиҳо дар соҳаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ кӯшиш мекунад.

Аз рӯи дараҷаи эҳсосот ду намуди террористон фарқ мекунанд. Намуди аввал бо хунукии ҳадди аксар хос аст. Ба навъи дуюми террористон ҳаёти амиқи эҳсосӣ хос аст. Табъи баланд ба гиперактивӣ ва аз ҳад зиёд эҳсосотӣ оварда мерасонад. Одатан, ҳангоми иҷрои амали террористӣ чунин шахс ҷамъ оварда ва худдорӣ мекунад, аммо дар ҳаёти ҳаррӯза ӯ қодир нест, ки эҳсосот, хоҳишҳо, аффектҳо, таҷовузро боздорад.

Фарқияти психологии шахсонеро, ки ба содир кардани амалҳои террористӣ қодиранд ё шахсоне, ки сарварони гурӯҳҳои террористӣ барои чунин амалҳо истифода бурда метавонанд, фарқ кардан лозим аст. Пеш аз ҳама, инҳо афроде ҳастанд, ки дар арсаи сиёсӣ натавонистаанд худро дарк кунанд, балки барои қудрат талош доранд ва дорои маҷмӯаи пастии муайяне ҳастанд. Ба онҳо унсурони роҳзание ҳамроҳ мешаванд, ки аллакай хун рехтаанд ва ба ивази пул хар як супориши ташкилотҳои террористиро иҷро карда метавонанд. Варзишгарони собиқро, ки дар канори ҳаёт қарор доранд, набояд фаромӯш кард. Терроризм ва гурӯҳҳои гуногуни маргиналҳо, ҷудоихоҳон ва партовҳои ҷомеаро ғизо медиҳанд, гарчанде ки эҳтимолияти ҷалби онҳо дар ин ҷо камтар аст.

Сарчашмаи муҳимми кадрҳои террористӣ зархаридонест, ки дар минтақаҳои гуногуни низоъ қарор дошта, дар ин ё он тараф меҷанганд. Барои психологияи онҳо як чиз муҳим аст: кӣ бештар пул медиҳад ва аксар вақт онҳоро танҳо «манфиати куштан», «эҳсос кардани қудрат бар одамон», «бартарии худро аз дигарон нишон додан» бармеангезад. Худи одамони гирифтори аномалияҳои гуногуни рӯҳӣ, ки дар худ маҷмӯи бартариятро нисбат ба дигарон ҷойгир кардаанд, набояд тахфиф карда шавад. Мавриди зикр аст, ки фаъолияти онҳо тавассути расонаҳои хабарӣ ҳавасманд карда мешавад, ки на танҳо усулу воситаҳои дар амалҳои террористӣ истифодашавандаро ошкор мекунанд, балки шахсияти омилони онҳоро оммавӣ мегардонанд. Омӯзиши саривақтии чунин контингент имкон медиҳад, ки барои пешгирии ҳамлаҳои террористӣ чораҳои пешгирикунанда андешида шаванд. Ҳар яке аз ин категорияҳои террористон дорои хусусиятҳои хоси ахлоқию равонӣ мебошанд. Бо донистани контингенти террористон, мо метавонем тахмин кунем, ки одамони аз канораҳо ва маъюбони равонӣ, инчунин онҳое, ки комплексҳо доранд (ҳам пастӣ ва ҳам болоравӣ) асосан танҳо амал мекунанд. Ин яке аз душвориҳои муайян кардани онҳост. Баръакс, аз ҷумлаи унсурони роҳзанӣ ва онҳое, ки аз таълими зархаридӣ дар «нуқтаҳои гарм» гузаштаанд, бо ташкили гурӯҳҳои террористӣ амал мекунанд.

Мушкилоти ҷиддии ахлоқӣ танҳо ба террористони «идеявӣ» хос аст, ки сатҳи баланди таҳсилот ва рушди зеҳнӣ доранд, ки қодиранд амалҳои худро инъикос кунанд. Барои аксари террористон мавҷудияти синдромҳои ибтидоӣ хос аст, ки ба ҳалли мушкилоти мураккаби ахлоқӣ монеъ мешаванд. Якчанд психотипҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Синдроми зомби – дар омодагии доимии табиӣ, душмании фаъол нисбат ба душмани воқеӣ ё виртуалӣ, майл ба амалиёти мураккаби ҷангӣ зоҳир мешавад. Ин «синдроми мубориз» аст. Чунин одамон доимо дар шароити ҷанг зиндагӣ мекунанд, онҳо аз ҳама гуна ҳолатҳои сулҳ канорагирӣ мекунанд.

2. Синдроми Рембо – дар сохтори невротикии шахс ифода меебад, ки аз мунокишаи байни хоҳиши эҳсосоти шадид ва таҷрибаи изтироб, гунаҳкорӣ, шарм, нафрат барои иштироки худ дар онҳо ҷудо карда мешавад. Барои чунин одамон дарки ихтиёран ба зиммаи худ гузоштани «миссияи» наҷоти ҷаҳон, фикри вазифаҳои наҷиби алтруистӣ, ки ба амалӣ кардани хоҳишҳои хашмгин имкон медиҳанд, хос аст. Ин синдроми миссионер аст.

3. Синдроми камикадзе – ба террористони худкуш хос аст, ки дар ҷараёни амали террористӣ худро нобуд мекунанд. Ба хусусиятҳои асосии психологии чунин одамон омодагии шадид ба фидокорӣ дохил мешавад. Террористи камикадзе аз имконияти фидо кардани ҷони худ ва бо худ бурдани ҳарчи бештари одамон хушҳол аст. Барои ин, ӯ бояд ҳадди аққал тарси марги худро бартараф кунад. Далелҳои зиеде ҳаст, ки террористон на аз марг, балки аз ҳолатҳои марбут ба он метарсанд: захмҳо, нотавонӣ, эҳтимолияти ба дасти кувваҳои интизомӣ афтодан. Аз ин рӯ, террористон бештар ба худкушӣ омодаанд на он, ки барои ҳифзи ҳаёт худ. Азбаски онҳо ҳуқуқи идора ба ҳаёти дигаронро ва тағйир додани марҳилаи зиндагии онҳоро (ҳаёти қурбониёни худро) доранд, ҳуқуқи ихтиёрдории ҳаёти худ ба таври худкор дар назар дошта мешавад. Яке аз ангезаҳои аслии рӯ овардан ба терроризм эҳтиёҷоти қавии таҳкими ҳуввияти шахсӣ мебошад, ки бо мансубият ба гурӯҳе ба даст меояд. Сонияи, инҳо ангезаҳои худшиносӣ, додани аҳаммияти махсуси қаҳрамонона ва ғайра мебошанд. Ва муҳимтар аз ҳама, терроризм аксар вақт натиҷаи абсолютизми идеологӣ (ҳақиқати мутлақ ва ягона), эътиқод ба доштани гӯё волотарин ҳақиқат, дастури беназири наҷоти халқи худ ва ҳатто тамоми инсоният мебошад.

Терроризм истифодаи амалҳои зӯроварӣ, пеш аз ҳама мусаллаҳро дар бар мегирад, аммо таъсири иҷтимоии онро бо таъсири соф ҷисмонӣ (шумораи қурбониён) шарҳ додан хато мебуд. Таъсири хеле назаррас таъсири эмотсионалӣ ва равонӣ мебошад, ки дар тарсонидани аҳолӣ зоҳир мешавад. Маҳз ҳамин механизм аст, ки террористон ба воситаи он ба аҳолӣ, шуури омма ва ҳатто ба ҳукуматдорон таъсир расонданӣ мешаванд. Тарс аслиҳаест, ки тавассути он шахс саркӯб карда мешавад. Яъне, амалҳои террористӣ ҳамеша бо мақсади худнамоӣ, бо мақсади ба вуҷуд овардани такон ва тарс миёни аҳолӣ ва мақомот сурат мегиранд.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди мавҷудияти баъзе хусусиятҳои равонии шабеҳ, ҳеҷ асосе барои ҳарф задан дар бораи мавҷудияти портрети мураккаби террорист вуҷуд надорад.

Мо метавонем ҳадди аққал ду намуди психологиро ҷудо кунем, ки аксар вақт дар байни террористон пайдо мешаванд.

Аввалинҳо бо зеҳни баланд, эътимод ба худ, худбаҳодиҳии баланд, хоҳиши худшиносӣ ва дуюмиҳо бо худбоварӣ, нокомӣ бо худбаҳодиҳии заиф ва худбаҳодиҳии паст фарқ мекунанд.

Аммо ҳам барои якум ва ҳам барои дуюм хашмгинии баланд, хоҳиши худро тасдиқ кардан, тахайюл (фанатизм) хос аст. Навъи дуюми психологӣ маводи идеалии сохтмонӣ барои ҳар як гурӯҳи террористӣ мебошад, ки дар он ин шахси заиф дастгирӣ, ҳисси фоиданокӣ, эътимод ба қобилиятҳо ва ҳисси «мо»-и худро пайдо мекунад.

Ба хотири гурӯҳи истинодии нав пайдошуда, ин шахс бо баъзе «омодагии» психологӣ (ки дар гурӯҳ, дар байни мардум осонтар аст) – ба хотири муаррифии худро ҳамчун узви ин гурӯҳ ва эҳсоси амният ба осонӣ дар бораи идеяе меравад, ки ҳама гуна амалҳои ӯро ба осонӣ асоснок мекунад.

Барои террористон сатҳи баланди таҷовузкорӣ, даст кашидан аз арзишҳои умумиинсонӣ хос аст. Инчунин, маълум мешавад, ки гурӯҳи террористон бераҳм ва бетафовут аз одамони танҳо аз ҷиҳати равонӣ заиф аст, ки метавонанд танҳо дар байни мардум худро қавӣ ҳис кунанд. Мавҷудияти онҳо эътиқодест, ки ба дин монанд аст. Аммо дар байни террористон ин дин идеологияи муқобилият аст. Дидани ҷаҳони «мо онҳо ҳастем», тақсимоти он ба мусулмонон ва «кофирон» дар таҳаммулнопазирии шадид ба ҳама гуна ихтилофҳо зоҳир мешавад. Террористон фанатикҳои динӣ мебошанд, ки гӯе ҳақиқати олӣ ва ягона доранд.

**БО ЗАБОНИ ҲАМЗАБОНӢ ПОЙДОР!**

Ваҳдати аҳли Хуросонем мо,
Оламе аз Оли Сомонем мо!
Аз ғурури Сарбадоронем мо,
Пойбанди дасти армонем мо!

Ҷоми Ҷамшед ба ҷӯш,
Аҳду паймони Курӯш,
Шӯъла з-ин ҳарду мабод
Ҳеҷ гоҳе хомӯш!

Аз табори Ориё пушти ба пуштем,
Мо ҳама аз панҷаи торих муштем,
Хешро куштем дар ҳифзи садоқат,
Рифъати бегонаеро мо накуштем.

Ҷоми Ҷамшед ба ҷӯш,
Аҳду паймони Курӯш,
Шӯъла з-ин ҳарду мабод,
Ҳеҷ гоҳе хомӯш!

Миллати шаҳномахону маснавидор,
Миллати маънисарои рӯдакивор,
Миллати саъдишиносу Хоҷаҳофиз,
Бо забони ҳамзабонӣ пойдор!

Ҷоми Ҷамшед ба ҷӯш,
Аҳду паймони Курӯш,
Шӯъла з-ин ҳарду мабод,
Ҳеҷ гоҳе хомӯш!

**Давлат САФАР**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ

**Фаридун ҲОТАМОВ – унвончӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф ва татбиқи барномаҳоиислоҳоти соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 қайд мекунанд, ки «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаи илму маориф мебошад» [1].**

Дар шароити кунунӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар назди маориф ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои ташаккул ва рушди хонандагони болаёқат мебошад. Масъалаи хонандагони болаёқат, дарёфт, ҷалб ва ташаккули минбаъдаи малакаву маҳорат ва истеъдоди онҳо диққати мутафаккирон, олимону муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд.

Бори нахуст, соли 1972 Кумитаи таҳсилоти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мафҳуми кӯдаки болаёқатро пешниҳод намудааст: кӯдаки болаёқат ва боистеъдод он нафареро ном мегиранд, ки бо сабаби қобилиятҳои барҷастаи худ ба дастовардҳои баланд ноил гаштааст.

Соли 1973 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико «Кумитаи миллии кор бо кӯдакони болаёқат» таъсис дода шуд, ки дар сатҳи давлат масъалаи кор бо кӯдакони болаёқатро ба уҳда гирифта буд. Дар охири солҳои 80-ум ба барномаи кор бо кӯдакони болаёқати қариб миллион нафар насли наврас фаро гирифта шуд. Дар соли 1994 дар Шурои Аврупо қарори №1248 қабул гардид ва дар он махсус қайд шудааст, ки ягон давлат ҳуқуқи аз эътибор дур мондани истеъдоди кӯдаконро надорад. Ба кӯдакони болаёқат бояд шароити мусоиди маълумотгирӣ фароҳам оварда шавад, то ки ба таври пурра имконоти онҳо ҳам ба манфиати худ ва ҳам ба манфиати ҷомеа равона гарданд.

Дар соли 1995 дар Варшава Конференсияи дуюми байналмилалии илмӣ-амалӣ оид ба масъалаи кӯдакони болаёқат барпо гардид. Дар Конференсия муроҷиат ба Созмони Милали Муттаҳид ва роҳбарони давлатҳои Аврупо қабул гардид. Иштирокдорони Конференсия даъват намуданд, ки бояд аз ҷониби роҳбарони давлатҳои ҷаҳон барномаҳои байналмилалӣ оид ба «Кӯдакони болаёқати Аврупо» ва «Кӯдакони асри XXI» қабул карда шавад.



Паҳлуҳои мухталифи кор бо кӯдакони болаёқат аз ҷониби донишмандону олимони кишварҳои Амрико, Британияи Кабир, Олмон, Канада, Япония, Куриёи Ҷанубӣ, Россия, Эрон ва Ҳиндустон мавриди омӯзиш қарор ёфта, олимон Д. Векслер, Дж. Рензулли, П. Торренс, Дж. Гилфорд, К. А. Хеллер, Г. Гессе, К. Юнг ва дигарон дар ин мавзуъ таҳқиқоти назаррасе анҷод доданд.

А. И. Савенков оид ба таълими кӯдакони болаёқат дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, масъалаи ташхиси кӯдакони болаёқат,

мундариҷаи дарсҳо ва ташкили фаъолияти таълимӣ, технологияҳои инкишофи зеҳнӣ-эҷодии болаёқатон таҳқиқотҳои назаррас намудааст [2, 352].

Н. С. Лейтес таҷрибаҳои равоншиносонро оид ба шинохти кӯдакони болаёқат дар маҷмуъ таҳлил намуда, диққати асосиро ба фардияти кӯдакони қобилиятнок равона месозад [3, 416].

Масъалаи хусусияти қобилиятҳои инсонӣ, сохтор ва механизми ташаккули он аз ҷониби В. С. Шадриков таҳқиқ ва коркард гардидааст. Масъалаи инкишофи қобилият бе фаъолият, бе муайян намудани мавқеи фаъолият ғайриимкон аст. Фаъолият воситаи ташаккули шахсият ва қобилият мебошад ва ҳеҷ гоҳ бе фаъолият қобилият пайдо намегардад [4, 149].

Муҳаққиқ консепсияи қобилияти маърифатӣ, сохтор ва механизми онро дар ягонагии ду ҳолати он – ирсият ва натиҷаи дар муддати тамоми ҳаёт бадастомада пешниҳод менамояд. Барои ташаккули консепсияи мазкур В. С. Шадриков тавассути таҳлили назариявӣ ва ҷамъбасти таҳқиқотҳои Л. С. Виготский, Б. Г. Ананев оид ба механизмҳои вазифавии ҷараёни равонӣ, А. Р. Лурил оид ба асосҳои нейропсихология; К. Анохин оид ба физиологияи системаи функсионалӣ, инчунин, дар асоси таҳқиқотҳои самти руҳию генетикӣ андешаҳояшро асоснок кардааст.

Мутобиқи ақидаи В. С. Шадриков, қобилият танҳо дар натиҷаи озодии фаъолият ва иҷрои пай дар пайи амал рушд меёбад. Қобилият танҳо дар он сурат инкишоф меёбад, ки дар интихоби ҳама шаклҳои фаъолиятҳо озодӣ мавҷуд бошад, зеро озодӣ дар фалсафа зарурат дониста мешавад ва зарурият худ озодӣ мебошад. Шаклҳои амалигардии он дар имконоти эҷодӣ мебошад, ки ӯ дар интихоби роҳу усул то кадом андоза озод мебошад.

Дар навбати худ В. С. Шадриков таъкид менамояд, ки инкишофи қобилият дар ҷараёни фаъолият сурат мегирад, ки фаъолият дар чунин шакл вуҷуд дорад: фаъолияти таълимӣ, фаъолияти меҳнатӣ, фаъолияти бозӣ ва ғайра.

Ба андешаи К. К. Платонов, қобилият сифати шахсиест, ки на ҳама кас ба чунин сифат ноил гардида метавонад. Муайянкунандаи муваффақият дар азбаркунии фаъолияти махсус ва такмили минбаъдаи он мушоҳида карда мешавад. Қобилиятҳо метавонанд одӣ ва мураккаб, умумӣ ва хос, захиравӣ ва аёнӣ шаванд. Қобилиятҳо на танҳо аз дараҷаи одӣ то ба истеъдод фарқ мекунанд, балки онҳо метавонанд аз дараҷаи ноаён то ба возеҳ зоҳир шаванд. Истеъдод бо хусусиятҳои фардии руҳияи инсон, ки қобилият номида мешавад, алоқаманд аст [5, 61].

Аксари ин олимон зикр менамоянд, ки қобилият на аз рӯйи низоми равонӣ-вазифавӣ, балки аз рӯйи намудҳои фаъолият ташаккул меёбад.

Андешаи дигар дар он асос меёбад, ки қобилият пурра бо муҳит ва тарбия вобастагӣ дорад ва бе тарбия ва муҳити созгор қобилият ташаккул намеёбад. Ин намояндагон чунин мешуморанд, ки қобилият дар фаъолият ҳангоми шароитҳои мусоиди иҷтимоии ҳаёт ташаккул меёбад. Ғайр аз ин, мавҷудияти нишонаҳои истеъдодҳои инфиродии табиӣ метавонад ба ташаккул ва рушди қобилиятҳои муайяни хонандагон мусоидат намояд. Оид ба нишонаҳои қобилият ва истеъдод фикрҳои гуногун мавҷуд мебошад. Нишонаҳои қобилиятро ҳамеша дар заминаҳои табиӣ ҷустан зарур меояд. Аксарияти онҳо бо сабаби аз ҷониби мураббиёну омӯзгорон ошкор нагардиданашон рушд намеёбанд. Нишонаҳои истеъдод чунин имконоти табиие мебошанд, ки метавонанд ба қобилият табдил гарданд ва дар аксари ҳолат хомӯш мемонанд.

Аксари муҳаққиқони соҳаи педагогика ва психология дар он ақидаанд, ки дар муайян намудани нишонаҳои истеъдод бояд асосҳои қобилияти табиӣ-ибтидоӣ, ки то ҳол рушд наёфта, вале аз худ ҳангоми кӯшишҳои нахустини фаъолият дарак медиҳанд, ба назар гирифта шавад. Дар ташаккули қобилияти хонандагон майлу хоҳиш мавқеи хосаро ишғол менамояд. Агар хонанда майлу хоҳиш надошта бошад, ягон чиз ба ин амал ёрӣ расонида наметавонад.

Муҳаққиқони дигар майлу шавқу рағбатро ҳамчун аломати нахустин ё падидае, ки қобилиятҳоро тавлид месозад, номбар мекунанд. Майлу рағбати кӯдак ба ягон фаъолияти муайян, масалан, ба расмкашӣ, мусиқинавозӣ ва варзиш қобилияту маҳоратро тавлид месозад. Аксар вақт ин кӯшишҳо хеле барвақт мушоҳида гардида, шавқ ба фаъолият ҳатто дар шароитҳои номусоиди зиндагӣ низ бедор мешаванд. Майлу рағбат аз мавҷудияти заминаҳои муайяни табиӣ баҳри рушди қобилият дарак медиҳад.

Педагогон ва психологон М. Громов, Е. Игнатева, В. Крутетский, Н. Лукин болаёқатиро бо доштани қобилиятҳои ақлӣ ва махсус тақсим кардаанд ва ба навъи якум чунин сифатҳои ақлӣ, ба монанди зиракӣ, зудии фикри таҳлилию таркибӣ, дараҷаи баланди фаъолияти таҳлилию таркибӣ,

мутамаркази диққат, хотираи устувор ва хусусиятҳои эҳсосотӣ-иродавиро ворид намудаанд. Ба қобилияти махсус маҳорату лаёқат ба мусиқӣ, математика, фаъолияти бадеӣ-тасвирӣ, адабӣ, конструктивӣ-техникӣ ва амсоли инҳоро мансуб медонанд. Дар баробари ин мафҳуми «истеъдод»-ро мушаххас намудаанд. Истеъдод пайвастагии мусоидтарини қобилият мебошад, ки барои бомуваффақият ва эҷодкорона иҷро намудани фаъолияти муайян имконият медиҳад.

Илова бар ин, низоми кор бо кӯдакон ва ҷавонони боистеъдод бояд як қатор ҷузъҳоро дар бар гирад, ки ба фароҳам овардани шароит барои рушди мусоиди равонӣ ва психофизикии кӯдакон дар тамоми марҳалаҳои ба воя расидану ба ҳадди аксар нигоҳ доштан ва инкишоф додани хусусиятҳои табиии онҳо мусоидат мекунанд. Муносибати маҷмуӣ дар мавриди кор бо кӯдакон ва ҷавонони лаёқатманд дар сатҳи давлатӣ имкон медиҳад, ки кишвар ба яке аз пешсафони рушди сармояи инсонӣ табдил ёбад ва иқтисодиётро бо кадрҳои инноватсионие, ки ба он хеле зарур аст, ғанӣ гардонад.

Воситаи муҳимтарини ҳалли мушкилоти марбут ба фароҳам овардани шароите, ки муайянкунӣ, рушд, дастгирии мақсадноки кӯдакони лаёқатманд, татбиқи иқтидори онҳо ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро таъмин мекунад, барномаҳои дарозмуддати мақсадноки давлатӣ мебошанд.

Барномаи давлатии «Дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025» ба фароҳам овардани шароит барои рушди имкониятҳои потенсиалӣ ва қобилиятҳои истеъдодҳои ҷавон нигаронида шудааст. Дар он низоми тадбирҳои инкишоф додани муассисаҳои таълимӣ ва таҷрибавии кор бо хонандагони болаёқат, мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникии онҳо; омода намудани кадрҳо барои кор бо кӯдакони лаёқатманд; ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълимӣ барои таълим ва рушди кӯдакони лаёқатманд; гузаронидани тадқиқот оид ба проблемаҳои истеъдоди кӯдак муайян карда шудааст [6]. Дар барнома низоми тадбирҳое пешбинӣ шудаанд, ки ба ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нигаронида шуда, ба ошкорсозӣ, таълим ва дастгирии кӯдакони лаёқатманд вобастаанд.

**Адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» – Душанбе: Шарқи озод, 2018.
2. Савенков, А. И. Диагностика детской одаренности как педагогическая проблема // Педагогика. - 2000. – №10. – С. 87-94.
3. Лейтес, Н. С. Об умственной одаренности: Психологические характеристики некоторых типов школьников. – М.: Изд-во АПН РСФСР, 1960. – 215 с.
4. О психологии и диагностике профессиональной пригодности / В. Д. Шадриков // Проблемы воспитания старшеклассников: профессиональная ориентация / под ред. В. В. Новикова. – Ярославль, 1970. – Вып. 2. – С. 115-125.
5. Платонов, К. К. Проблема способностей. – М.: Наука, 1972. – 310 с.
6. Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №113.


Ростӣ шуғли некбахтон аст,
Ҳар киро ҳаст, некбахт он аст,
Дил зи бахри чӣ дар кажӣ бастӣ?
Ростӣ пеша кун, зи ғам растӣ!

**Абдулмаҷди САНОӢ**



Бадриддин МАҚСУДЗОДА – профессори ДМТ

# ЭЪҶОЗ ВА НОДИРАКОРИИ ҲОФИЗ

*(Ба истиқболи 700-солагии Ҳофизи Шерозӣ )*

**Ҳофиз шоири бузурги хирадгаро, инсондӯст ва вассофи зебоист. Бинобар ин, дар ғазалҳои ӯ қиёсан бо шеъри дигарон паёмҳои бисёру гуногун дар баландтарин зинаи авҷи ҳунари шоирӣ тарсим карда шудаанд. Барои Ҳофиз зебоии сухан на камтар аз баёни маъност. Аз ин рӯ, гуфтааст:**

*Ҳофизам дар маҷлисе, дурдикашам дар маҳфиле,*
*Бингар ин шӯхӣ, ки чун бо халқ санъат мекунам.*

Дар байте дигар се ҳунари аслӣ доштани худро чунин баён кардааст:

*Ошиқу ринду назарбозаму мегӯям фош,*
*То бидонӣ, ки ба чандин ҳунар оростаам.*

Ошиқию риндию назарбозӣ мафҳумҳои ба ҳам вобаста ва то андозае ҳаммаънои якдигаранд. Мафҳумҳои мазкур калиди паёмҳои ғазалҳои ноби Ҳофизанд. Қаҳрамони ғиноии ғазалҳои Ҳофиз, ки дар маҷмуъ, ҳар се сифати зикршударо дорад, шахси оҷизу бечораҳол нест, балки дар арсаи зиндагӣ мубориз аст, барои амалӣ намудани омоли неки худ пайваста саъйю талош мекунад.

**Ишқ.** Яке аз мавзуъҳои марказии шеъри Ҳофиз ишқ мебошад. Зеро аз дидгоҳи шоир ҷавҳари аслии ҳаёти инсон ишқ аст. Ишқ аст, ки зиндагиро маънӣ мебахшад, инсонро ба хотири инсон будан завқ медиҳад. Дар шеъри Ҳофиз ишқ тобиши маъноии хеле васеъ дорад: ишқ ба зебоӣ, ишқ ба ватан, ишқ ба волидайну пайвандон, ишқ ба табиат, ишқ ба касбу кор ва ғайра. Ҳамин аст, ки Ҳофиз мегӯяд:

*Аз садои сухани ишқ надидам хуштар*
*Ёдгоре, ки дар ин гунбади даввор бимонд.*



Аз ин рӯ, шоир ба ишқ рӯ меорад. Ва ҳамаи анвои маъниҳои ишқро метавон дар ғазалҳои Ҳофиз ёфт. Аммо дар ибтидо қаҳрамони ғазали Ҳофиз ишқро осон мепиндошт. Пас аз гузашти замоне мефаҳмад, ки шеваи рафтор бо ишқ ва ошиқ будан кори осоне нест, он мушкилиҳои зиёде дорад. Биноан, шоир чунин нидо дармедиҳад:

*Ало, ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,*
*Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо.*

Ҳамаи навъҳои ишқ душвориҳои зиёд дорад. Вазифаи ошиқи воқеӣ сарбаландона бартараф намудани ҳамагуна мушкилоти пешомада аст. Аммо ишқи Ҳофиз, ба ҳар маънӣ ишқи шӯрангез аст ва ошиқ дар ин водӣ бо саъйю талоши худ шебу фарозҳои зиёдеро тай намудааст. Аз ҳамин ҷост, ки мегӯяд:

*Шаммае аз достони ишқи шӯрангези мост,*
*Ин ҳикоятҳо, ки аз Фарҳоду Ширин кардаанд.*

Вале Ҳофиз муътақид аст, ки беҳтарин ишқ, ин ишқ ба ҳунар аст. Ҳар инсоне бояд ороста ба касбу ҳунар бошад ва ишқро фақат дар дил додан ба лаби лаълу чашму зулфи зеборухон донистан, ғалати маҳз аст:

*Латифаест ниҳонӣ, ки ишқ аз ӯ хезад,*
*Ки номи он на лаби лаълу хатти зангорист.*
*Ҷамоли шахс на чашм асту зулфу оразу хол,*

*Ҳазор нукта дар ин кору бор дилдорист.*
*Қаландарони ҳақиқат ба ним ҷав нахаранд*
*Қабои атласи он кас, ки аз ҳунар орист.*

Ҳар касе ба кору амали зебо ва нек ошиқ шуд, ба растагорӣ наздик хоҳад шуд ва аз ӯ асаре нек барои дигарон боқӣ хоҳад монд, зеро ишқ шахсро ба корнамоӣ талқин мекунад:

*Ҳаргиз намирад, он ки дилаш зинда шуд ба ишқ,*
*Сабт аст дар ҷаридаи олам давоми мо.*

**Риндӣ.** Дувумин мафҳуми калидӣ, ки дар кушодани дарунмояи шеъри Ҳофиз ёрирасон мебошад, риндист. Мазмуни ринди Ҳофиз аз маънои луғавии ин калима фаротар рафтааст. Яъне, ринд ба маънои шахси мункир ва авбошу лоуболӣ нест. Дар шеъри Ҳофиз ринд ба маънои ошиқ, шахси зираку ҳушёр, боҳуш, озод ва аз қайду банди ҳар ду ҷаҳон раҳида, инсондӯст ва билохира орифи ҳақиқатҷӯст. Ринди Ҳофиз як шахси ботинаш аз зоҳираш солимтар, комил, азхудгузашта ва ба қавли худаш «ҷонбозу» «оламсӯз» ва роздону роздорест, ки ҳамеша дар баробари арзишҳои таҳмилию дурӯғин исён мекунад. Ба қавли шоир, аз нигоҳи шахси ринд худбинию худройӣ куфр аст. Ринди Ҳофиз шахси якрӯст ва миннати ҳеч касро намепазирад. Ба қавли худи шоир, ринд аз подшоҳу гадо фориғ аст, аммо тариқи адаб нигаҳ медорад. Ӯ шахси ниҳоят андешаманду пурталош ва балокашест, ки ҳама дардҳои ҷомеаро бар дӯш дорад ва онҳоро рафъ карданист. Ринд дар ҷомеа маъмурияти бас пурмасъулияте дорад. Инро ҳам медонад, ки ишқу риндӣ варзидан кори осоне нест ва тайи роҳи риндӣ барои ҳар кас ошкор ҳам нест. Биноан, худаш гуфтааст:

*Таҳсили ишқу риндӣ осон намуд аввал,*
*Охир бисӯхт ҷонам дар касби ин фазоил.*

Аз ин ваҷҳ, ҳувияти ринд иборат аз он фазилатҳост, ки дар чаҳорчӯби ҷаҳонбинии расмии замонаш намегунҷад. Ринд шахсест, ки на зоҳиди зоҳирпарасти хилватнишин қабулаш дорад ва на майфурӯши майкада (шайхи тариқат), на ба масҷид роҳ дораду на ба майхона (хонақоҳ). Аммо ба ҳар ҳол, майхонаро аз ҳар ибодатгоҳе бартар медонад ва пас аз солҳо хокрӯбии дари майхона он ҷо бо адаб ворид мешавад ва гӯшаи майхонаро айни матлаби худ медонад:

*Манам, ки гӯшаи майхона хонақоҳи ман аст,*
*Дуои пири муғон вирди субҳгоҳи ман аст.*

«Майхона» ва «пири муғон»-ро ба ҳар навъе фаҳмидаанд. Аммо маънии ирфонии он «хонаи ошиқон» ба маънии ҷои будубоши соликони тариқат аст ва «пири муғон» низ ба маънии пири тариқат аст. Дар ҳар ҳол, ринд шахси бениёзу баиззат аст. Ҳатто ҷойгоҳи ринд аз орифи хирқапӯш ҳам баландтар мебошад. Ҳамин аст, ки шоир дар мурофиат ба ориф мефармояд:

*Дар хирқа чу оташ задӣ, эй орифи солик,*
*Ҷаҳде куну сарҳалқаи риндони ҷаҳон бош!*

**«Назарбозӣ»**, ки Ҳофиз онро яке аз ҳунарҳои хоси худаш дониставу борҳо аз он болидааст, як тариқа ё василаи маърифат аст ва он бо ишқу риндӣ робитаи мустаҳкам дорад. Аммо ишқу назар ҷоест, ки ҳусну зебоӣ он ҷост. Дар сифати назарбозӣ шоир мегӯяд:

*Ҷамоли дилбарию ҳусн дар назарбозист,*
*Ба шеваи назар аз нодирони даврон бош.*

Касе дорои ҳунари назарбозист (илми назар), нодираи даврон ӯст. Қаҳрамони ғазали Ҳофиз покбозу назарбоз аст, аммо олуданазар нест, Ӯ иродаи мустаҳкам дорад. Шоир мегӯяд, агар назарбоз ҳастӣ, дар ишқ парвонасон бисӯз, вале хандон бош:

*Ту шамъи анҷуманӣ, якзабону якдил бош,*
*Хаёлу кӯшиши парвона бину хандон бош.*

**Инъикоси замона.** Ашъори Ҳофиз барҳақ оинаи тамомнамои таърихи миллати мост. Дар ашъори Ҳофиз лаҳзаҳои таърихи чандҳазорсолаи мардумони форсизабонро аз даврони асотирӣ сар карда, то замони худи шоир метавон ёфт. Аммо муроди мо ин ҷо инъикоси вазъи замони шоир дар ашъори вай мебошад. Давраи зиндагии Ҳофиз аз нигоҳи сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқӣ яке аз давраҳои нобасомон ва хунрези таърих буд. Тасдиқи чунин авзоъро дар абёти ғазали зайли Ҳофиз метавонем дарёбем:

*Агарчи бода фараҳбахшу бод гулбез аст,*
*Ба бонги чанг махур май, ки муҳтасиб тез аст.*

*Сурохиеву ҳарифе гарат ба чанг афтад,*
*Ба ақл нӯш, ки айём фитнаангез аст.*
*Дар остини мураққаъ пиёла пинҳон кун,*
*Ки ҳамчу чашми сурохӣ замона хунрез аст.*

Аз иттилооти осори таърихии он аср маълум мешавад, ки аксари мардум бар асари нобасомониҳои сиёсию иҷтимоии шадид бағоят дилсахт гашта, нисбат ба ҳамдигар меҳру вафо ва сидқу сафоро фаромӯш карда буданд. Ҳатто зану шавҳар, падару писар, духтару модар, додару бародар бар асари паёмадҳои шуми авзои зикршуда бар гирифториҳо ва забуниҳои мухталиф рӯ ба рӯ гардида, ба ҳам самимияту шафқат надоштанд. Барои манфиатҳои шахсӣ ва моддӣ ва ҷиҳати зинда мондан ба ҳамдигар дармеафтоданд. Аксар ба иллатҳои ношӣ аз нафси саркаш ва парешониҳои равонӣ ба кинатӯзӣ, ҷангу ҷидол, низоъҳо ва соири бадбахтӣ гирифтор буданд. Ахлоқи табақаҳои болоии ҷамъият хеле коста шуда буд. Ин гуна аҳволро дида, дили Ҳофиз ба нолиш меомад:

*Ёрӣ андар кас намебинем, ёронро чӣ шуд?*
*Дӯстӣ кай охир омад, дӯстдоронро чӣ шуд?*
*Оби ҳайвон тирагун шуд, Хизри фаррухпай куҷост?*
*Хун чакид аз шохи гул, абри баҳоронро чӣ шуд?*
*Кас намегӯяд, ки ёре дошт ҳаққи дӯстӣ,*
*Ҳақшиносонро чӣ ҳол афтод, ёронро чӣ шуд?*
*Лаъле аз кони муруввват барнаёмад, солҳост,*
*Тобиши хуршеду саъйи боду боронро чӣ шуд?*
*Шаҳри ёрон буду хоки меҳрубонон ин диёр,*
*Меҳрубонӣ кай сар омад, шаҳрёронро чӣ шуд?...*

Дар натиҷаи мушоҳидаи чунин воқеиятҳои иҷтимоӣ Ҳофиз хулоса мекунад, ки дӯсти бехалал фақат шишаи майу девони ғазал аст:

*Дар ин замона рафиқе, ки холӣ аз халал аст,*
*Сурохии майи нобу сафинаи ғазал аст.*

Ҳофиз мебинад, ки авзои ҷомеаи замонашро ба ифоқа овардан имкон надорад, з-ин рӯ, ба натиҷае мерасад, ки бар он тарҳи нав бояд андохт ва бунёдашро дигар кард. Ҳамин матлабро шоирона чунин баён кардааст:

*Одамӣ дар олами хокӣ намеояд ба даст,*
*Оламе дигар бибояд сохт в-аз нав одаме.*

Бо вуҷуди ин гуна авзои нобасомон Ҳофиз дилшикаста намегардад ва дар қалби худ умеди беҳбудӣ мепарварад. Мухотабашро низ дилдорӣ намуда, ӯро ба ояндаи нек умедвор мегардонад:

*Бигзарад ин рӯзгори талхтар аз заҳр,*
*Бори дигар рӯзгори чун шакар ояд.*

**Панди Ҳофиз**. Ҳофиз беҳтар аз ҳар шоире ба хонандааш ва махсусан, ба ҷавонон панд медиҳад, дарси ҳикмати амалӣ меомӯзад. Аммо дар ин ҳангом забонаш забони як хирадманди дунёдида ва суханвари фасеҳбаён аст. Ӯ чунон нарм насиҳат мекунад, ки фармудаҳояш ногузир ба дилҳо менишинанд. Барои он ки чунин шавад, бо илтифоту меҳрубонии зиёд мегӯяд:

*Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд,*
*Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.*

Дар чунин насиҳатҳояш Ҳофиз аз ҳашви малеҳ хеле моҳирона истифода мекунад. Дар байти мазбур калимаи «ҷоно» ҳашви малеҳ аст ва воқеан, матлаби шоирро зебову латиф гардонидааст. Ҳамчунин, дар байти дигар мегӯяд:

*Вақтро ғанимат дон, он қадар ки битвонӣ,*
*Ҳосил аз ҳаёт, эй ҷон, ин дам аст, то донӣ.*

Дар байти мазкур низ таркиби «эй ҷон» ҳашви малеҳ аст. Ҳофиз дониста чунин амали эҷодиро ба кор андохтааст, то пандаш бар дили мухотабон ба нармию мулоимӣ расад ва мавриди қабул қарор гирад.

Яке аз шартҳои риндию ҷавонмардӣ вафо намудан ба аҳду паймон аст. Ҳофиз ин матлабро аз забони «пири паймонакаш»-и худ бо истифода аз ҳашви малеҳ (равонаш хуш бод!) ва нағмаи ҳуруф чунин зебо ва хотирмон баён доштааст:

*Пири паймонакаши ман, ки равонаш хуш бод,*
*Гуфт: Парҳез кун аз суҳбати паймоншиканон.*

Ғайбати мардум ҳам аз сифатҳои мазмум аст, ҳатто дарвешро ба нодорӣ ва тавонгарро ба сарвати беш доштан айб гирифтан хулқи хубе нест. Ва маслиҳати Ҳофиз ин аст, ки мутлақ аз пайи кори бад нашавему накунем:

*Айби дарвешу тавонгар ба каму беш бад аст,*
*Кори бад маслиҳат ин аст, ки мутлақ накунем.*

Аз диди ахлоқии Ҳофиз азимтарин гуноҳ мардумозорист. Ӯ дар чараёни зиндагӣ ва омӯзиши шебу фарозҳои ҳаёт ба натиҷае мерасад, ки аз ҳама ҷурму гуноҳи бузург дили касеро озурдан аст. Бинобар ин, як китоб сухани ахлоқиро дар байти зер дар шакли муҷаз ва камоли ҳунари суханварӣ, ба таври такондиҳандаву ҳушдордиҳанда мегӯяд:

*Мабош дар пайи озору ҳар чӣ хоҳӣ кун,*
*Ки дар шариати мо ғайр аз ин гуноҳе нест.*

Табиатан, худи Ҳофиз ҷисми нахифе доштааст ва аз зӯри ҷисму қувваи зиёди бозу орӣ. Ва аз ин ҳолати худ сидқан шукр мекунад:

*Ман аз бозуи худ дорам басе шукр,*
*Ки зӯри мардумозорӣ надорам.*

Ҳофиз ҳамчун муаллими ахлоқ ба наврасон ҳушдор медиҳад, ки агар шахс покниҳоду некният ҳам бошад, аммо бо одамони бад, ки нишастухез кард, бадии шахси бад ҳатман сирояташ хоҳад намуд. Бинобар ин, раҳнамоӣ мекунад, беҳтар он аст, ки аз нишастан бо одамони бад парҳез намоӣ:

*Нозанине чу ту покизадилу покниҳод,*
*Беҳтар он аст, ки бо мардуми бад наншинӣ.*

Ҳофиз дар мурочиат ба касоне, ки корро ба ҷанҷолу хархаша ва ҷангу ситез мекашанд, бо камоли лутфу меҳрубонӣ, нармию хушӣ ва дилҷӯёнаву муҳаббатомез чунин мурочиат мекунад:

*Як ҳарфи сӯфиёна бигӯям, иҷозат аст?*
*Эй нури дида, сулҳ беҳ аз ҷангу доварӣ.*

Пас, Ҳофиз мехоҳад, ки одамон дар сулҳу осоиш ва ҳамдигарфаҳмӣ, оромона зиндагӣ ба сар баранд. Якдигарро озор надиҳанд, балки ба ҳам муҳаббат ва эҳтиром дошта бошанд. Шиори зиндагии осударо метавон аз Ҳофиз гирифту парчам кард, ки гуфтааст:

*Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:*
*Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.*

Хулосаи сухани пандомези Ҳофиз он аст, ки ҳар чи дар ин дунё ҳаст, гузарон аст ва ҳеч нишоне аз худ намегузорад. Вале ягона шарти ҷовидонагии инсон дар некӣ кардан аст:

*Бар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,*
*Ки ҷуз накуии аҳли карам нахоҳад монд.*

**Оптимизми Ҳофиз (некбинӣ ва ҳаётдӯстӣ).** Ҳофиз сарояндаи зиндагист. Ҳаётро дӯст медорад. Нисбат ба ҳар гуна пешомадҳо некбин аст. Бо суханони латифу зебои худ мухотабашро неру мебахшад. Ҳофиз чунон некбин аст, ки ҳеч чизе барои расидан ба ҳадафҳои некаш монеа шуда наметавонад. Ӯ дилпурона ва бо виқору ғурури инсонӣ чунин садо дармедиҳад:

*Чарх барҳам занам, ар ғайри муродам гардад,*
*Ман на онам, ки забунӣ кашам аз чархи фалак!*

Қаҳрамони шеъри Ҳофиз мехоҳад ноз бар фалаку ҳукм бар ситора кунад. Ин матлабро хеле шоирона, вале ошкоро чунин баён дорад:

*Гадои майкадаам, лек вақти мастӣ бин,*
*Ки ноз бар фалаку ҳукм бар ситора кунам.*

Чунин суханони пуршӯри Ҳофиз хонандаро ба ҳаёт дилгарм мекунад. Пас аз хондану шунидани чунин абёт кас мехоҳад аз паси Ҳофиз биравад, ба ӯ пайравӣ кунад, мубориз бошад. Мехоҳад барои расидан орзуҳои неки худ талош намояд.

Ҳофиз бар он аст, ки вақте дар зиндагӣ мақоме ёфтӣ, худбину худкома мабош, дигаронро сарфи назар макун. Ин матлабро шоир бо камоли маҳорати хушсуханӣ ва ҳакимона мефармояд:

*Эй нури чашми ман, сухане ҳаст, гӯш кун!*
*Чун соғарат пур аст, бинӯшону нӯш кун!*

Таркиби «соғари пур» метавонад киноя аз неъмати фаровон ё дониши бисёр бошад. Шоир гуфта, ки дар чунин ҳолот диҳишу бахшиш ва ҷавонмардиро пеша кун. Аз файзи дороии худ дигаронро бахра бидеҳ ва пасон, худ баҳравар гард. Яъне, бо тараб зиндагӣ кун, аммо хештанпараст мабош.

Ҳофиз ба инсон мақоми бузургеро қоил аст. Ба неруи азими ӯ бовар дорад. Ба ӯ хушдор медиҳад, ки дар табиат ва зиндагӣ ҳама чиз баҳри ӯст. Фақат пурталошу мубориз бояд буд. Биноан, ба банӣ башар нидо мекунад:

*Камтар аз зарра най, паст машав, меҳр биварз!*
*То ба хилватгаҳи Хуршед расӣ чархзанон.*

Чунин некбинӣ ва ҳаётдӯстӣ дар давраи рушди шеъри классикии мо фақат дар ғазалҳои Ҳофиз дида мешаванд.

**Андешаҳои хайёмона.** Ҳофиз шоири андешаманду мутафаккир аст. Ӯ чун Умари Хайём рӯйи муаммоҳои офариниш, ҳаёту мамот ва ҳастию нестӣ бисёр фикр кардаву ба натиҷае расида, ки румузи онҳо барои ҳама пӯшида аст. Ӯ дар абёти ҳакимонаи худ иброз медорад, ки аз роҳу василаи кашфи муаммои ҳастию нестӣ ҳеҷ донишманде огоҳ нест:

*Чист ин сақфи баланди содаи бисёрнақш?*
*З-ин муаммо ҳеҷ доно дар ҷаҳон агоҳ нест.*

Ӯ низ хайёмвор изҳор мекунад, ки таҳқиқу тафсири вуҷуди инсон ва зиндагии ӯ дар ин ҷаҳон афсуну фасонае беш нест, зеро ба қавли худи ӯ, гавҳари чунин дониш аз садафи кавну макон берун аст ва барои дарки он ақли одамӣ қодир нест:

*Вуҷуди мо муаммоест, Ҳофиз,*
*Ки таҳқиқаш фусун асту фасона.*

Ҳофиз муътақид аст, ки рози даҳр гиреҳест сарбаста ва инсон ба ҳикмат қудрати кушудани онро надорад. Чун андешидан рӯйи ин гуна масъалаҳо кори муҳолест, бояд шод зист ва вақти худро хуш гузаронд. Аз ин мавқеъ Ҳофиз фалсафаи масарратро пеш мегузораду онро қабул дорад. Чунончи, мегӯяд:

*Ҳадис аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,*
*Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо.*
*Ё ҷойи дигар ба ин монанд андешаро баён доштааст:*
*Мутрибо, маҷлиси унс аст, ғазал хону суруд,*
*Чанд гӯӣ, ки чунин рафту чунин хоҳад шуд.*

Аз назари Ҳофиз перомуни масъалаҳои зикршуда фикр кардан кори беҳудаест. Ва азбаски он чӣ гузашт, нест ва оянда низ мавҳум аст, бояд фурсатро ғанимат донисту шод зист. Аз ҳамин ҷост ки мегӯяд:

*Чу дар даст аст руде хуш, бизан мутриб суруде хуш,*
*Ки дастафшон ғазал хонему пойкӯбон сар андозем.*

**Шеъри Ҳофиз аз назари худаш.** Ҳофиз низ ба монанди Саъдӣ аз ҳунари шоирии худаш менозад. Ва аз роҳи худшиносии халлоқияти адабӣ гоҳе дар мавриди ғазалҳояш арзёбиҳои завқӣ мекунад. Аз ҷумла, дар як байти фахри худ лутфи суханашро худодод медонад:

*Ҳасад чӣ мебарӣ, эй сустназм, бар Ҳофиз,*
*Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст.*

Сухани дӯстонро ҳамчу шаккар мешиносад, вале гуфтаи худашро аз он авлотар мешуморад:

*Сухан андар даҳони дӯст шаккар,*
*Валекин гуфтаи Ҳофиз аз он беҳ.*

Дар ҷое шеъри худро «қанди порсӣ» мешуморад ва он агар ба Банғола равад, тӯтиёни Ҳинд баробари дидани он қанд, ҳатман тарки шакархоӣ хоҳанд кард:

*Шаккаршикан шаванд ҳама тӯтиёни Ҳинд,*
*З-ин қанди порсӣ, ки ба Банғола меравад.*

Дар байти мазбур зикри «тӯтиёни Ҳинд» ишора ба Ҳасани Деҳлавӣ ва Амир Хусрав ҳам метавонад бошад.

Ба байти фахри зер зеҳн монед:

*Ғазал гуфтию дур суфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,*
*Ки бар назми ту афшонад фалак иқди Сурайёро.*

Яъне, бар назми Ҳофиз фалак бурҷи Парвинро эҳдо хоҳад кард. Ё шеъри ӯро ситораборone мекунад.

Ҷолибтарин арзёбии Ҳофиз аз шеъраш байти зер аст:

*Субҳдам аз арш меомад хурӯше, ақл гуфт:*
*«Қудсиён, гӯйӣ, ки шеъри Ҳофиз аз бар мекунанд”.*

Яъне, шеъри Ҳофиз, аз назари худаш, ба дараҷае буда, ки дар арш фариштагон он ғазалҳоро ҳифз мекардаанд. Ин фармудаи Ҳофиз ба он маънист, ки ӯ дигар дар рӯйи замин рақиби сухансаро надорад. Дар воқеъ, Ҳофиз дар сухани ҳунарӣ муъҷиза мекунад ва метавон ин арзёбии ӯро қабул кард.

**Сабки Ҳофиз** дар таърихи беш аз ҳазорсолаи шеъри форсии тоҷикӣ сабки беназирест. Тавфиқи ҳунарии Ҳофиз, ба қавли Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ, дар заминаи ҳунарсозаҳои бастаи шеъри пешггузаштагон ва муосиронаш ҳунарсозаҳои нав ва кушод сохтани ӯст. Баста аз он сабаб гуфтем, ки ҳунарсозаи шеъри шоирони дигар барои хонандагон куҳнаву такрорианд ва аз ин рӯ, ба онҳо таъсире намебахшанд. Ҳофиз он сохторҳои ба хонанда ошно ва бетаъсирро тавассути муъҷизаи тасвир ва ҳикмату андеша сохту сурати дигари шигифтангез медиҳад ва ба онҳо ҷони тоза мебахшад. Дар натиҷа суханаш зебову ҳайронкунанда мегардад. Чунончи, ӯ байте дорад бад-ин сурат:

*Тоби бунафша медиҳад турраи мушксои ту,*
*Пардаи ғунча медарад хандаи дилкушои ту.*

Дар ин байт ду ташбеҳи такрорию куҳна ҳаст, яке ташбеҳи даҳони маъшуқ ба ғунча ва дигар ташбеҳи турра ба бунафша. Дар ин маврид Ҳофиз ҳамин сохтори куҳна дар мавриди бунафша ва ғунчаро навсозӣ намуда, ба онҳо тобиши тоза додааст. Дар натиҷаи чунин амалкарди ҳунарии Ҳофиз кушодатарин ва зеботарин ҳунарсозӣ падид омадааст, ки гӯшу зеҳни хонандаро навозиш медиҳад. Ҳунари аслии Ҳофиз, ба назари ҳофизшиносон дар ҳамин гуна тағйирдиҳӣ ва аҷибсозиҳост. Ба ҳамин сабаб сабки Ҳофизро дуршавӣ аз шаклу суратҳои қадим дар меҳвари ҷонишинӣ муайян кардаанд.

Бар асари чунин тарзи халлоқияти адабӣ суратҳои нави шеърӣ падид меоянд ва суратҳои қаблиро маҳв карда, ҷонишини онҳо мешаванд. Ҳамин ҳунари Ҳофиз аст, ки шеъри ӯро аз ҷиҳати маъно чандинқабата намудааст ва ҳар хонанда мутобиқ бар зарфияти завқу салиқаи худ аз онҳо бардошт мекунад.

Чандмаъноии вожаву таркибҳо ва иҳомангезӣ вежагии хоси сабки Ҳофиз аст. Ҳунари дигари ба назарҳо намоёни Ҳофиз дар гуфтани танз намоён мешавад. Ӯ беҳтар аз ҳар шоире танзро ба кор мебарад ва танзҳояш нисбат ба зимомдорони вақт киноӣ, интиқодӣ ва риндонаву зариф ҳастанд, ки шахсро гоҳе ба лабханд вомедорад ва гоҳе меларзонад. Ин ҷо овардани фақат ду намуна кофист, то танзи мутаноқизу нешдори Ҳофиз фаҳмида шавад:

*Айби риндон макун, эй зоҳиди покизасиришт,*
*Ки гуноҳи дигарон бар ту нахоҳанд навишт.*

***

*Эй дил, тариқи риндӣ аз муҳтасиб биёмӯз,*
*Маст асту дар ҳақи ӯ кас ин гумон надорад.*

Бузургии Ҳофиз ба масобаи шоири ғиногӯ боз дар он аст, ки ӯ вожагони ашъорашро дастчин ё ба таъбири дигар, онҳоро аз ғирболи завқу зеҳни нотакрори худаш гузаронида, софкорӣ кардааст. Ҳамин аст, ки мебинем ҳар калима дар ҷойи худаш қарор дорад. Тавре ки ҳеҷ кадом вожаи шеъри Ҳофизро наметавон тағйир дод. Агар тавре ҳам тағйир диҳем, ки вазн коста намегардад, аммо таносуби сухани ӯ вайрон шуда, маънии шеъраш хароб мешавад. Дар ҳамаи абёти шеъраш муроотунназир риоя шудааст. Дар натиҷа, сухани шоир матину устувор гаштаву чунон фарогири маъниҳо шудааст, ки ба ҳадди эъҷоз расидааст.

**Шуҳрати Ҳофиз.** Ҳофиз, ки дар замонаш чун Офтоб медурахшид ва чашмҳои мардуми давраашро бо шаъшаъаи ҳунарии худ хира карда буд, пас аз даргузашташ, шуҳраташ бетаваққуф ба таври инкишофёбанда дар олам густариш пайдо кард. Дунёи васеи форсизабонон пайваста шеъри Ҳофиз мехонданду аз паёмҳояш ва дарунмояҳои ҳунари беназираш ҳаловат мебурданд ва дар дарку фаҳми онҳо дари баҳсу мунозира мекушоданд. Ашъораш ба забонҳои дигар тарҷума ва нашр шудаанд. Абдураҳмони Ҷомӣ ҳеҷ девонеро беҳтар аз девони Ҳофиз намедонад. Ҳофизро

тарҷумонуласрор мешуморад ва меафзояд, ки чун дар шеъри Ҳофиз асари такаллуф зоҳир нест, вайро Лисонулғайб лақаб кардаанд.

Бисёр бузургони ҷаҳон дар ситоиши Ҳофиз арзёбиҳои баланду арзишманд доранд. Овардани гуфтаҳои яке аз онҳо ин ҷо кофист, то аз шуҳрати Ҳофиз дар Аврупо ва нуфузи ӯ ба зеҳну табъи мардумони он сомон фаҳмида шавад. Инак, Иоҳан Гуте, шоири бузурги асрҳои XVIII ва XIX-и Олмон дар «Девони ғарбию шарқӣ»-и худ ба Ҳофиз баҳои баланд додааст. Ин ҷо пораеро дар тарҷумаи тоҷикии он дар иҷрои шоир Лоиқ Шералӣ меорем, ки гуфтааст:

*Ҳофизо, кош чу ту нодирагуфторӣ кунам,*
*Пайрават бошаму гӯям сухани хостае.*
*Тозакорӣ зи ту омӯхтаву пардозам*
*Шеъри муммтозу гаронмояву перостае.*

Гуте дар ҷои дигари ин девони худ гуфтааст:

*Ҳофиз, ту мисли ҷовидонӣ,*
*Чун умри абад надорӣ поён.*

Аммо барои мо шуҳрати Ҳофиз дар миёни форсизабонони ҷаҳон, аз ҷумла тоҷикон, ки ашъори ӯро дар забони асл мутолиаву ҳазм мекунананд, муҳимтар аст. Дар Тоҷикистон Ҳофизро ҳама мешиносанд ва девони ӯ анису муниси ҳамагон асту ҳатман пораҳое аз сурудаҳои ӯро аз ёд медонанду замзама мекунанд. Тоҷикон аз рӯйи эҳтиром ҳатман ба номи Ҳофиз лафзи «Хоҷа»-ро илова мекунанд. Нуфузи маънавии ин шоири бузург дар миёни мардуми тоҷик ба ҳаддест, ки модарон девони ӯро ҳамчун балогардон зери болини кӯдак мегузоранд. Кишоварзон ҳангоми дарави гандум ё ҷамъоварии ҳосили дастранҷи худ дар саҳроҳо ғазалҳои дилошӯби Ҳофизро мехонанд. Навҷавонон дар асоси шеъри Ҳофиз байтбарак мекунанд. Овозхонҳо аз қадим ашъори ӯро дар оҳанги мусиқии классикии «Шашмақом» месароянд. Хиёбону гулгаштҳои шаҳри Душанбе, пойтахти Тоҷикистон, ба номи ӯ гузошта шудаанд.

Тавре мебинем, Ҳофиз дар лаҳзаҳои гуногуни ҳаёташ ба падидаву рӯйдодҳои зиндагӣ аксуламал ва бархурдҳои гуногун, вале хирадмандонаву ҳакимона доштааст. Инсонҳоро ба худсозӣ, кӯшишу кор, таҳаммулгароӣ, сабру шикебоӣ ва монанди инҳо даъват намудааст. Суханонаш лаҳну зарби дилнишин, таскиндиҳанда ва умедворкунанда доранд. Аз ҷониби дигар, ҳамаи фармудаҳояш дар ҳадди олии ҳусну зебоӣ адо шудаанд. Мухтассоти мазкур ва соири қирраҳои ҳунариаш ба шеъри Ҳофиз ҷовидонагӣ бахшидаанд.

Мақому манзилат бодо биҳишти ҷовидон, Ҳофиз!
Ҳазорон раҳмати Ҳақ бод бар он хонадон, Ҳофиз!
Дуогӯи ғариби туст Ҷомӣ dар ҷаҳон, Ҳофиз
«Ғазал гуфтиву дур суфтӣ, биёву хуш биҳон, Ҳофиз!
Ки бар назми ту афшонад фалак икди Сурайёро»

**Абдураҳмони ҶОМӢ**

# ТАШАККУЛИ ОМОДАГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА



**Ҳ. БЕГИМОВ – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти ибтидоии ДДОТ**

**Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019 қайд гардида буд, ки «Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки сатҳу сифати таълимро дар ҳар муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шаклу моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд».**

Ба хотири дар сатҳи ҷавобгӯ ба талаботи замон ба роҳ мондани омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шуд.

Аз ин лиҳоз, равандҳои омӯзиши математика ба рушди илму техника ва технологияи муосир дар ҳаёти ҷомеа нақши муҳимеро мебозад.

Дар охири асри XX тағйироти ҷиддӣ дар самти муайян кардани масъалаҳои таълими математика барои донишҷӯёни бахши таҳсилоти ибтидоӣ ба миён омад. Ин навовариҳо дар натиҷаи тағйирёбии ҳадафҳои афзалиятноки омӯзиш ба вуҷуд омадаанд, ки масъалаи баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни бахши таҳсилоти ибтидоиро дарбар мегирад. Аз ин рӯ, омӯзиши математика барои донишҷӯёни риштаҳои таҳсилоти ибтидоӣ талаби замон ва амри зарурист. Ин омил ба ташаккули касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад. Ҳадаф аз рушди омӯзиши математика, инчунин, азхудкунии донишу малакаю маҳоратҳои ихтисосӣ ва аз қадамҳои аввал барои ҳалли мисолу масъалаҳои мухталиф дар ҷараёни машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ эҷодкорона истифода бурдан мебошад.

Таълим ҳамчун намуди пешбарандаи фаъолият дар ин синну сол қабул карда шудааст, ҳангоми сохтани мазмуну мундариҷа, роҳу тарз, воситаҳо, шаклҳои ташкили омӯзиш зарур аст, ки ҳангоми худомӯзи мазмуну мундариҷаи мушаххас имконпазир бошад. Ба ибораи дигар, онҳо бояд ҳамеша қобилияти истифода бурдани дониш ва малакаи худро дар фаъолияти назариявию амалӣ истифода карда тавонанд. Инчунин, дар ин марҳалаи фаъолият омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар асоси системаи нави таълим вазифадоранд, ки ба онҳо имконият ва шароит барои худшиносӣ дар он фаъолиятҳое, ки дар ин синну сол роҳбарӣ мекунанд, фароҳам оварда шавад.



Дар Консепсияи миллии маълумоти миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (- Душанбе, 2002); Стандарти таҳсилоти ибтидоии забони модарӣ ва математика барои синфҳои ибтидоӣ (1-4) ва Раҳнамои омӯзгор (- Душанбе, 2012); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (- Душанбе, 2013) ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, № 334 тасдиқ шудааст, ҳадафҳои умумӣ инъикос ёфтаанд: тарбияи ахлоқии шахс,

ҳифзи солимӣ, психологӣ ва рухии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ, дониш, малака ва маҳорат дар системаи омӯзиши математика ҳамчун воситаи муҳимми рушди онҳо ба ҳисоб меравад.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки омӯзгор дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз тавсифи мазмуну мундариҷаи омӯзиши математика дур намешавад, чунки мазмуну мундариҷа, роҳу тарзҳои самаранокии ташаккули рушди математика ва азхуд намудани донишу малакаю маҳорат бояд натиҷаи ба сатҳи муайяни инкишофи фаъолияти маърифатӣ расидани онҳо бошад. Омӯзгор дониш ва малакаи худро дар намудҳои гуногуни фаъолият, ки барои донишҷӯён ҷолиб аст, татбиқ намуда тавонад.

Вазифаи асосии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ иборат аз он аст, ки омӯзиши математикаро ба донишҷӯён дастрас гардонида, бо ин роҳу шева шароити ин фаъолиятро ташкил менамояд, то ки онҳо аз уҳдаи таълим бо истифода аз дониш, малака ва маҳорати худ баромада тавонанд. Гузашта аз ин, маҳорати методии омӯзгор ҳар қадар баланд бошад, ёрии онҳо барои рафъи мушкилоти бавуҷудомадаи донишҷӯён ёрӣ расонида метавонад.

Мазмун ва мундариҷаи таълими математика барои донишҷӯёни ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ на он қадар аз рӯйи шумораи мафҳумҳо ва тарзҳои амал бо онҳо, ки бо барномаи таълимӣ муайян шудаанд, дар рушди шахсияти донишҷӯён дар ин давра бояд ягон нақш бозад. Омӯзгор ба раванди ташаккули донишу малакаи донишҷӯён бештар машғул мешавад. Ин мақсадҳо барои онҳо дар тамоми марҳилаҳои таҳсилот пешниҳод карда мешавад ва ҳама вақт талабот оид ба идомаи таҳсил равона карда шуда, ҳамчун мавҷудияти дониш, малака ва маҳоратҳои омӯзиши математика дар онҳо ҳангоми дарс фаҳмонида мешавад. Имрӯз саволе ба миён меояд: «Шумо аз донишҷӯёни ихтисоси таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чиро интизоред?».

Аксари омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба ин савол чунин ҷавоб медиҳанд: қобилияти хондан, навиштан, ҳисоб кардан, донистани ҷадвалҳои ҷамъ, тарҳ, зарб, тақсим, алгоритмҳои хаттии амалҳои арифметикӣ, ҳал карда тавонистани мисолу масъалаҳои гуногун ва ғайра.

Қайд кардан бамаврид аст, ки омӯзиши математика барои омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки он аз марҳилаҳои минбаъдаи таълими системавии навини муассисаҳои таълимӣ ба таври ҷиддӣ фарқ мекунад. Ин падидаро чунин тасниф кардан ҷоиз аст:

Ташаккули ибтидоии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мебошад; ташаккули худогоҳӣ ва қадршиносии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ҳамчун мавзуи нав дар заминаи тафаккур, фаъолият, муошират ва худогоҳӣ қисматҳои зеринро дар бар мегирад: тафаккури мантиқӣ ва забони математикии мувофиқ; амалиёти ибтидоӣ (таҳлил, таркиббандӣ, монандӣ, мушаххасгардонӣ, ҷамъбасткунӣ ва ғайра); малакаҳои кор бо воситаҳои рамзӣ, ифодаҳои мазмун ва мундариҷа (ашё, падидаҳо, аломатҳо, муносибатҳо, амалҳо ва ғайра) дар шаклҳои гуногуни рамзӣ, аз як забон ба забони дигар гузаштан, мазмуну мундариҷаро аз шакли пешниҳоди он ҷудо кардан; оғози фаъолияти эҷодӣ (тасаввуроти фазоӣ, роҳу тарзҳои ҳалли мисолу масъалаҳои математикӣ ва ғайра).

Мувофиқи масъалаҳои самаранокии ташаккули рушд, мазмун ва мундариҷаи фанни таълимӣ тарҳрезӣ карда мешавад. Ҳадафҳои омӯзиши математика барои омодагии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ, ки ба даст овардани самаранокии ташаккули рушдро таъмин менамояд, метавонад ба тариқи зерин ифода карда шавад:

- азхуд кардани системаи муайяни мафҳумҳои математикӣ дар асоси мазмун ва мундариҷаи фанни таълимӣ;

- азхудкунии ғояҳои ибтидоӣ дар бораи тарзҳои пешқадами омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шинохти воқеӣ-амсиласозӣ дар раванди дарси математика;

- самаранокии ташаккули омодагии математикии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли мисолу масъалаҳои матнӣ.

Мазмуну мундариҷаи математика ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки унсурҳои назарияи маҷмуъ, мантиқи математикӣ, ададҳои бутуни ғайриманфӣ, васеъ кардани мафҳуми адад, функсия, муодила ва нобаробарӣ, унсурҳои геометрия, табдилоти геометрӣ, бузургиҳо ва ғайраро ба таври амиқ омӯзанд.

Дар раванди азхудкунии мазмуну мундаричаи дарс донишҷӯён на танҳо тасаввуроти ибтидоӣ, балки дар бораи амсиласозии математикӣ, яъне, сохтори математика маълумот пайдо мекунанд, инчунин, бад-ин тарзу шева инкишофи тафаккури мантиқии математика ба донишҷӯёни таҳсилоти ибтидоӣ пайдарпай омӯзонида мешавад.

Гуфтан бамаврид аст, ки назарияҳои математикӣ дар зери мафҳуми пайдарпай, ки навиштаҷоти дақиқи муайянкунандаи раванди ҳисобкунӣ дар мавриди омӯзиши математика ба шумор меравад, натиҷаҳои матлубро дарк кардан мумкин аст. Яке аз шартҳои самаранокии амалисозии таълими математика баланд бардоштани сатҳи донишу малакаю маҳорат дар раванди таҳсилот ҳисоб меёбад. Ин раванд дар ҳамбастагӣ бо фанҳои табиатшиносӣ, физика, химия, география, биология ва технологияи информатсионӣ сурат мегирад.

Дар ин маврид миқдори зиёди мавзуъҳои математикаро азхуд кардан мумкин аст. Аз ин ҷо зарурати ёфтани тарзу усулҳои мувофиқ барои иҷрои амалҳо пеш меояд. Ҳолати баррасишавандаро барои донишҷӯён нафақат формулаи тайёр, балки иҷрои асосии амалиёт, таҳияи он аз тарафи худи онҳо мустақилона ё ин ки бевосита зери роҳбарии омӯзгор сурат бояд гирад. Дар ин маврид омӯзгор бевосита ҳамчун роҳнамо фаъолияти донишҷӯёнро ба таълими математика равона месозад.

**ВАҲДАТ**

Базри ваҳдат дар дили андеша аст,
Ҷоми ваҳдат аз гили андеша аст.
Ҷоми якто, сангандозаш ҳазор,
Ҷони воҳид, чангандозаш ҳазор.
Пас бибояд ҷом аз пӯлод кард,
Покаш аз зангори ин аздод кард.
То чу Ҷоми Ҷам ҷаҳонбинӣ диҳад,
Аз сафо оинаойинӣ диҳад.
Ҳар куҷо шуд асли ваҳдат нопадид,
Ҳеч кас чизе ба ҷуз зидро надид.
Асли безид – ваҳдати афкори мо,
Ғайри ин – андешаи ағёри мо.

**Рустам ВАҲҲОБЗОДА**

# НАҚШИ МАҲФИЛИ ФАННӢ ДАР РУШДИ ТАФАККУРИ ХОНАНДА

**Ф. НАЗАРОВА – омӯзгори МТҒ «Колеҷи тиббии давои шаҳри Бохтар”**

**Мавзуъ: Майсаи гандум (Суманак) ҳамчун ғизо ҷиҳати пешгирӣ аз бемориҳо дар организи инсон.**

**Мақсади машғулият: Сатҳи сифати дониши муҳассилинро нисбат ба олами наботот ва нақши онҳоро дар ҳаёти инсон баланд бардоштан мебошад. Бо такя намудан аз таҳқиқи то имрӯз гузаронидаи олимон, муайян намудани он ки одамон аз чӣ сабаб мубталои бемориҳо мешаванд ва кадом роҳҳои пешгирӣ намудани организми инсон аз ин бемориҳо то имрӯз маълум карда шудааст? Мавзуи интхобшудаи маҳфилро бо истифода аз усули робитаҳои байнифаннӣ, мустаҳкам гардондани донишу фаҳмиши муҳассилин оид ба шифобахш будани растаниҳо ва риояи қоидаҳои гигиена иктифо намудани онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза ба манфиати ҷонибҳо.**

**Намуди усули истифодашуда дар машғулият:** омехта.

**Методи тадрис:** бо истифода намудани нишондодҳои таҳқиқӣ-илмии олимон нақл, хондан, ҳикоя, ҳамзамон, мавриди истифода қарор додани шаклҳои гуногуни маълумотдиҳӣ аз ТИК.

**Таҷҳизонидан:** васоити компютерӣ – донаи гандум, майсаи гандум, суманаки моеъ ва кулчагӣ, тахтаи электронӣ барои намоиш додани узвҳои инсон, макети гандумзор бо тасвири видеоии витаминҳою микроэлементҳо, корхонаҳои орд ва як-ду буттаи хушкшудаи хӯшаи гандум, навори овозии тарзи омода намудани суманак дар Тоҷикистон то оғози маҳфил бояд омода бошанд.

**Тавсияи методӣ.**

Дар машғулияти маҳфили фаннӣ вобаста ба зинаи таълим аввал сатҳи сифати иҷрои супоришҳо мустақилонаро, ки дар машғулияти гузашта роҳбари маҳфил ба муҳассил додааст, пурсида, онро арзёбӣ бояд намуд. Зеро мақсади асосии маҳфили фаннӣ дар навбати аввал ташаккул додани тасаввурот дар майнаи сари муҳассилин дар хусуси номгӯи бемориҳои мухталифи организми одам ва роҳу воситаҳои пешгирӣ аз сироятёбӣ ба онҳо мебошад.

Ҳини баёни мавзуи нақшавии маҳфил, ки оид ба майсаи гандум мебошад, дар бораи таърихи пайдоиши суманак, ҳамчун ғизо истифода кардани одамон, назари илмӣ-таҳқиқии олимонро доир ба ғизои табобатӣ махсуб ёфтани суманак бо назардошти истифода аз роҳҳои пешгирии бемориҳои гуногун маълумот додан лозим меояд.



**Рафти баргузорӣ**

Тибқи нақшаи солонаи кории маҳфил дар ин машғулият якҷоя бо шумо ба яке аз хусусиятҳои муҳимму фоиданоки растании ғалладонагӣ, ки ба организми барои одамон манфиатрасон, яъне, бо гандум ва маҳсулоти аз он омодашаванда, майсаи гандум-суманак ва хусусиятҳои шифоии он ба буняи инсон ҷиҳати пешгирии як қатор бемориҳо ва шифобахшии он шинос хоҳем шуд. Одамон одатан бо майсаи гандум-суманак ҳазорсолаҳо шиносоӣ доранд. Дар даврони пеш хусусиятҳои шифобахшии ин растанӣ илман барои инсон то ба сатҳи имрӯза муайян нагардида буд. Дар тахтаи электронӣ расми гандум, хӯшаи гандум, майдони гандумзор ва маҳсулоти гандумӣ тасвир ёфтаанд. Ин маҳсулотҳо чӣ тавр ва бо кадом хусусиятҳояш ба

организми одам ҳамчун ғизои пешгирикунанда аз бемориҳои мухталиф фоида мерасонад? Ҳадафи дар назди худ гузоштаи мо иборат аз он аст, ки имрӯз ба ин савол возеҳу равшан аз нуқтаи назари таҳқиқӣ посух диҳем. Муфассал маърузаеро, ки ҷабҳаи пажуҳишии илмӣ дорад ва роҳбари маҳфил доир ба мавзуи маҳфили имрӯза омода намудааст, муҳассилин гӯш менамоянд, ки муҳтавои он ин гуна аст:

Наххое, ки дар таркиби сабзаи гандум мавҷуданд, барои ҳазми ғизо кумак мерасонанд. Суманак давои камхунӣ аст. Шуруъ аз оғози баҳор ҳамасола организми инсон аз норасоии витаминҳо ва микроэлементҳо азият мекашад. Ин ҳолат идома ёфта, одам ба бемории авитаминоз гирифтор мешавад. Барои бартараф кардани норасоии витамину минералҳо истеъмол суманак тавсия дода мешавад, ки табибон онро бисёр ҳам муфид арзёбӣ менамоянд.

Дар таркиби майсаи гандум 18 намуди аминокислотаҳо, инчунин витаминҳои C, $B_1$, $B_2$, $B_3$, $B_5$, $B_6$, PP, EE, микроэлементҳо ва моддаҳои зиёди минералӣ аз қабили фосфор, магний, калий, сулфур, калсий хлор, руҳ, натрий, манган ва ғайра мавҷуд буда, ки барои организми инсон фоидаовар мебошанд.

Олимони соҳаи тиб барои пешгирии бемории фарбеҳӣ, диабети қанд истеъмоли суманакро тавсия медиҳанд, ки он хусусияти аз рагҳои хунгард баровардани холестиринро дорад. Ҳамзамон, гуфта мешавад, ки ҳини истеъмоли суманак дар бунёи инсон иммунитет пурқувват шуда, организм ба сироят ёфтани бемориҳои мухталиф тобовар мегардад. Гузашта аз ин, олимони соҳаи тандурустӣ мунтазам истеъмоли суманакро ҳамчун ғизое, ки аз итсеъмоли он қувваи босира қавӣ мегардад, ба шахсоне, ки бинои чашмашон суст гаштааст, тавсия медиҳанд. Хусусияти фоидаовари дигари суманак ин аст, ки ҳуҷайраҳои пириро суст карда, пиршавии бармаҳалро пешгирӣ менамояд. Наххое, ки дар майсаи гандум мавҷуданд, барои ҳазми хӯрок ёрӣ мерасонанд. Майсаи гандум хастагиро бартараф карда, ба зидди бемории саратон мубориза мебарад. Витамини Е дар раванди афзоиши бадан иштирок мекунад, ки дар таркиби майсаи гандум мавҷуд аст. Норасоии ин витамин ба вайроншавии ҳуҷайраҳи ҷинсии мардона-занона ва инкишоф наёфтани онҳо мегардад.

Хулоса, майсаи гандум-суманак дар ҳаёти инсон аҳаммияти бузурги шифоӣ дошта, ба пешгирии бемориҳои дилу рагҳо, ғадуди сипаршакл даво буда, ба сабзиши мӯйи сар мусоидат намуда, таркиби хунро тозаю хастагиро бартараф мекунад. Имрӯз баргузор кардани чораёни машғулиятҳоро бо истифодаи методологияи нави тадрис ҳини ҳамгуна машғулият риояи яке аз талаботи омӯзиши замонавӣ меҳисобанд. Албатта, ин барои омӯзгори фанни дарсдиҳанда масъулияти зиёдеро тақозо менамояд, то ин ки машғулият ба қатори дарси ҷавобгӯи талаботи имрӯз шомил бошад. Намунаи мавзуи маҳфили фан бо маводи мазкури омодагардида барои омӯзгорони ҷавон ва бахусус, омӯзгорони нававар ҳамчун қатрае аз баҳри методикаи таълими фанни биология маҳсуб ёфта, метавонад дар пайравии он барои кор карда баромадани нақшаю усули наву шавқовари тадрис хизмат намояд.

Муҳтавои маърузаи мавзуи маҳфили имрӯза дар хусуси он мерафт, ки муҳассил оид ба растаниҳои ғалладонагӣ, бахусус, гандум ба организми одам то кадом дараҷа ҷиҳатҳои фоидабахшию табобатӣ доштани онро фаҳмида бошанд. Муҳассилин барои ба саволи роҳбари маҳфил «Бо андешаи шумо, кадом роҳҳои коркард – саноатӣ ё анъанавӣ ҳини омода кардани маҳсулоти гандумӣ истеъмоли маҳсули он ба бунёи инсон манфиатбахштар мебошад» ҷавоб ёфтан бидуни маърузаи шунидааш, мустақилона аз мушоҳидаҳои ҳаёташон дар ин самт ба хотир оварда, андеша ронанд.

Ҷиҳати мустаҳкам намудани мавзуи маҳфили имрӯза гаштаю баргашта ба муҳассилин фаҳмондан зарур аст, ки бунёи инсон ба кадом ҷузъиёти таркиби суманак ва гандум бештар ниёз дорад ва онро чӣ гуна метавон дастрасу таъмин намуд, то ин ки бунёи ӯ аз бемориҳои болозикр эмин бошад.

**Адабиёт:**


1. Янпольская, Р. В., Черток, Т. Я., Алферова И. Н. Основы медицинских знаний. – М: Просвещение, 1986. – 319 с.
2. Богданов, Я. М. Гигиена. М. 1966.
3. Буянов, В. М. Первая медицинская помошь. Медицина: Издание 5-е, 1987. – 192 с.

*Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2024, №652 тасдиқ шудааст*

# КОНСЕПСИЯИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2045

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045 (минбаъд - Консепсияи мазкур) принсипҳо, самтҳои афзалиятнок, мақсаду вазифаҳо ва механизми рушди таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

2. Консепсияи мазкур ба амалӣ намудани дастрасии баробар ба таҳсил барои ҳамаи кӯдакон дар муассисаҳои таълимии наздик ба маҳалли зист ва оилаи онҳо қарор дошта, новобаста аз ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ равона гардидааст.

3. Консепсияи мазкур ба ташкил намудани низоми таҳсилоти фарогир равона гардида, ҷиҳати ҳаматарафа омӯхтани омилҳои асосии вазъи таҳсилот, пеш аз ҳама, таҳсилоти махсус, омода будан барои қабули тамоми кӯдакон ба низоми таҳсилоти умумӣ ва муносибати таҳаммулпазирона дар ин зина мусоидат менамояд.

4. Зарурати қабул намудани Консепсияи мазкур аз инҳо иборат аст:

- таъмини дастрасӣ ва иштироки баробари ҳамаи кӯдакон ба таҳсил бидуни табъиз;
- таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ, шуъбаҳои дастгирии ҳамаҷонибаи оила ва кӯдаки марказҳои саломатии шаҳру ноҳияҳо, комиссияҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, муассисаҳои хадамоти иҷтимоӣ, марказҳои ҷавонон бо маводду технологияҳои ёрирасон ва захираҳои зарурӣ барои дастгирии кӯдаконе, ки дар таҳсил бо мушкилот дучор мешаванд;
- беҳтар кардани раванди дахолати барвақтии кӯдакон, дастрасии инфрасохтори маориф, омӯзонидан ва дастгирии омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, ҳамкории байнисоҳавӣ, муайянкунӣ ва пайгирии хонандагоне, ки дар хатари тарки таҳсил қарор доранд ё ба таҳсил фаро гирифта нашудаанд;
- мусоидат ҷиҳати дар муҳити оила тарбия гирифтани кӯдаконе, ки дар муассисаҳои таълимии махсус таҳсил мекунанд.

5. Мафҳумҳои асосие, ки дар Консепсияи мазкур истифода мешаванд:

- маъюбӣ -дараҷаи маҳдудияти фаъолияти ҳаётии инсон дар натиҷаи нуқсёбии саломатӣ бо коҳиши устувори вазифаҳои организм;
- таҳсилоти фарогир - муҳайё кардани шароити мусоид барои кӯдакон, новобаста аз ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ҷиҳати гирифтани таҳсилот;
- тарҳи универсалии омӯзиш - раванди педагогие, ки асоси таҳсилоти фарогирро ташкил дода, ба таҳиягарони барномаи таълимӣ ва омӯзгорон дар тарҳрезии дарсҳо, фаъолият ва захираҳои омӯзишӣ, ки барои ҳама хонандагон дастрасанд, кумак мерасонад.

## 2. МАҚСАД, ВАЗИФАҲО ВА ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

6 .Мақсади таҳсилоти фарогир таъмини дастрасии ҳамаи шаҳрвандони синну соли мувофиқ ба гирифтани таҳсилот якҷо бо ҳамсолон дар муассисаҳои таълимӣ, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва маъюбият мебошад.

7. Вазифаҳои таҳсилоти фарогир:

- пешниҳод намудани ҷойгиркунии оқилонаи кӯдакон бо дарназардошти хидматрасонии иҷтимоӣ, равонӣ ва педагогӣ дар раванди таълим;

- баланд бардоштани сатҳи иштироки ҳамаи хонандагон дар ҳаёти фарҳангии муассисаи таълимӣ ва кам кардани шумораи кӯдакони аз таҳсил дурмонда;

- бартараф кардани монеаҳо ва беҳтар намудани дастрасии шахсоне, ки дар таҳсил ба мушкилот дучор мешаванд ё дорои талаботи махсуси таълимӣ мебошанд.

8. Принсипҳои таҳсилоти фарогир:

- имконияти гирифтани таҳсили ҳар як таълимгиранда дар муассисаҳои таълимии ба маҳалли истиқомат ва оилааш наздик, новобаста аз вазъи саломатӣ, миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, вазъи иҷтимоӣ;

- манъи поймолкунии ҳуқуқи кӯдаконе, ки мушкилот ё хусусиятҳои фардӣ доранд, аз рӯйи мансубияти нажодӣ ва миллӣ, ҷинс, дин, забон, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ ва дигар нишонаҳо ҳангоми амалисозии ҳуқуқ ба таҳсил;

- мутобиқати муассисаҳои таълимӣ барои амалисозии таҳсилоти фарогир дар ҳамаи зинаҳо (аз ҷумла мутобиқати барномаҳои таълимӣ, муҳити атроф, омода намудану бозомӯзии педагогҳо, равоншиносон);

- муносибати инфиродӣ, новобаста аз синну сол ва сатҳи қобилияти идроки хонанда бо дарназардошти гуногунии хусусият ва талаботи ҳар як кӯдак;

- таъмини таҳсилоти фарогир дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;

- роҳандозии таҳсилоти фарогир дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва дастовардҳои эътирофшудаи ҷаҳонӣ;

- дар муҳити оила ба воя расидани кӯдак;

- ҳамкорӣ бо падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва ҷонибҳои манфиатдори дигари ҷомеа;

- рушди педагогикаи фарогир дар омӯзиш, арзёбӣ ва тарҳрезии муҳити дастраси омӯзиш дар таҳсилоти фарогир.

## 3. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

9. Давлат ба ҳамаи шахсоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд, таҳсилоти умумиро ба таври ройгон дар муассисаҳои давлатии таълимӣ кафолат дода, барои таҳсили шахсони дорои мушкилиҳо дар таълим дар муассисаҳои давлатии таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, шароит фароҳам меорад.

10. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти фарогир асосан дар муассисаҳои таълимии махсусгардонидашуда (барои кӯдакони дорои иллатҳои шунавоӣ, биноӣ, нутқ, ақлан носолим, узвҳои ҳаракаткунандаашон осебдор, инкишофи равониашон суст) ташкил карда шудааст. Ҷалби мақсадноки кӯдакон, новобаста аз ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият ва вазъи иҷтимоӣ, ба муҳити таҳсилот дар ҷумҳурӣ дар шакли падидаҳои алоҳида ва таҷрибаи инфиродӣ ба роҳ монда шудааст.

11. Ба шахсоне, ки дар таълим бо мушкилиҳо дучор мешаванд, ҳангоми гирифтани таҳсилот кумаки равониву педагогии ройгон расонида шуда, барои гирифтани таҳсилот бо дарназардошти имконияту қобилиятҳои онҳо шароит фароҳам оварда мешавад.

12. Ба шахсони дорои талаботи махсуси таълимӣ бо дарназардошти тавсияҳои мақоми ваколатдори экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва шуъбаҳои дастгирии ҳамаҷонибаи оила ва кӯдаки марказҳои саломатии шаҳру ноҳияҳо, хонандагоне, ки мушкилот дар таълим доранд, барои гирифтани таҳсилот дар муассисаҳои таълимии давлатӣ бо захираҳо, дастгирӣ ва мутобиқгардонӣ, ҷойгиркунии оқилона ва тағйиркунӣ дар баробари ҳама таъмин карда мешаванд.

13. Ба ҳар як хонанда, бо дарназардошти хусусият ва имкониятҳои хосаш, вобаста ба интихоби касб имкон дода мешавад, ки барномаҳои таълимии иловагӣ ва асосии касбиро аз худ намояд.

14. Дар айни ҳол дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, ки барои кӯдакони синни томактабии имконияташон маҳдуд пешбинӣ шудаанд, бо фарогирии 465 кӯдак фаъолият мекунанд.

15. Дар соли таҳсили 2024-2025 15 мактаб-интернат барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта дар ҷумҳурӣ фаъолият мекунанд, ки аз он 4 мактаб-интернат дорои мақоми ҷумҳуриявӣ буда, дар онҳо 2578 кӯдак ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба онҳо 479 омӯзгор, аз ҷумла, 416 нафар дорои таҳсилоти олӣ, 14 нафар дорои таҳсилоти олии нопурра ва 49 нафар дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ таълиму тарбия медиҳанд.

16. Тайёр намудани омӯзгорон дар самти таҳсилоти фарогир яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Дар айни замон дар заминаи панҷ муассисаи таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгории ҷумҳурӣ дар назди факултети педагогика шуъбаҳои олигофренопедагогика, логопедия, дефектология ва сурдопедагогика ташкил шудаанд, ки дар онҳо мутахассисони ихтисосманди самти таҳсилоти фарогир омода карда мешаванд.

17. Новобаста ба корҳои анҷомдодашуда, дар фаъолияти ин муассисаҳо як қатор мушкилот ҷой дорад:

- нарасидани мутахассисон-дефектологҳо (олигофринопедагогҳо, сурдопедагогҳо), равоншиносон, логопедҳо;
- таъмин набудани муассисаҳои махсус бо мушовирони равоншинос, тиббию педагогӣ;
- нокифоя будани миқдори муассисаҳои томактаби, таҳсилоти умуми барои кудакони имконияташон маҳдуд;
- набудани ҳуҷраҳои даҳолати барвақтӣ дар муассисаҳои тиббию профлактикӣ.

18. Консепсияи мазкур барои бартараф намудани мушкилот дар самти таҳсилоти фарогир муҳим буда, барои фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсилоти босифат, новобаста аз ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият ва вазъи иҷтимоИ муосидат менамояд.

## 4. САМТҲОИ АСОСИИ АМАЛИСОЗИИ КОНСЕПСИЯ

19. Барои амалисозии меъёрҳои таҳсилоти фарогир заминаи ҳуқуқии мукаммал дар сиёсати давлатӣ амалӣ карда мешавад. Дар ин замина, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои Консепсияи мазкур андешидани чораҳои зерин муҳим аст:

- такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид намудани тағйироти зарурӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти принсип ва механизмҳои амалисозии низоми таҳсилоти фарогир;
- дар асоси маблағгузории сарикасӣ ва ҷамъоварии маълумоти дақиқ ва нави низоми иттилоотии идоракунии маориф ва илм бознигарӣ намудани механизми маблағгузории хонандагоне, ки мушкилӣ дар таълим доранд;
- таҳия, қабул ва амалисозии барномаҳои дастгирии мақсаднок ҳамчун механизми амалисозии Консепсияи мазкур дар тамоми зинаҳои таҳсилот.

20. Барои амалисозии Консепсияи мазкур бояд дар самтҳои зерин чораҳои зарурӣ андешида шаванд:

- ба низом даровардани маблағгузории муассисаҳои таълимӣ дар асоси ҷамъоварии маълумоти дақиқ барои дастгирии кофӣ ва таъмини захираҳои зарурӣ дар раванди таълим ва иштироки ҳамаи хонандагон;
- васеъ намудани хизматрасониҳои таълимӣ, бахусус, дар деҳот, барои кӯдакони дорои мушкилиҳо дар таълим;
- васеъ намудани хизматрасониҳои муайянкунии саривақтӣ ва даҳолати барвақтӣ, марказҳои тавонбахшии кӯдакон ва ҷавонон;
- таъмин намудани дастрасии хонандагон ба лавозимоти зарурӣ, маводди таълимӣ ва омӯзишӣ, дастгоҳҳои ёрирасон ва технологияҳо барои омӯзиш ва иштирок дар муҳити таҳсилоти умумӣ (аз ҷумла китобҳои дарсӣ бо алифбои Брайл ё бо ҳарфи калон, дастгоҳҳои шунавоӣ, забони имову ишора, дастрасӣ ба об ва гигиенаи шахсӣ, пандусҳо, гузаргоҳҳои махсус ва воситаҳои дигари ёрирасон);

- дар асоси ҷойгиркунии оқилона фароҳам овардани шароит барои муҳити дастрас дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ (пандусҳо, лифтҳо, майдончаҳои махсус муҷаҳҳазшуда ва ғайра), ташкили раванди таълим (ҷойи кор дар синфхона, асбобҳои хониш ва навиштан, таҷҳизоти муосири мустаҳкамкунии садо, дастурҳои махсуси дидактикӣ ва маҷмуаҳо);

- рушди низоми дастгирии иҷтимоӣ, равонию педагогӣ, тиббии ҳамаи иштирокдорони раванди таълим;

- ташкили бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мунтазами омӯзгорон, роҳбарият ва кормандони дигари муассисаҳои таълимӣ дар самти таҳсилоти фарогир;

- таҷдид намудани басти вазифавии таҳсилоти махсус ва ворид намудани воҳидҳои кории иловагӣ, аз ҷумла омӯзгори таҳсилоти махсус, педагог-равоншинос, ёвари омӯзгор (тютер) ва педагоги иҷтимоӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

- бознигарӣ ва навсозии равандҳои арзёбӣ ва сертификатсия ҷиҳати бартараф кардани монеаҳо барои кӯдакони дорои мушкилот дар таълим;

- муқаррар намудани воҳидҳои махсус ва андешидани чораҳои дигар барои дастгирии дастрасӣ ба бозори меҳнат барои хонандагони дорои мушкилот дар таълим;

- баррасӣ ва мукаммал намудани барномаи таълимӣ ва усулҳои педагогӣ барои мувофиқат бо принсипҳои тарҳи универсалии омӯзиш;

- таҳияи харитаи роҳи гузариши муассисаҳои таълимии шакли махсус ба марказҳои захиравии таҳсилоти фарогир ва омӯзгорони махсус ба мушовирони таҳсилоти фарогир;

- баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо ҳамчун шарикони баробар дар раванди таълим;

- баланд бардоштани сатҳи иштироки падару модарон, оилаҳо ва парасторон дар рушди умумии кӯдакон (иҷтимоӣ, эҳсосотӣ, ҷисмонӣ ва зеҳнӣ), дар ҳамоҳангӣ бо низоми иртибот ва назардиҳӣ бо падару модарон, байни падару модар ва омӯзгорон, падару модар ва хонандагон, падару модар ва муассисаи таълимӣ ва шахсони манфиатдори дигари ҷомеа.

## 5. РОҲҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАҲОРАТИ КАСБИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ ПЕДАГОГӢ ДАР ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

21. Педагогикаи таҳсилоти фарогир қобилияти расонидани моҳияти таълимро ба ҳамаи кӯдакон бо дар назар доштани онҳое, ки дар таҳсил мушкилот доранд, амалӣ менамояд ва бо ин мақсад нақшаю барномаи инфиродии хонандаро таҳия месозад. Омӯзгори таҳсилоти фарогир, омӯзгори босалоҳият буда, эҳтиёҷоти гуногуни таълимии ҳамаи кӯдаконро ба эътибор гирифта, мувофиқи он ҷараёни дарсро тарҳрезӣ ва ташкил мекунад.

22. Амалӣ намудани чораҳои зерин барои таъмини омодагии кормандон дар низоми таҳсилоти фарогир зарур мебошад:

- ҳамгиро ва мутобиқ намудани дарсҳо вобаста ба таҳсилоти фарогир дар таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ҳамчунин такмили ихтисос барои омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, дар асоси далелҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи беҳтарин дар рушди иқтидор барои таҳсилоти фарогир;

- тарҳрезӣ ва амалӣ намудани курсҳои омӯзишӣ оид ба таҳсилоти фарогир (дар таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимӣ) барои дастгирии омӯзгорон, мутахассисони муайянкунии саривақтӣ ва дигар мутахассисон (мутахассисони рушди барвақтии кӯдакон, кормандони иҷтимоӣ, тавонбахшони ҷисмонӣ инкишофи нутқ, коммуникатсия ва ғайра);

- таҳия ва ҷорӣ намудани технология ва усулҳои муосири педагогӣ барои амалисозии таҳсилоти фарогир бо дарназардошти принсипҳои тарҳи универсалии омӯзиш ва педагогикаи хонандамеҳвар;

- таъсиси низоми дастгирии бардавом барои омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла ташкили дастгирии методӣ оид ба рушди таҳсилоти фарогир дар иттиҳодияҳо ва шуроҳои методии муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти маҳаллии идоракунии

маориф, амалӣ намудани курсҳои омӯзиши омехта оид ба таҳсилоти фарогир бо дастгирии менторон (устодон) дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ.

## 6. КОРҲОИ МАЪРИФАТӢ ВА ҶАЛБИ ҶОМЕА БА РАВАНДИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

23. Ҷомеаи фарогир барои тамоми кӯдакон дастрас буда, онҳоро дастгирӣ менамояд.

24. Барои ташкили таҳсилоти фарогир чорабиниҳои зерин амалӣ мешаванд:

- гузарондани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ дар муассисаҳои таълимӣ, бо оила ва ҷомеа баҳри таҳкими ҳамкориҳо ҷиҳати рушди таҳсилоти фарогир тавассути ҷалби мақомоти маҳаллӣ, ҳифзи ҳуқуқ, падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда;
- таҳияи нақшаи чорабиниҳо оид ба дастгирии кӯдакони дорои ниёзи махсуси таълимӣ;
- кор бо падару модарон ва аҳли ҷомеа дар ҳама сатҳҳои низоми таҳсилот бо мақсади паст кардани тамғагузорӣ ва табъиз марбут ба кӯдакони дорои маъюбият;
- такмили низоми васоят ва парасторӣ, оилаи (мураббии) парастор бо таваҷҷуҳ ба таҳсил ва тарбияи оилавӣ;
- таҳияи нақшаи чорабиниҳо барои дастгирии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), омӯзгорон ҷиҳати ҷалби онҳо ба ҳамкорӣ ва дастгирии фарзандон дар муҳити оила;
- беҳтар намудани робита, ҳамоҳангсозӣ ва механизми ҳамкории байни падару модарон ва омӯзгорон, кумитаҳои падару модар ва роҳбарияти муассисаи таълимӣ, мақомоти маҳаллии идоракунии маориф ҷиҳати ташкили низоми иртибот ва назардиҳӣ бо падару модар.

## 7. МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ АМАЛИСОЗИИ КОНСЕПСИЯ

25. Амалисозии Консепсияи мазкур дар доираи маблағҳои ҳамасола барои вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои таълимӣ пешбинишудаи буҷети давлатӣ, инчунин маблағҳои ғайрибуҷетӣ, грантҳо ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, анҷом дода мешавад.

26. Барои амалигардонии Консепсияи мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи дахлдор таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

## 8. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИСОЗИИ КОНСЕПСИЯ

27. Мониторинг ва арзёбии амалисозии Консепсияи мазкур аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

28. Мониторинг ва арзёбии Консепсияи мазкур мутобиқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

29. Дар рафти амалисозии Консепсияи мазкур мақомоти дахлдор ҳар семоҳа ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои он маълумот пешниҳод менамоянд. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ҳамасола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти амалисозии Консепсияи мазкур маълумот пешниҳод мекунад.

30. Маълумот оид ба рафти амалисозии Консепсияи мазкур дар сомонаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ҷойгир карда мешавад.

## 9. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТИ КОНСЕПСИЯ

31. Консепсияи мазкур барои таъмин намудани дастрасӣ ба таҳсилоти фарогир ба ҳамаи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад. Амалишавии Консепсияи мазкур ба ноилшавии натиҷаҳои пешбинишудаи зерин шароит муҳайё месозад:

- инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ беҳтар карда шуда, шароит барои бунёди муҳити бемонеа (роҳрав, пандус, ҷойи нишаст, лифт, ошхона, ташноб ва дигар шароитҳои иҷтимоӣ), рафъи монеаҳои ҷисмонӣ барои таҳсилоти фарогир фароҳам оварда мешавад;

- ҳуқуқҳои кӯдаконе, ки дар таълим ба мушкилот дучор мешаванд, барои зиндагӣ ва тарбия ёфтан дар оила, барои гирифтани таҳсилоти босифат, дастрасӣ ба захираҳои коммуникатсионии иттилоотӣ таъмин карда мешаванд;

- муассисаҳои давлатӣ, шарикони хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври фаъолона дар раванди ташкили таҳсилоти фарогир барои қонеъ кардани манфиат, шавқ ва ниёзҳои таълимии ҳамаи кӯдакон, аз ҷумла кӯдакони бештар осебпазир фаъолона иштирок мекунанд;

- заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва соҳаҳои дигар барои кӯдаконе, ки дар таълим мушкилот доранд, таҷдиди назар ва такмил дода мешавад;

- ҳамкории байнисоҳавӣ барои дастгирии кӯдакон ва муассисаҳои таълимӣ вобаста ба эҳтиёҷоти мушаххаси онҳо ба роҳ монда мешавад;

- шартҳои ҷалби кӯдакони дорои мушкилот дар таълим дар раванди таҳсилоти миёнаи умумӣ муқаррар карда мешаванд;

- низоми самарабахши тайёрӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ аз рӯйи принсипҳои таҳсилоти фарогир ба роҳ монда мешавад.

## 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

32. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар роҳбарии умумии амалисозии Консепсияи мазкур масъул буда, бо мақсади ҷалби маблағгузорӣ ҷиҳати амалисозии Консепсияи мазкур бо шарикони рушд ҳамкорӣ менамояд.

33. Амалисозии Консепсияи мазкур ба зиммаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардида, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои амалисозии самараноки Консепсияи мазкур тадбирҳои дахлдор меандешанд ва ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Ҳар сухан нест лоиқи гуфтан,
Ҳар гуҳар нест қобили суфтан.
Суханеро, ки дар мақол орӣ,
Аввал он беҳ, ки дар хаёл орӣ.
Пасу пеши сухан назора кунӣ,
Гар киноят бувад, канора кунӣ.
Гар сухан лоиқ аст, дар вай печ,
Варна сад сол гуфтаӣ ҳама ҳеч.

**Камолиддини БИНОЙӢ**

# МУАММОИ «ДОНИШ»




1. Кӯҳ дар ҶИЭ. 2. Мағзи ҳар чиз. 3. Муродифи «супориш», «фармон». 4. Ҳаммаънои «банд», «таноб». 5. Тамғаи мошини сабукрави хориҷӣ. 6. Бузург, кабир. 7. Исми хонаводагии Шоири халқии Тоҷикистон Абдумалик Баҳорӣ. 8. Исми мардона ё номи асари Носири Хусрав. 9. Ноҳия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 10. Асбоби мусиқии торӣ. 11. Олими соҳаи физика. 12. Унсури кимиёвӣ. 13. «Овози *** шунидан аз дур хуш аст». 14. Гул. 15. Яке аз шаш қитъаи олам. 16. Асари Абуалӣ ибни Сино. 17. Ҳаммаънои мулоим. 18. Навъи хӯроки миллӣ. 19. Либоси миллӣ. 20. Истилоҳи илми забоншиносӣ. 21. Ҷинси кӯҳӣ. 22. Дарё дар Ҳиндустон. 23. Давлат дар қитъаи Африқо. 24. Истилоҳи илми физика.

***Мураттиб***
***Ҳотами ҲОМИД***